# ПАРЧАМАТ БОДО ПАРАФШОН, ТОҶИКИСТОН!

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 16-18 (70-72) 24-УМИ НОЯБРИ СОЛИ 2017, ҶУМЪА





**Маҳз ҳамин иҷлосия сарнавишти миллати тоҷикро дар як давраи бисёр ҳассоси таърихӣ муайян намуда, давлати моро аз хатари аз байн рафтан ва миллатамонро аз пароканда шудан наҷот бахшид.**

**Иҷлосияи шонздаҳум имконият дод, ки тамомияти арзии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ягонаи мустақил ҳифз карда шавад.**

**Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳифаи навро дар таърихи давлатдории тоҷикон оғоз намуд. Ба давраи бесарусомонӣ, кашмакашҳо ва талошҳои беҳудаи ҳарисони мансаб, ки ба иродаи қувваҳои бадхоҳи дохиливу хориҷӣ такя доштанд, хотима гузошта шуд.**

**Оғози кори иҷлосия ибтидои умеду дилпурии мардуми Тоҷикистон аз фаъолияти ҷасуронаву ватанпарастонаи вакилони интихобкардаи худ буд, ки масъулияти вазнини баргузории онро ба уҳда гирифта буданд.**

**Иҷлосияи 16-ум баробари ба таври қатъӣ эълон кардани волоияти қонун, тартибу низоми ҷамъиятӣ ва пешгирӣ кардани кӯшишҳои харобгаронаву ҷудоихоҳонаи қувваҳои муайяни дохиливу хориҷӣ дар ҳаёти мардуми кишвар таҳаввулоти амиқ ва дигаргуниҳои бунёдии сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиро ворид намуд.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

Муассис:
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

Сармуҳаррир:
Ҷаҳонгир САЪДИЗОДА
jahon_1967@mail.ru

Муовини сармуҳаррир:
Исмоил ШАРИФЗОДА
Муҳаррир:
Бобоҷон НАИМЗОДА
Тарроҳ:
Акмал ШАРИПОВ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Раҳмон Д.С.
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
Сафарзода Б.А.
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
Маҳмудов И.Т.
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
Абдуллоев П.С.
муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
Камолзода И. И.
дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ;
Сулаймонов Ф. С.
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Ватанзода М. М.
ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ;
Саид Нуриддин Саид
вазири маориф ва илми ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ;
Имомзода М. С.
ректори ДМТ, академики АИ ҶТ;
Тоҳиров Ф. Т.
академики АИ ҶТ;
Маҳмудзода М. А.
раиси Суди Конститутсионии ҶТ, академики АИ ҶТ;
Раҳимзода М.З.
директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ;
Диноршоев М.
академики АИ ҶТ;
Насриддинзода Э. С.
профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АИ ҶТ;

ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳама андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ тахти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш.Душанбе Буни Ҳисорак, Шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: 985-38-38-67, 900-55-51-67. Теъдод: 1000
Навбатдори шумора: Исмоил Шарифзода

# ИҶЛОСИЯИ ТАҚДИРСОЗИ 16-УМИ ШӮРОИ ОЛӢ ВА РУШДИ ҚОНУНГУЗОРӢ







Санаи 10-уми ноябри соли 2017 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар мавзӯи «Аҳамияти иҷлосияи тақдирсози 16-уми Шӯрои Олии ҶТ дар таҳкими давлатдории миллӣ ва рушди қонунгузорӣ» бо иштироки доираи васеи омӯзгорону олимон, аспирантону муҳаққиқон, кормандони мақомотҳои давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ, васоити ахбори омма ва матбуоти даврӣ конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 25-умин солгарди баргузории ин Иҷлосияи тақдирсоз баргузор гардид. Нахуст, декани факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Дилшод Сафарбек ба кори конференсия ҳусни оғоз бахшида, дар хусуси зарурат ва аҳамияти баргузории он гузориш доданд. Аз ҷумла иброз намуданд, ки дар таърихи ҳар як халқу давлат лаҳзаҳое фаро мерасанд, ки дар сарнавишти ояндаи он миллат ва бунёду пешрафти мамлакат нақши муассир мебозанд. Барои давлати тоза ба истиқлол расидаи тоҷикон – Тоҷикистон лаҳзаи таърихиву тақдирсоз моҳи ноябри соли 1992 дар иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон ба вуқӯъ пайваст. Зеро ин иҷлосия барои таҳкими давлатдории миллӣ, рушди қонунгузорӣ, ташаккули истиқлолияти воқеӣ ва ваҳдати миллӣ замина гузошта, ба раванди созандагию бунёдкорӣ ва рушди соҳаҳои сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва пайвастан ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳусни оғоз бахшид. Воқеан ҳам ин иҷлосия дар қалби ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ шӯълаи умедро ба сӯйи фардои неки давлатдории миллӣ, таъмини рӯзгори босаодату пурнишоти мардуми кишвар фурӯзон намуд. Мардуми сарбаланду меҳанпараст ва фарҳангсолори тоҷик бо шукргузорӣ аз даврони соҳибихтиёрӣ имсол 25-умин солгарди баргузории ин Иҷлосияи тақдирсозро дар рӯҳияи хизмати содиқона ба Ватану миллат ва сарзамини аҷдодии хеш бо шукӯҳу ҷалоли хоса таҷлил менамоянд.

Ҳамчунин дар кори конференсия сардори раёсати илм ва инноватсияи ДМТ, номзади имлҳои ҳуқуқ, дотсент Қурбонализода Нурулло иштирок ва вобаста ба мавзӯи баррасишаванда иброз намуд, ки Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон аз ҷумлаи рӯйдодҳои таърихиест, ки дар тақдири давлатдории миллии тоҷикон марҳилаи сифатан навро бунёд намуда, хатари аз байн рафтани давлати тозаистиқлол ва парокандашавии миллати тоҷикро пешгирӣ кард.

Ҳамзамон дар кори конференсия сардори Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ, номзади илмҳои ҳуқуқ Саидвализода Барно баромад намуда, ҳозиринро аз номи Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ табрик гуфт. Ӯ зимни суханронии хеш бори дигар аз аҳамияти сарнавиштсози Иҷлосияи тақдирсоз ёдовар шуда, нақши ҳалкунандаи қарору санадҳои қабулнамудаи ин Иҷлосияро дар таҳкими давлатдории миллӣ, сулҳу суббот, оромии ҷомеа ва пешрафти кишвар махсусан таъкид намуд.

Сипас, аз рӯйи рӯзномаи барномаи конференсия маърӯзаҳои устодони факултет, олимон ва намояндагони мақомотҳои давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ шунида шуд. Баромадкунандагон мазмуну моҳияти маърӯзаҳои хешро шарҳ дода, таҳқиқу омӯзиши минбаъдаи онро асоснок намуданд. Дар музокира табодули афкори судманди ҳозирин ва маърӯзачиён сурат гирифт.

Мавриди зикри хос аст, ки аксарияти иштирокчиёни конференсия фурсати муносибро истифода намуда, андешаю назари хешро оид ба паҳлуҳои мухталифи масъалаҳои баррасишуда баён намуданд.

Дар охир таъкид карда шуд, ки бузургтарин дастоварди ин иҷлосияи тақдирсоз он буд, ки фарзанди бонангу номус, далеру ҷасур, покзамиру нексиришт ва ғурури баланди миллидошта Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун Сарвари Давлат тавлид ва ба ӯро ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ ҳидоят намуд. Ин фарзанди фарзонаи миллат ҷон дар каф бо як далериву ҷасорати бемисл масъулияти баланди роҳбариро ба душ гирифта, ба наҷоти миллату давлати тоҷикон камари ҳиммат баст. Дар натиҷаи азму талош, кӯшишу пайкорҳои бемисл ва хизмату заҳматҳои арзандаи шабонарӯзии ин шахсияти барҷастаи таърихӣ дар як муддати кӯтоҳ таърихӣ алангаи ҷанги шаҳрвандӣ хомӯш карда шуда, хатари парокандашавии миллати тоҷик ва давлати тоҷикон сарбаландона рафъ карда шуд. Миллати тоҷик дар симои Эмомалӣ Раҳмон шахси хирадманду дурандеш, роҳбари оқилу тавоно, қаҳрамони асил ва Пешвои ҳақиқии хешро пайдо намуд. Дар воқеъ, таърихи навини давлатдории тоҷиконро бе заҳмату талош, хизматҳои арзандаву шоистаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тасаввур кардан имконнопазир аст. Бояд ҷавонмардона эътироф намуд, ки ба зима гирифтани масъулият ба кори давлатдориву давлатсозӣ дар ҷойи хушку холӣ, бе заминаҳои муайяни устувори молиявию моддӣ, иқтисодиёти фалаҷгашта саҳлу осон набуд. Танҳо нафаре метавонист ба ин корҳо дастболо шавад, ки бо дарки ғуруру ҳувияти баланди миллӣ тамоми ҳастиву вуҷуди хешро ба миллату сарзамини хеш фидо кунад. Дар заминаи қабули қарорҳои таърихию тақдирсоз, роҳандозӣ намудани ташаббусҳои созандаву сиёсати ҳадафмандона ва андешидани силсилаи тадбирҳои мақсаднoки фарзанди содиқу вафодори миллат - Сарвари маҳбуби тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқии кишвар дигаргуниҳои куллӣ ба вуқӯъ пайваста, заминаҳои боэътимоду устувори бунёди аркони давлатдории миллӣ гузошта шуд. ҶТ роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёд, соҳибихтиёр, демократӣ, дунявӣ ва ягонаро пеш гирифта, дар як муҳлати кӯтоҳи таърихӣ соҳиби Конститутсия, Нишон, Парчам, Суруди миллӣ, асьори миллӣ ва тамоми рукнҳои давлатдории миллӣ гашт.

# ЧОРАБИНӢ БАХШИДА БА РӮЗИ ҚАБУЛИ КОНСТИТУТСИЯ

Яке аз бузургтарин ва арзишмандтарин дастоварди ҶТ дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ ин қабули Конститутсияи ҶТ ба ҳисоб меравад. Дар тӯли амали зиёда аз 23 сол ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз дар роҳи эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд, таҳкими давлатдории миллӣ, ҳифзи манфиатҳои миллиюу давлатӣ, таъмини сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд саҳми беназир дорад.

Бо мақсади таҷлили ин санаи фараҳбахш ва санади таърихӣ рӯзи 1-уми ноябри соли 2017 дар заминаи кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи конститутсионӣ дар замони муосир» бо иштироки доираи васеи омӯзгорону олимон, кормандони мақомоти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, аспирантону муҳаққиқон, намояндагони васоити ахбори омма ва матбуоти даврӣ конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 23-юмин солгарди рӯзи қабули Конститутсияи ҶТ баргузор гардид. Ҷаласаро бо сухани ифтитоҳӣ декани факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Раҳмон Д.С. ҳусни оғоз бахшида, ба ҳозирин дар хусуси аҳамияти баргузории конференсияи мазкур гузориш доданд. Аз ҷумла иброз намуданд, ки татбиқи Конститутсия дар амал нишон дод, ки воқеан ҳам ин санад аз ҷониби мутахассисони варзида ва коршиносони соҳа таҳия гардида, меъёрҳои он барои ояндаи дур низ хизмат карда метавонанд. Конститутсияи ҶТ бо дарназардошти арзишҳои пешқадами ҷомеаи башар, ченаку стандартҳои байналмилалӣ, таҷрибаи пешқадами кишварҳои олам ва манфиатҳои миллии мардуми Тоҷикистон таҳия ва қабул шуда, ба ифтихори ҳар як шаҳрванди меҳанпараст табдил ёфтааст. Ин маҳсули фаъолияти чандин комиссия ва гурӯҳҳои корӣ буда, дастоварди бузурги миллии мо маҳсуб меёбад.



Дар кори конференсия сардори раёсати илм ва иноватсияи ДМТ, номзади имлҳои ҳуқуқ, дотсент Қурбонализода Н.Ш. иштирок ва вобаста ба мавзӯи баррасишаванда андешаву назари хешро иброз намуд.

Таъкид карда шуд, ки Конститутсияи кишвар тамоми орзуву ормон ва ҳувияти озодихоҳиву озодиандешии мардуми тоҷикро дар худ ифода намуда, барои пойдории ҳокимияти конститутсионӣ, таҳкими рукнҳои давлатдорӣ, ноил гардидан ба пешравиҳои бузурги сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва муҳайё намудани шароити арзандаи зиндагонии босаодати ҳар фард заминаи мусоидро фароҳам овард. Ҳамзамон қабули Конститутсия заминаҳои боэътимоди ҳуқуқиву ташкилиро дар самти таҳия ва қабули қонунҳои нави ҷавобгӯй ба талаботи замон, таҷассумгари манфиатҳои миллӣ ва таҷдиду азнавсозии мақомоти давлатӣ ва ниҳоду сохторҳои ҳуқуқмуҳофизавӣ бунёд гузошт. Ҷойи ифтихор аст, ки Конститутсияи ҶТ аз нигоҳи фарогирии беҳтарин арзишҳои ҳуқуқӣ ҷомеаи башар ва суннату арзишҳои миллӣ аз назари коршиносон яке аз Конститутсияҳои беҳтарини олам эътироф шудааст.



**Масъули саҳифа:**
**Эмомалӣ МИРАЛӢ**





# ПЕШВОИ МИЛЛАТ – АСОСГУЗОРИ ҚОНУНГУЗОРИИ СОҲИБКОРӢ ВА САЙЁҲӢ

Санаи 16-уми ноябри соли 2017 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи Президенти ҶТ бо иштироки доираи васеи омӯзгорону олимон, аспитрантону муҳаққиқон, кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, намояндагони соҳаҳои гуногун, васоити ахбори омма ва матбуоти даврӣ баргузор гардид.

Нахуст, декани факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Дилшод Сафарбек ба кори конференсия ҳусни оғоз бахшида, дар хусуси зарурат ва аҳамияти баргузории он гузориш доданд. Аз ҷумла иброз намуданд, ки дар заминаи Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олӣ, ки санаи 22-юми декабри соли 2016 ироа гардида буд ва дар он ҷиҳати рушд додани бахши соҳибкорию сайёҳӣ нуктаҳои муҳим баён шуда буданд, дар факултети ҳуқуқшиносӣ нақша-чорабиниҳо таҳия гардида, яке аз бандҳои он дар хусуси ташкил намудани конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Пешвои миллат, Президенти ҶТ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон - асосгузори қонунгузории соҳибкорӣ ва сайёҳӣ» бахшида шудааст. Факултети ҳуқуқшиносӣ тасмим гирифт, ки ҷиҳати иҷрои нақшаи номбурда дар ин санаи муборaку таърихӣ ва рӯзи Президент ин конфронсро баргузор намояд. Дар рӯзи Президент ва таҳти мавзӯи «Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон - асосгузори қонунгузории соҳибкорӣ ва сайёҳӣ» баргузор намудани конференсия ба он нигаронида шудааст, ки аҳли устодони факултети ҳуқуқшиносӣ бо мақолаҳои илман асосноки худ баромад намуда, бо далелҳои кофӣ саҳм ва хизматҳои шоистаи Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар бахши соҳибкорӣ ва сайёҳӣ ба доираи васеи хонандагон, донишҷӯён ва кулли шаҳрвандон пешкаш намоянд ва бо ин роҳ рӯзи Президентро ҷашн гиранд.

Ҳамчунин дар кори конференсия муовини ректори ДМТ оид ба илм, доктори илмҳои кимиё, профессор Сафармамадов С.М. иштирок ва вобаста ба мавзӯи баррасишаванда иброз намуд, ки дар воқеъ бо ин тарз аз рӯзи Президент истиқбол намудан аз ҷониби факултети ҳуқуқшиносӣ шоистаи таҳсин мебошад. Дар ҳақиқат соҳаи соҳибкорӣ ва сайёҳӣ баъди талошҳои пайвастаи роҳбарияти олии мамлакат рушд намуда истодааст. Натиҷаи таъкидҳои пайвастаи Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки имрӯзҳо аз мавзеъҳои таърихӣ ва тамошобоби кишвари мо сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ дидан менамоянд. Дар заминаи рушд ёфтани соҳаи соҳибкорӣ дар баробари ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ ҷойҳои зиёди корӣ таъсис дода мешавад, ки ин бахри истифодаи қувваи корӣ дар ҶТ асос мегардад.



Дар умум иштирокчиёни конференсия баён намуданд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз солҳои аввали ба ҳайси Президент интихоб шуданашон гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар бобати таҳкими заминаҳои ҳуқуқии давраи гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ, танзими муносибатҳои нави бозорӣ, алалхусус вусъати соҳибкории хурду миёна, такмили низоми бонкӣ, роҳандозии сиёсати андозбандӣ, низоми мукаммали қарздиҳӣ, инкишофи соҳаи кишоварзӣ, энергетика, роҳсозӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ, рушди илм, маориф ва фарҳанг, тақвият бахшидан ба ватандустӣ, хештаншиносӣ, худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории хеш мунтазам истифода мебаранд. Дар солҳои истиқлолияти давлатӣ инкишоф ва такмили минбаъдаи қонунгузории давлат ҷузъи сиёсати ҳуқуқии давлат мегардад. Чи тавре мушоҳида карда мешавад, бо ташаббусҳои пайгиронаи Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қонунгузории соҳаи соҳибкорӣ, тиҷорат, сайёҳӣ, фаъолияти бонкӣ, молия, қарз, истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ аз ҷумла нафту газ ва бахшҳои дигари ҳаёти ҷомеа ташаккул ва такмил меёбанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳама паёмҳои худ дар хусуси дастгирӣ намудани бахши соҳибкорӣ, сайёҳӣ ва сармоягузорӣ фикру мулоҳизаи худро баён месозанд, ки ин далели амиқ оид ба он аст, ки бахшҳои номбурда зери таваҷҷуҳи бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Чунончи дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 16 апрели соли 2005 Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади таъмини рушди воқеии бозори коғазҳои қиматнок, зарурати аз нав баррасӣ намудани ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ба талаботи иқтисоди бозорӣ мувофиқ гардонидани онҳоро таъкид намуда буданд.

Дар ҷамбасти кори конференсия таъкид карда шуд, ки аз таҷрибаи қонунгузории Тоҷикистони соҳибистиқлол бармеояд, ки барномаҳо, консепсияҳо ва нақшаҳои стратегии давлат, ки бо ташабусҳои бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабул ва роҳандозӣ мешаванд, самтҳои стратегии фаъолияти қонунгузориро муайян намуда, замина барои қабули қонунҳои нав мебошанд. Возеҳ аст, ки ин барномаҳо ва нақшаҳои стратегии давлат дар заминаи қонунӣ амалӣ мешаванд. Аз ин рӯ, барномаву нақшаҳои стратегии давлат шакли нави амалӣ гаштани таклифҳои қонунгузории Президенти ҶТ махсуб мешавад.

**Масъул: Азимҷон ҶӮРАЕВ**

# НАХУСТИН ФОРУМИ

**Боиси хушнудист, ки дар кишвари мо баргузории Форуми миллӣ оид ба волоияти қонун ба як анъанаи нек табдил ёфтааст. Соли сеюм аст, ки форуми мазкур дар сатҳи хеле баланди ташкилӣ доир мегардад. Аз ҷумла санаи 3-юми ноябри соли 2017 дар бинои Китобхонаи миллии Тоҷикистон Форуми сеюми миллӣ оид ба волоияти қонун доир гардид. Дар форуми мазкур намояндагони баландпояи мақомоти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ширкат намуда, бо маърӯзаҳо оид ба паҳлуҳои муҳимми илм ва амалияи ҳуқуқшиносӣ баромад намуданд.**













Бахшида ба Соли ҷавонон дар доираи Форуми сеюми миллӣ оид ба волоияти қонун нахустин маротиба Форуми ҳуқуқшиносони ҷавон дар бинои нави Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон доир гардид. Форуми ҳуқуқшиносони ҷавон бо ташаббуси факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон ва Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати ҶТ ташкил карда шуд. Дар Форуми ҳуқуқшиносони ҷавон намояндагон аз вазорату кумита ва муассисаҳои давлатӣ, аз ҷумла намояндагони Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати ҶТ, Вазорати адлияи ҶТ, ҳайати намояндагии Барномаи рушди СММ, устодону донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон бо маърӯзаҳо баромад намуда, ҳамчун қишри фаъоли ҷомеа фикру андешаҳои худро баён сохтанд.

Хурсандибахш аст, ки Форуми ҳуқуқшиносони ҷавонро дар Форуми сеюми миллӣ оид ба волоияти қонун устоди кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Саъдизода Ҷ. намояндагӣ намуд. Ӯ бо маърӯза баромад намуда, ташкили Форуми ҳуқуқшиносони ҷавонро идомаи сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон унвон дода, ба ташкилкунандагони Форуми сеюми миллӣ оид ба волоияти қонун изҳори сипоси теъдоди ҳазорнафараи ҳуқуқшиносони ҷавонро расонид.

Мақсад аз ташкили Форуми ҳуқуқшиносони ҷавон дарёфт ва рушди истеъдодҳои ҷавон, ҳалли мушкилоти ҷавонон ва масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқ аз нигоҳи онҳо, тарбияи ҳуқуқшиносони сатҳи байналмилалӣ мебошад.

Кори Форуми ҳуқуқшиносони ҷавон бо сухани ифтитоҳии раиси Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати ҶТ Абдуллозода Аҳтам Рустам оғоз гардид. Ӯ гузаронидани ҳамоишҳои чунин сатҳро аз тинҷиву оромӣ ва сулҳу субот дар Тоҷикистон арзёбӣ намуд ва иброз дошт, ки ташкил ва гузаронидани он дар соли ҷавонон иқдоми хуб ва саривақтӣ мебошад. Инчунин дар маросими кушодашавии Форум муовини Вазири адлияи ҶТ Нодирӣ Шаҳноза Анвар, декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Раҳмон Дилшод Сафарбек, муовини директори муассисаи Барномаи рушди СММ Саня Боянич ва декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон Золотухин Алексей Валерьевич суханронӣ намуданд. Ҳамзамон дар ин қисмат бо маърӯза ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Саъдизода Ҷ. дар мавзӯи «Фарҳанги ҳуқуқи инсон: шарҳи истилоҳот», ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Салоҳиддинова С.М. дар мавзӯи «Конституционное закрепление экономических основ государства в Республике Таджикистан», омӯзгори факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон Сидиқов Д.А. дар мавзӯи «К вопросу о необходимости установления закрытого перечня объектов права интеллектуальной собственности в гражданском праве Республики Таджикистан», омӯзгори калони факултети ҳуқуқши-

# ҲУҚУҚШИНОСОНИ ҶАВОН













носии донишгоҳи мазкур Парфенов А.А. дар мавзӯи “Современные требования к профессиональным качествам личности юриста” ва дигарон баромад намуданд.

Сипас форум ба бахшҳо тақсим гардида, дар доираи се бахш ба кори худ идома дод. Бахши якум ба масъалаҳои мубрами ҳуқуқи оммавӣ, бахши дуюм ба масъалаҳои мубрами ҳуқуқи хусусии муосир, бахши сеюм бошад ба масъалаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ бахшида шуда буданд. Дар ҳар як бахшҳои зикргардида иштирокчиёни форуми мазкур бо маърӯзаҳо баромад намуда, фикру ақидаҳои худро оид ба масъалаҳои мубрами ҳуқуқи муосир иброз намуданд.

Аз ҷумла дар доираи бахшҳо омӯзгорону донишҷӯёни зерин бо маърӯзаҳо баромад намуданд: донишҷӯёни курси 4-ум Аҳмадов Қ.М., Набиев Н.С., Тиллоева З., Изатуллоева С., Тошпулодов А.Н., Саъдуллозода И.М.; донишҷӯёни курси 3-юм Беков А.А., Бобоев Ф.; донишҷӯёни курси 2-юм Давронзода М, Нуралиева И. Дар ин бахш, ҳамзамон омӯзгори кафедраи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ Фаридуни Исматулло ва дигарон баромад намуданд. Дар бахши масъалаҳои мубрами ҳуқуқи хусусии муосир ассистенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣ Бобохонов Ҳ.З ва донишҷӯйи курси 4-ум Турсунов А.А. бо маърӯзаҳо баромад намуданд.

Дар охир аз ҷониби кумитаи тадорукот ба иштирокчиён сертификат тақдим карда шуд. Боиси хушнудист, ки маърӯзаи ду нафар иштирокчиён аз факултети ҳуқуқшиносии ДМТ – ассистенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣ Бобохонов Ҳ.З. ва донишҷӯи соли 4 Иззатуллоева С. ҳамчун маърӯзаи беҳтарин эълон шуда, онҳо бо мукофотпулӣ ва сертификати форум қадрдонӣ карда шуданд.

Дар маҷмӯъ иштирокчиёни нахустин Форуми ҳуқуқшиносони ҷавон қатънома қабул намуданд, ки аз ин ба баъд дар доираи Форуми миллӣ оид ба волоияти қонун Форуми ҳуқуқшиносони ҷавон ташкил карда шавад. Ин тасмим аз ҷониби кулли иштирокчиён якдилона пазируфта шуд.

**Таҳияи**
**Ҷ. САЪДИЗОДА**



Азиз ДИНОРШОЕВ
заведующей кафедрой
конституционного права

**Одним из центральных категорий конституционного права является категория «суверенитет», которая на сегодняшний день относится к числу обязательных исходных принципов построения любого демократического государства.**

**Основное содержание понятия «суверенитет» включает ряд элементов, которые в своей совокупности образуют данную категорию. К их числу в частности можно отнести:**



Симо САЛОХИДИНОВА
ассистент кафедры
конституционного права

# ОБЕСПЕЧЕНИЕ ЭКОНОМИЧЕСКОГО СУВЕРЕНИТЕТА КАК ФАКТОР РЕАЛИЗАЦИИ ГОСУДАРСТВЕННОГО СУВЕРЕНИТЕТА

- полновластие народа, т.е. обладание народом социально-экономическими и политическими средствами для реального участия в управлении делами общества и государства, т.е., народный суверенитет;

- полновластие нации, ее политическая свобода, обладание реальной возможностью определять характер своей национальной жизни, включая, прежде всего способность политически самоопределяться вплоть до отделения и образования самостоятельного государства, т.е. национальный суверенитет;

- верховенство государственной власти внутри страны и ее независимость во внешней сфере, т.е. государственный суверенитет

При этом, категория «суверенитет» распространяется на все сферы жизнедеятельности государства, общества и личности – политические, экономические, социальные и духовные отношения. Посредством «суверенитета» обеспечивается автономная среда в рамках которой функционирует государство, существует и развивается человек и общество, т.е. именно «суверенитет» позволяет государству осуществлять независимую политическую и экономическую деятельность, а человеку и обществу определять свое мировоззрение опираясь на свои знания, навыки, опыт, традиции, обычаи и т.д.

Именно данный аспект в современном мире приобретает все большее значение. Процессы глобализации, политической и экономической интеграции все больше стирают границы национальной и государственной самоидентификации. Мировая экономическая система превращается в совокупность мощных систем, активно взаимодействующих друг с другом. Сегодняшнее усиление межгосударственной интеграции ведет к тому, что общие экономические процессы перешагивают национальные границы, формируют новые социально-экономические задачи, связанные с обороной, экологией, защитой прав и свобод граждан и их объединений.

В этой связи, все чаще возникают точки зрения, в соответствии с которыми категория «суверенитет» и в частности «государственный суверенитет» утрачивают свое значение в жизни международного сообщества.

Суверенные государства, преследуя свои национальные интересы, добровольно соглашаются осуществлять и ограничивать свои права, присущие государственному суверенитету, посредством международных договоров. Только само государство вправе решать, какие вопросы внутригосударственной компетенции и в каком объеме оно делает предметом международного договора. Любые попытки навязать критерии отбора таких внутригосударственных вопросов как раз и были бы нарушением суверенитета и вмешательством во внутренние дела государства.

Из этого можно сделать вывод, что глобализационные и интеграционные процессы влияют прежде всего на экономическую составляющую суверенитета государства. В этой связи, возникает вопрос – что из себя представляет экономический суверенитет и каково его содержание?

Общепризнанным мнением в научной среде является, то, что экономический суверенитет выступает важнейшей составной частью государственного суверенитета любой страны. Однако относительно его содержания и составных элементов существуют различные точки зрения. Это связанно с тем, что понятие «экономический суверенитет» является понятием многогранным и имеет философское, правовое и экономическое толкование.

Первые научные представления об экономическом суверенитете появились в работах А. Смита и Д. Риккардо на рубеже XVIII в. В этих работах основное внимание уделялось процессу производства, потребления и распределения материальных благ, являющихся богатством той или иной страны. Однако исследователи не уделяли должное внимание участникам этого процесса. Как отмечается в литературе, это привело к тому, что в работах немецких ученых XIX в. появляется целостный субъект (общность) – народ, осуществляющий экономическую деятельность в различных формах, присущих только ему в результате длительного исторического развития. Одним из ярких представителей этого направления можно назвать К. Маркса.

В рамках экономической теории суверенитет рассматривается в двух аспектах: как возможность принимать хозяйственные решения, и как возможность влиять на обеспечение собственного существования.

В этом контексте ученые определяют экономический суверенитет государства как совокупность юридических правил, которые устанавливают взаимные обязательства государств, гарантирующих для каждого из них и всех вместе суверенное право свободно распоряжаться своими ресурсами, богатствами и всей экономической деятельностью, и суверенное право на равноправное участие в международных экономических отношениях.

Общеизвестно, что, выступая субъектом международного права, государство становиться равноправным участником международных отношений и выступает как независимое политико-правовое образование. Взаимодействие государств на международной арене происходит на основе принципов и норм международного права. Однако в современном мире в эпоху глобализации и интеграции государств в единое политико-правовое и экономическое пространство, сложно говорить о сохранении полноценного экономического суверенитета. В значительной степени экономический суверенитет государства ограничивается наличием значительного числа транснациональных корпораций, выступающих как иностранные инвесторы, и международных финансовых организаций диктующим государствам свои условия при выделении финансовой помощи. В общем, наличие иностранных инвестиций и международное финансирование способно как повысить социально-экономический уровень жизни в государстве, так и угрожать его экономическому суверенитету.

Кроме того, свобода государств в экономической сфере поставлена в зависимость от мощи и возможности экономически развитых стран. Небольшая группа ведущих стран контролирует значительную часть производства и потребления мировых финансовых ресурсов, даже не прибегая к политическому и экономическому давлению. Их внутренние приоритеты и ценностные ориентиры накладывают отпечаток на все крупнейшие сферы интернационализации. В этом процессе не все государства способны защищать и отстаивать свои экономические интересы, что служить источником для появления проблем в межгосударственных отношениях.

Из всего изложенного можно заключить, что проблема экономического суверенитета и ее обеспечения является одной из основных проблем в современном мире. Экономический суверенитет является стержнем суверенитета государства, который в свою очередь является одним из основных принципов международного права.

Таким образом, в условиях глобализации для полноценного обладания экономическим суверенитетом, государству необходимы соответствующие условия. Прежде всего, это:

- выработка стратегических направлений;
- эффективность деятельности государственных органов;
- социальная ориентированность и правовой характер государства;
- независимость и самостоятельность разработки и реализации экономической политики (в том числе аграрного сектора, промышленности, энергетики, инфраструктуры, оборонной, социальной, научно-технической, инвестиционной, инновационной, денежно-кредитной, бюджетно-налоговой, валютной, внешнеторговой и др.);
- осуществление должного уровня воспроизводства;
- обеспечение устойчивого экономического роста;
- достижение эффективного участия страны во внешнеэкономических отношениях;
- участие государства в решении глобальных экономических проблем;
- защита, отстаивание и реализация национальных интересов;
- обеспечение продовольственной безопасности.

При реализации перечисленных условий мы можем говорить о том, что государство способно обеспечить свой экономический суверенитет.

# САНАДҲОИ ПРЕЗИДЕНТ ВА ТАСНИФБАНДИИ ОНҲО



Манучеҳр СУЛАЙМОНОВ
ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ

**Президенти ҶТ дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ мавқеи махсус дорад. Аввал ин ки ӯ сардори давлат буда, баъдан бевосита роҳбари Ҳукумати ҶТ мебошад. Аз ин рӯ, самтҳои фаъолияти Президент хусусияти универсалӣ дошта, тамоми бахшҳоро дар бар мегиранд. Аксарияти самтҳои фаъолияти Президент тавассути санадҳои ӯ амалӣ гардонида мешаванд.**



Тибқи талаботи моддаи 70 - Конститутсия Президенти ҶТ дар доираи салоҳияташ фармон мебарорад ва амр медиҳад. Муқаррароти Конститутсия вобаста ба санадҳои Президент дар шакли фармон ва амр вазъи пурраи санадҳои Президентро инъикос наменамояд. Мувофиқи Қонуни ҶТ "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" фармонҳои Президенти ҶТ ба ғайр аз санадҳо ва ё муқарраротиалоҳидаи онҳо, ки дорои маълумоти сирри давлатӣ ва маълумоти дигари бо қонун ҳифзшаванда мебошанд, ҳатман ба таври расмӣ интишор карда мешаванд. Фармонҳои Президенти ҶТ дар давоми 10 рӯз баъд аз ба имзо расидани онҳо дар рӯзномаи «Ҷумҳурият», «Садои мардум», ҳамчунин дар маҷаллаи «Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ» ба таври расмӣ интишор карда мешаванд.

Санадҳои Президенти ҶТ, ки хусусияти меъёрӣ-ҳуқуқӣ доранд, аз рӯзи интишори расмӣ эътибор пайдо намуда, дигар санадҳои Президенти ҶТ аз рӯзи ба имзо расиданашон эътибор пайдо мекунанд, агар дар санадҳои мазкур мӯҳлатҳои дигари мавриди амал қарор додани онҳо муқаррар нашуда бошад.

Талаботи моддаи 70-и Конститутсияи ҶТ пешбинӣ намудааст, ки Президент дар доираи салоҳияти худ фармон мебарорад ва амр медиҳад. Фармонҳои Президенти ҶТ дар навбати худ вобаста ба қувваи ҳуқуқиашон ба: фармонҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва фармонҳои ғайримеъёрӣ ҷудо мешаванд.

Фармонҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Президент фармонҳое мебошанд, ки онҳо қоидаи нави умумиҳатмии рафторро муқаррар менамоянд ва онҳо аз рӯйи хусусият ва қувваи ҳуқуқиашон ба санадҳои зерқонунӣ мутааллиқ буда, набояд ба Конститутсия ва қонунгузорӣ мухолиф бошанд. Фармонҳои ғайримеъёрӣ бошанд, қоидаи нави рафторро муқаррар намекунанд. Масалан, дар бораи мукофотонидани шаҳрвандон ба нишону медалҳо, унвонҳои фахрӣ, ба шаҳрвандӣ қабул кардан ва ғайра.

Дар баробари фармонҳо, инчунин Президенти ҶТ амр медиҳад. Амрҳои Президент хусусияти инфиродӣ дошта, нисбати муносибати мушаххас ва шахсони алоҳида таалluқ доранд. Амрҳои Президент асосан, бахри амалӣ намудани масъалаҳои таъҷилӣ, ташкилӣ, кадрӣ (Дасгоҳи иҷроияи Президент) бароварда мешаванд ва хусусияти иҷроиявию амрдиҳӣ дошта, ба низоми санадҳои ғайримеъёрӣ дохил мешаванд.

Санадҳои Президентро метавон чунин гурӯҳбандӣ намуд:

- Вобаста ба шакл: фармон ва амр;
- Вобаста ба қувваи ҳуқуқиашон: санадҳои меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ;
- Вобаста ба соҳаҳои идоракунӣ: сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғ;
- Вобаста ба самти фаъолияти Президенти ҶТ: санадҳое, ки ҳамчун сардори давлат қабул карда мешаванд ва санадҳое, ки ҳамчун Сардори ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат).

Яке аз санадҳои муҳимми Президенти ҶТ Паёми ҳарсолаи Президент ба Маҷлиси Олии ҶТ мебошад. Паёми ҳарсолаи Президент санади расмӣ барои амалисозии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар ва вобаста ба иҷроиши фунсияҳои дохиливу хориҷии Президенти кишвар, инчунин бахри амалинамоии функсияҳои доимиву муваққатӣ ва дастаҷамъиву яккасардории Президент мебошад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба моҳияти Паёми ҳарсолаи Президент ба Маҷлиси Олӣ фикри ягона мавҷуд нест. Ф.Т. Тоҳиров қайд менамояд, ки Паёми ҳарсолаи Президент ҳамчун як шакли маълумот оид ба вазъи дохилӣ ва хориҷии кишвар мебошад. Усули мазкур дар аксар давлатҳои шакли идоракунии президентӣ, ки Президент дар як навбат ҳам сардори давлат ва ҳам раиси Ҳукумат мебошад, истифода мегардад. Ба ақидаи М. Маҳмудов ва Р.Ш. Сотиволдиев Паёми ҳарсолаи Президент як шакли асосии татбиқи ташаббуси қонунгузории Президент мебошад.



Паёми ҳарсолаи Президенти ҶТ пеш аз ҳама, хусусияти барномавӣ дошта, роҳ ва воситаҳои рушду инкишофи давлат, масъалаҳои муҳимми самтҳои асосии фаъолияти давлатро дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маънавию фарҳангӣ ва сиёсӣ дар бар мегирад.

Хусусияти асосии Паёми Президент дар он мебошад, ки гарчанде он дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон шунида шавад ҳам, аммо мавзӯи муҳокимаи парламент намегардад.

Ҳамин тариқ, санадҳои Президент дар ҳудуди ҶТ хусусияти умумиҳатмӣ дошта, онҳо бевосита амал менамоянд ва дар низоми қонунгузории ҶТ мавқеи хоссаро ишғол менамоянд.

# КОНСТИТУТСИЯ – ТАҲКИМБАХШИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН



**Фирӯз САЙНОЗИМЗОДА**
**мушовири калони Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон**

Конститутсияи ҶТ санади сиёсӣ-ҳуқуқӣ, ҳуҷҷати сарнавиштсозу ифодагари азму ирода ва нияту орзуҳои неки халқи Тоҷикистон буда, дар марҳилаи хеле ҳассосу мураккаби сиёсии кишвар бори аввал тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намуданд: «Конститутсияи кишвар, ки таҷассумгари орзуву ормони озодандешӣ ва ғояҳои ҷовидонаи мардуми мо мебошад, барои пойдории ҳокимияти конститутсионӣ, таҳкими рукнҳои давлатдорӣ, ноил гардидан ба пешравиҳои азими сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ, ба вуҷуд овардани асосҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва муҳайё намудани фазои мусоид барои ташаккули шахсияти озод ҳар фард заминаи мустаҳкам ва боэътимоди ҳуқуқӣ гузошт».

Бояд қайд намуд, ки ҳанӯз 20-уми июли соли 1994, тахти №974 Қонуни ҶТ «Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ дар ҶТ, тартиби қабул намудан ва мавриди амал қарор додани Конститутсияи ҶТ» қабул гардид. Ва моҳҳои апрел-июни соли 1994 муҳокимаи умумихалқӣ оид ба лоиҳаи Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ гузаронида шуд. Дар муҳокимаи умумихалқӣ лоиҳаи Конститутсия аз ҷониби сокинони мамлакат дастгирии ҳаматарафа ёфта, зарурати ҳарчи зудтар амалӣ сохтани ислоҳоти конститутсионӣ ва дар муҳлати кӯтоҳтарин тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул намудани Конститутсияи Тоҷикистони мустақилро тақозо намуд.

Дар ин замина, 6-уми ноябри соли 1994 Конститутсияи ҶТ тариқи раъйпурсии умумихалқӣ бо тарафдории шумораи зиёди шаҳрвандони мамлакат қабул гардид ва ҳамчун рӯйдоди фараҳбахш дар таърихи давлатдории навини халқи тоҷик бо хатти заррин навишта шуд.

Бобати эҳтиром ва арҷгузорӣ ба ин санади олии ҳуқуқӣ, маҳз дар асоси ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти ҶТ, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Қарори Маҷлиси Олии ҶТ аз 22-юми майи соли 1998 ва Қонуни ҶТ «Дар бораи рӯзҳои ид» 6-уми ноябр «Рӯзи Конститутсияи ҶТ» муқаррар гардид. Ва халқи Тоҷикистон 6-уми ноябрро ҳамчун иди умумихалқӣ бо шаҳомати махсус ҷашн мегиранд. Зеро қабули Конститутсия ба марҳилаи ҷадиди инкишофи ҶТ оғози тоза бахшид.

Қабули нахустин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол собит намуд, ки шаҳрвандони ҶТ, бахусус ҷавонон ватандӯстию ватанпарвариро дар замири худ парварида, таъмини соҳибихтиёрии давлати худ ва рушду камоли онро хуб дарк менамоянд, озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас медонанд. Ин буд, ки онҳо бо дарки баланди масъулиятшиносӣ, бо истифода аз ҳуқуқҳои конститутсионии худ дар ин маъракаи муҳимми сиёсию тақдирсози кишвари азизамон фаъолона ширкат варзиданд.

Боиси ифтихор ва сарбаландии мо тоҷикон аст, ки Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол аз ҷониби ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ, коршиносон ва мутахассисони соҳа, ҳамчун ҳуҷҷати нодири ҳуқуқии дорои тамоми арзишҳои ҷомеаи демократӣ дар қатори беҳтарин конститутсияҳо пазируфта шуд, ки ин боиси ифтихори ҳар як фарзанди Тоҷикистони азиз мебошад.

Дар натиҷаи ислоҳоти конститутсионӣ ва бо мақсади рушди давлатдории миллии Тоҷикистон, таъмини пойдориву субботи мамлакат, сулҳу Ваҳдати миллӣ, ба вуҷуд омадани дигаргуниҳои куллан нав дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ, такмили асосҳои конститутсионии ҳокимияти давлатӣ, таҳкими ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, се маротиба: 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 ба Конститутсияи ҶТ ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд, ки онҳо меъёрҳои Конститутсияро такмил дода, тибқи он Тоҷикистони соҳибистиқлол ба марҳилаи навбатии рушду инкишофи худ ворид гардид.

Қобили қайд аст, ки чанде пеш Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дар таҳрири нав қабул гардид, ки он мақому мартабаи Конститутсияи мамлакатро дар низоми ҳуқуқии кишвар боз ҳам мушаххас гардонид.

Аз ҷумла, қисми 2 моддаи 16-уми Қонуни зикргардида муқаррар намуд, ки Конститутсияи ҶТ санади дорои эътибори олии ҳуқуқӣ буда, меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, набояд мухолиф ба муқаррароти Конститутсия бошанд. Дар мавриди ба меъёрҳои Конститутсия мухолифат доштани дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мустақиман меъёрҳои Конститутсияи ҶТ татбиқ мегарданд.

Ба таври мушаххас бартарӣ ва афзалияти ҳуқуқӣ додан ба Конститутсияи Тоҷикистон нисбат ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби ҶТ эътирофгардида дар низоми ҳуқуқии кишвари соҳибистиқлоламон падидаи комилан нав буда, ба ин васила арҷгузорӣ ба нуфузу эътибор ва манзалати Конститутсияи кишвар дар низоми қонунгузории мамлакат татбиқ мегардад.

Конститутсияи ҶТ, Қонуни асосии мамлакат буда, он асосҳои сохтори конститутсионӣ, кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҷзияи ҳокимияти давлатиро муқаррар менамояд ва муносибатҳои муҳимтарини ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварро ба танзим даровардааст. Аз ҷумла, моддаи 5-уми Конститутсия инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ, ҳаёт қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои инсонро дахлнопазир эътироф мекунад.

Конститутсияи мамлакат сиёсати давлатии ҷавононро таҳким бахшида, иштироки фаъолонаи онҳоро дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол таъмин менамояд.

Конститутсияи Тоҷикистон ба ҷавонони кишвар, ки синнашон ба 18 расидаанд, ҳуқуқ додааст, ки дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ саҳми арзандаи худро гузоранд. Ва моддаи 27-уми Конститутсия ба шаҳрванд аз синни 18 ҳуқуқи иштирок дар раъйпурсӣ ва интихобот, интихоб намудан ва интихоб шудан аз синни муқаррарнамудаи Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо ба мақомоти намояндагӣ ва қонунгузорӣ, инчунин ҳокимияти иҷроия ва судиро медиҳад.

Дар робита ба ин, моддаи 2-юми Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» муқаррар намудааст, ки шаҳрвандони ҶТ, ки дар рӯзи интихобот синнашон ба 18 расидаанд, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шуданро доранд. Ва Қонуни конститутсионии зикргардида ба ҷавонон ҳуқуқ медиҳад, ки аз синни 18-солагӣ дар интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ иштирок намоянд ва ҳамчунин ба мақоми вакили Маҷлисҳои вакилони халқ интихоб гарданд.

Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» низ ба шаҳрвандони ҶТ имконият медиҳад, ки аз синни 18-солагӣ ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ қабул карда шаванд.

Конститутсияи мамлакат ва моддаи 5-уми Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» ба шаҳрвандони ҶТ, аз ҷумла ҷавононе, ки ба синни 18 расидаанд ҳуқуқ медиҳанд, ки аъзои ҳизби сиёсӣ бошанд.

Конститутсияи ҶТ ба ҷавонон ҳуқуқ медиҳад, ки дар интихобот ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузории кишвар, инчунин Президенти мамлакат иштирок намоянд. Аз ҷумла, Конститутсия барои интихоб гардидан ба мансаби Президенти ҶТ, узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ синни 30-солагӣ муқаррар менамояд.

Мутобиқи моддаи 85-уми Конститутсия ба вазифаи судяҳои Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят ва шаҳри Душанбе шахсе интихоб ё таъин мешавад, ки танҳо шаҳрвандии ҶТ-ро дошта бошад, дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ буда, синни ӯ аз 30 кам набошад ва ҳадди ақал 5 сол собиқаи кории судягӣ дошта бошад.

Ба вазифаи судяҳои судҳои шаҳр ва ноҳия, суди ҳарбӣ, судҳои иқтисодии ВМКБ, вилоят ва шаҳри Душанбе бошад, шахсе таъйин мешавад, ки танҳо шаҳрвандии ҶТ-ро дошта бошад, дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ буда, синни ӯ аз 25 кам набошад ва ҳадди ақал 3 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад.

Дар асоси моддаи 89-ум Конститутсия ба вазифаи судяи Суди конститутсионӣ шахсе интихоб мешавад, ки танҳо шаҳрвандии ҶТ-ро дошта бошад, дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ буда, синни ӯ аз 30 кам набошад ва ҳадди ақал 7 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад.

Конститутсия ба мардон ва заноне, ки ба синни никоҳӣ расидаанд, ҳуқуқи бастани ақди никоҳро медиҳад ва дар ин замина, Кодекси оилаи ҶТ синну соли никоҳиро мушаххас намуда, моддаи 13-уми он синни никоҳиро аз 18-солагӣ муқаррар мекунад.

Моддаи 35-уми Конститутсия ба ҳар кас ҳуқуқ ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ медиҳад. Дар ин замина Кодекси меҳнати ҶТ муносибатҳои меҳнатиро дар мамлакат танзим намуда, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ, кафолатҳои камтарини ҳуқуқ ва озодиҳо дар соҳаи меҳнатро муқаррар менамояд. Ҳамзамон Кодекси мазкур нисбати ҷавонон як қатор имтиёзҳои меҳнатиро пешбинӣ менамояд.

Аз ҷумла, қисми 2 моддаи 21-и Кодекс ба шаҳрвандоне, ки ба синни понздаҳ расидаанд, ҳуқуқ медиҳад, ки ҳамчун корманд тарафи шартномаи меҳнатӣ бошанд.

Дар ҳолати истисно бо таълимгирандагоне, ки ба синни чордаҳ расидаанд, инчунин таълимгирандагоне, ки ба синни чордаҳ нарасидаанд ва дар театрҳо, ташкилотҳои банаворгирии кино, консертҳо, сиркҳо ва дигар ташкилотҳои эҷодӣ бе зарар расонидан ба саломатӣ ва инкишофи маънавиашон иштирок менамоянд, бо мувофиқаи падар ё модар ва дигар шахсони тибқи қонунгузории ҶТ онҳоро ивазкунанда бе халалдор кардани раванди таълим метавонанд шартномаи меҳнатӣ банданд.

Ҳуқуқи кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида дар муносибатҳои меҳнатӣ бо ҳуқуқи дигар кормандон баробар буда, онҳо дар ҳифзи меҳнат, вақти кор, вақти истироҳат ва дигар шароити меҳнат аз кафолатҳои иловагии муқарарнамудаи Кодекси меҳнат ва дигар санадҳои қонунгузории ҶТ истифода мебаранд.

Барои кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида, аз ҷумла, барои кормандони аз чордаҳсола то шонздаҳсола - на зиёда аз 24 соат дар як ҳафта, кормандони аз шонздаҳсола то ҳаждаҳсола - на зиёда аз 35 соат дар як ҳафта, барои таълимгирандагони муассисаҳои таълимӣ, ки якҷоя дар давраи соли таҳсил кор ба таҳсил мекунанд, аз чордаҳсола то шонздаҳсола - 2,5 соат дар як рӯз ва аз шонздаҳсола то ҳаждаҳсола - 3,5 соат дар як рӯз давомнокии вақти кӯтоҳи корӣ муқаррар карда шудааст.

Истифодаи меҳнати кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасидаро дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарноку хатарнок, инчунин дар корҳое, ки иҷроишашон ба саломатӣ ва инкишофи маънавии онҳо зарар мерасонад, қонунгузор манъ намудааст.

Конститутсияи кишвар дар баробари ҳуқуқ ба меҳнат ба шаҳрвандон, аз ҷумла ҷавонон ҳуқуқ ба истироҳатро муқаррар намудааст.

Кодекси меҳнат низ ба гурӯҳҳои алоҳидаи кормандон, бахусус ҷавонон бо дарназардошти шароит ва хусусияти ухдадориҳои меҳнатӣ, синну сол, собиқаи корӣ, вазъи саломатӣ ва дигар ҳолатҳо рухсатии асосии дарозкардашударо мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ муқаррар менамояд. Аз ҷумла, рухсатии асосии ҳарсолаи дарозкардашуда ба кормандони синни то ҳаждаҳ, аз ҷумла онҳое, ки барои гузаронидани таҷрибаи истеҳсолӣ (таълими истеҳсолӣ) қабул шудаанд - 30 рӯзи тақвимӣ муқаррар карда шудааст.

Ҷалб намудани кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида ба корҳои шабона, изофакорӣ, баҳисобгирии якҷояи вақти корӣ, фиристонидан ба сафари хизматӣ ва иҷрои корҳои вахтавӣ, инчунин бозхондани онҳо аз рухсатии ҳарсолаи меҳнатии пардохтшаванда манъ гардидааст.

Бояд тазаккур дод, ки дар доираи як мақола фарогирии тамоми паҳлӯҳои масъалаи баррасишаванда ғайриимкон аст. Ҳамзамон ба қадри имкон кӯшиш карда шуд, ки ба таври фишурда муқаррароти Конститутсияи кишвар марбут ба ҳаёти сиёсиву ҳуқуқии ҷавонон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шавад.

Аз ин рӯ, ҳар як шаҳрванди ҶТ, бахусус ҷавонони баору номуси кишварро зарур аст, ки Конститутсияи мамлакатро эҳтирому аз он воқиф бошанд ва маърифати ҳуқуқии худро ғанӣ гардонида, онро баҳри рушду ободии кишвари азизамон – Тоҷикистон сафарбар намоянд.

# ТАКМИЛИ НИЗОМИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ - ЯКЕ АЗ АСОСҲОИ РУШДИ СОҲИБКОРӢ



**Ҳамза БОБОХОНОВ**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣ



**Исмоил ШАРИФОВ**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат

Яке аз асосҳои рушди соҳибкорӣ дар ҶТ ин такмили қонунгузорӣ дар соҳаи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ ба ҳисоб меравад. Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар ҶТ як қатор тағйиротҳои куллӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба вуқуъ пайвастанд. Воқеан, ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ барои ҳар як давлат неъмати бузург арзёбӣ мегардад, чунки баъди ноил гардидан ба ин дастовард ҳар як давлатро мебояд, ки мустақилона самтҳои асосии фаъолияти худро дар тамоми соҳаҳо муайян ва таҳрезӣ намояд. Яке аз ин самтҳо, ки аз нуқтаи назари мо муҳим арзёбӣ мегардад, ин боз ҳам мукаммал ва самарабахш кардани низоми хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ дар ҶТ мебошад. Масъалаи баррасишаванда дар низоми ҳуқуқии қаблан амалкунанда, яъне дар замони давлатдории Шӯравӣ, дорои мушкилиҳои зиёд набуд, чунки дар он замон фаъолияти соҳибкорӣ манъ гардида, иқтисоди нақшавӣ амал менамуд. Дар он тартибот шартномаҳо оид ба хариди давлатӣ асосан дар байни шахсони ҳуқуқии давлатӣ ба имзо расонида мешуд.

Баъди гузаштани ҶТ ба иқтисоди бозоргонӣ, инчунин дар сатҳи Конститутсия кафолат додани шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ ва дар ин замина ба таври озод ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ, низоми хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ куллан тағйир ёфт. Тибқи қонунгузории амалкунанда субъектони асосии шартномаҳо оид ба хариди давлатӣ, аз як тараф фармоишгари давлатӣ, аз тарафи дигар соҳибкорони инфиродӣ ва ё шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ баромад менамоянд. Соҳибкорон дар бозори хариди давлатӣ мавқеи калидӣ дошта, маҳз аз ҷониби онҳо манфиатҳои давлат ба мол, кор ва хизматрасонӣ қонеъ гардонида мешавад.

Қобили зикр аст, ки шартномаҳои дар самти мазкур басташаванда дорои хусусиятҳои худ буда, дар баробари талаботҳои Кодекси граждании ҶТ оид ба тартиби бастани шартномаҳо, инчунин бояд ба талаботҳои иловагӣ, ки дар қонунгузории хариди давлатӣ муқаррар гардидаанд, ҷавобгӯ бошанд. Мақсад аз риоя ва ба роҳбарӣ гирифтани талаботҳои қонунгузории хариди давлатӣ аз ҷониби иштирокчиёни хариди давлатӣ дар он аст, ки воситаи асосии пардохт ин маблағҳои давлатӣ ба ҳисоб меравад. Барои самарабахш ва оқилона истифода бурдани маблағҳои давлатӣ ҳангоми гузаронидани хариди давлатӣ, қонунгузор якчанд усулҳои хариди давлатиро муқаррар кардааст, ки фармоишгари давлатӣ бояд маҳз онҳоро ба роҳбарӣ гирад. Тибқи моддаи 24-уми Қонуни ҶТ «Дар бораи хариди давлатии мол, кор, хизматрасонӣ» аз 3.03.2006 с. усулҳои асосии хариди давлатӣ аз инҳо иборат мебошанд: 1) озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд, 2) озмуни харид аз тариқи иштироки маҳдуд, 3) усули рӯйхати мухтасар, 4) дархости нархномаҳо, 5) харид аз як манбаъ, 6) хариди электронӣ.

Дар байни усулҳои зикргардида дар қ. 2 м. 24-уми Қонуни ҶТ «Дар бораи хариди давлатӣ» зикр карда мешавад, ки усули асосии хариди давлатӣ озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд мебошад. Ин усул аз ҷониби ташкилотҳои харидор бояд ҳамеша истифода гардад. Воқеан, муқаррароти мазкур қобили дастгирӣ мебошад, чунки мақсади асосии қонунгузории хариди давлатӣ аз таъмини сарфакорӣ ва самарабахшии хариди давлатӣ, тавсияи доираи иштирок ва рушди рақобат байни молрасонҳо (пудратчиён) дар соҳаи хариди давлатӣ, таъмини шаффофият ва беғаразии расмиёти хариди давлатӣ, иборат мебошад.



Дар баробари ин, аз нуқтаи назари мо барои боз ҳам мукаммал ва шаффоф кардани низоми хариди давлатӣ, бояд усулҳои хариди давлатӣ такмил дода шаванд. Масалан, қонуни ҶТ «Дар бораи хариди давлатӣ» дар баробари озмун, дархости нархномаҳо, харид аз як манбаъ ва ғайра хариди электрониро низ ба сифати усули мустақил эътироф кардааст, ки аз нуқтаи назари мо баҳснок мебошад. Сабаб дар он аст, ки хариди электронӣ на усули хариди давлатӣ, балки воситае баромад менамояд, ки анқариб тамоми усулҳои харидро метавон тавассути он амалӣ гардонид. Дар алоқамандӣ бо ин минбаъд сухан маҳз дар бораи зарурияти гузариш ба низоми нави харид, яъне хариди электронӣ ва дар ин замина рушди соҳибкорӣ дар ҶТ меравад.

Яке аз воситаҳои асосие, ки дар давлатҳои мутараққӣ ба назар мерасад, ин гузаронидани хариди давлатӣ бо истифода аз техникаи хозиразамон ба ҳисоб меравад. Ба чунин низом Ҷумҳурии Қазоқистон, Федератсияи Русия ва дигар давлатҳо гузаштаанд. Шояд чунин ба назар расад, ки дар хариди давлатӣ на он қадар маблағҳои калон сарф мегарданду гузариш ба низоми нави хариди давлатӣ ҳоло бармаҳал мебошад. Дар асл чунин нест, тибқи маълумотҳои оморӣ харҷ барои хариди давлатӣ тақрибан 10-фоиз аз маҷмӯи умумии хароҷотҳои буҷети ҶТ-ро ташкил медиҳад. Айни замон дар мамлакатҳои хориҷӣ барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти давлатӣ маблағҳои калони давлатӣ харҷ мегарданд (дар ШМА ин андоза то 1/3 ММД, дар давлатҳои Аврупо аз 35% то 48% -и ММД мерасад).

Барои мукаммал кардани низоми хариди давлатӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар шабакаи Интернет сомонаи ягонаи хариди давлатии мол, кор, хизматрасонӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ таъсис дода шуда, минбаъд ташкилотҳои харидор дар бастани шартномаҳо аз сомонаи ягона истифода баранд. Гузариш ба чунин низом асос ба он медиҳад, ки минбаъд дар муайян кардани ғолиби озмун таъсири омилҳои инсонӣ кам гардида, муайянкунандаи асосии ғолиби озмун худи техникаи ҳозиразамон ба ҳисоб меравад. Таъсис додани сомонаи ягона дар шабакаи Интернет, яъне истифодаи воситаҳои техникии ҳозиразамон, ки дастраси тамоми соҳибкорон аст, боиси аз байн бурдани як қатор омилҳои манфӣ ва мукаммалгардонии низоми хариди давлатӣ мегардад, аз ҷумла: 1) таъмини шаффофият дар муайян кардани ғолиби озмун, 2) васеъ гардидани доираи иштирокчиёни харид, аз ҷумла соҳибкорони хурд, 3) назорати озоди иштирокчиёни харид ба раванди гузаронидани харид ва муайян гардидани ғолиби озмун, 4) назорати саривақтии мақомотҳои ваколатдор, 5) сарфи ками вақт ва хароҷотҳои моддӣ барои гузаронидани хариди давлатӣ.

Дар баробари ин қайд кардан зарур аст, ки барои гузариш ба низоми нави хариди давлатӣ бояд якчанд вазифаҳои дигар низ иҷро карда шаванд: 1) барои амалӣ гардонидани чунин ҳадаф бояд қонунгузорӣ ва таҷрибаи давлатҳои мутараққиро, ки ба ин низом алакай гузаштаанд, таҳлил намуд, 2) мукаммал намудани қонунгузорӣ, ки танзимкунандаи савдои электронӣ мебошад, 3) дар байни соҳибкорон гузаронидани семинарҳо бо мақсади дарки мазмуни хариди электронӣ, тартиби ворид гардидан ба сомона ва умуман иштирок кардан дар хариди давлатӣ, 4) омӯзонидани намояндагони худи ташкилотҳои харидор, 5) давра ба давра гузариш ба низоми хариди электронӣ.

Заминаи ҳуқуқии гузариш ба низоми нави хариди давлатӣ дар ҶТ ҷой дорад. Масалан, бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30-уми декабри соли 2011 таҳти №643 қабул гардидани «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ». Бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 29-уми декабри соли 2012 таҳти №769 «Барномаи хариди электронӣ дар ҶТ барои солҳои 2013-2015», тасдиқ гардидааст. Дар баробари ин якчанд қонунҳои алоҳида қабул гардидаанд, ки бевосита ва ё бавосита дар самти рушд ва танзими савдои электронӣ, аз ҷумла дар самти хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ равона шудаанд: а) Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» аз 10-уми майи соли 2002-юм таҳти №51; б) Қонуни ҶТ «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» аз 30-юми июли соли 2007-ум таҳти № 320.

# МОҲИЯТИ ДЕМОКРАТИИ КОНСТИТУТСИЯ



Машраби ДАВРОН
аспиранти Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АИ ҶТ

Соҳибихтиёрии ҶТ бо баробари қабули Эъломияи истиқлолияти ҶТ ифода меёбад, ки он 24 августи соли 1990 дар Иҷлосияи Шӯрои Олӣ қабул шудааст. Гарчанде ки Эъломия ҳамчун санади ҳуқуқии муайянкундаи истиқлолияти ҶТ ба ҳисоб меравад ва дар он ҶТ чун давлати мустақил, демократӣ, ҳуқуқбунёд (м. 1), таҷзияи ҳокимият (м. 3), волояти Конститутсия ва қонунҳо, баробарҳуқуқии шаҳрвандон ва ғ. муқаррар шудаанд, вале санади асосӣ ва барои халқ муҳим, ки роҳҳои татбиқи ин меъёрҳоро муайян намуда, кафолати иҷроиши онҳоро пешбинӣ намуд Конститутсияи ҶТ мебошад. Конститутсия қонуни асосии давлат, танзимкунандаи муносибатҳои муҳим ва асосии ҷамъият, муайянкунандаи моҳияти ҳуқуқии давлат ва институти асосии демократия мебошад. Вобаста ба ҳамин хусусиятҳои асосии Конститутсияи ҶТ дар он мебошад, ки дар он асосҳои сохтори конститутсионии ҶТ, ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, сохтори маъмурию ҳудудии давлатӣ, тартиби ташкил ва фаъолияти мақомоти давлатӣ муайян шудаанд. Конститутсияи аввалини ҶТ 28 апрели соли 1929 аз тарафи Анҷумани Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, Конститутсияи дуюм 25 феврали соли 1931 аз тарафи Анҷумани Шӯроҳои Тоҷикистон ва Конститутсияҳои ҶШС Точикистон солҳои 1937,1978 аз тарафи Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон қабул гардидаанд. Хусусияти асосии Конститутсияи айни ҳол амалкунандаи ҶТ аз Конститутсияҳои қабли дар он мебошад ки дар қабулӣ он халқ бевосита дар раъйпурсии умумихалқӣ, ки 6 ноябри соли 1994 баргузор гардид иштирок намуда, ҷонибдор будан ё набудаани худро аз тариқи раъйдиҳӣ иброз намуданд. Дар таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ Конститутсия аз ҷониби субъектҳои гуногун қабул карда мешавад, чунончи қабули Конститутсия аз ҷониби мақомоти намояндагӣ (дар Чин, Финландия, Украина, Афғонистон ва ғ.) аз ҷониби сардори давлат (дар Қатар, Қувайт АМА ва ғ), аз тариқи раъйпурсӣ (дар Фаронса, Тоҷикистон, Озорбойҷон ва ғ). Ба тариқи раъйпурсӣ қабул намудани Конститутсия тарзи демократии қабули ин санади сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ба шумор рафта, натиҷаи раъйпурсӣ муайянкунандаи тақдири минбаъдаи Конститутсия мебошад. Аз ҳамин ҷост, ки дар аксарияти мамлакатҳои хориҷӣ аз ин усули кабули Конститутсия истиқбол шуда, ба ин таҷриба афзалият медиҳанд. ҶТ ҳамчун субъекти комилҳуқуқи муносибаҳои байналхалқӣ аз ин падида истикбол намуда, соҳибихтиёри халқро аз тариқи қабули Конститутсия кафолат дода, муайянкунада будани иродаи халқро муқаррар ва мустаҳкам намуд.

Соҳибихтиёрии воқеии халқ баъди қабули Конститутсия расман эътироф шуда, сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ будани он кафолат дода шудааст. Мазмуну муҳтавои ин Конститутсия аз Конститутсияҳои пешин куллан фарқ мекунад. Он дар худ муқараротеро пешбинӣ намуд, ки барои Тоҷикистон падидаи нав буданд. Аз ҷумла дар моддаи якуми он Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ эътироф гардида, падидаҳои гуногуни демократӣ, ба монанди иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ ва ширкати онҳо дар раъйпурсию интихобот (м.27), аз ҷониби шаҳрвандон ташкил намудани ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (м.28), озодии сухан (м.30) ва ғайраҳо муқаррар шуданд. ҶТ ба якбора аз низоми коммунистӣ ба шакли идоракунии демократӣ гузашта, бо қабули ин Конститутсия дар ҷомеаи байналхалқӣ ба ҳайси давлати демократӣ ва субъекти мустакили муносибатҳои байналхалқӣ пазируфта шуда, вориди ташкилотҳои хурду бузурги байналмилалӣ гардид. Ҳамчунин бо қабул ва эътирофи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба худ уҳдадорӣ гирифт, то муқарароти онҳоро дар санадҳои дохилии худ ратификатсия намояд. Ҳамин тариқ дар ҶТ аз 6 ноябри соли 1994 бо қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибихтиёр шакли идораи демократӣ ҷорӣ гардид. Дар ҳеч Конститутсияҳои қаблӣ Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эътироф нашуда буд. Қувваи роҳбар ва пешбар, ядрои сиёсии ҷамъият ҳизби коммунистӣ ба ҳисоб рафта, ҳуқуқҳои дигар шаҳрвандон барои ташкили ҳизбҳои сиёсӣ маҳдуд мешуд. Айни замон дар асоси Конститутсия, ки дар заминаи он дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул шудаанд, ба шаҳрвандон кафолатҳои зиёди ҳуқуқӣ дода шудааст ва ҳуқуқу озодиҳои онҳо танҳо бо қонун ва бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ маҳдуд карда мешавад. Дар баробари ҳизби коммунистӣ ҳизбҳои дигари сиёсӣ ташкил шуданд, ки аз моҳияти демократия ва низоми бисёрҳизбӣ дар ҶТ бармеояд. Ёдовар бояд шуд ин аввалин Конститутсияи ҶТ мебошад, ки плюларизми сиёсиро муқаррар намуда, имконияти ҳуқуқии дар ҷамъият озодона баён намудани андешаҳои мухталифи шаҳрвандон, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятиро кафолат додааст. Ҳукумати ҶТ барои таҳкими мавқеи Конститутсия, баланд бардоштани афкори конститутсионии шаҳрвандон, ҳамчунин бахри амали кафолатҳои конститутсионӣ чораҳои дахлдор меандешад. Қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаю стратегияҳои соҳавӣ имрӯз дар ҶТ дар асоси принсипи «Волоияти конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» сурат гирифта, субъектони ҳуқуқэъҷодкунанда мекӯшанд ҳангоми таҳияи санади ҳуқуқӣ ин принсипро ба роҳбарӣ гиранд.




# ПОНЯТИЕ И ВИДЫ ТОЛКОВАНИЯ КОНСТИТУЦИИ И ЗАКОНОВ



Манижа ДАВРОНЗОДА
студентка 2-го курса

Толкование Конституции – это познание, уяснение и разъяснение действительного смысла положений Конституции в целях их практической реализации.

Необходимость толкования Конституции обусловлена потребностями точного понимания содержания её норм, выявления их истинного смысла с целью правильного соотнесения с ним реальной юридической практики. Эффективность реализации положений Конституции зависит от правильного уяснения их смысла и содержания. Ошибочная интерпретация текста Конституции может привести к негативным последствиям: конфликтам между органами власти, нарушениям прав человека, невыполнению обязательств и др.

Конституционные нормы предельно лаконичны и наряду с этим охватывают широкий круг общественных отношений, рассчитаны на всех правоприменяющих субъектов. Поэтому важно в любых правоотношениях (гражданских, уголовных, административных и др.) понимать принимаемые и применяемые законы в духе их соответствии Конституции, наполняя её тем самым жизненной силой. Для этого необходимо юридически правильно толковать саму Конституцию, содержащиеся в ней термины и положения, нередко сформулированные абстрактно, неопределённо, многозначно, противоречиво.

Целью толкования является юридически точное указание, как понимать норму Конституции, допускается ли ее расширительное толкование и в каком объеме. Такое толкование необходимо в случаях, когда возникают сомнения в правильности понимания содержания нормативного объема того или иного конституционного положения, а равно в случае неоднозначного понимания тех или иных положений Конституции.

В науке конституционного права существуют различные виды толкования Конституции:

Главным видом толкования Конституции является официальное толкование, под которым понимается разъяснение нормы права, которое дается компетентными органами. Оно обязательно для всех, кто применяет данную норму. Официальное толкование находит выражение в специальных актах (документах), которые издает компетентный орган (постановления, инструкции и др.).

Официальное толкование по объему подразделяется на нормативное и казуальное (индивидуальное).

1. Нормативное толкование — это официальное разъяснение общего характера, которое является общеобязательным и распространяется на все случаи, предусмотренные толкуемой нормой, обеспечивая единообразие в понимании и применении норм права. Среди нормативного толкования различают: аутентичное (авторское) и легальное (разрешенное, делегированное).

2. Казуальным (индивидуальным) толкованием называется официальное разъяснение смысла нормы права, обязательное только для конкретного случая, для данного юридического дела. Казус — случай, жизненный факт, и казуальное разъяснение есть разъяснение применительно к конкретному случаю.

Это толкование содержится в специальных указаниях разъясняющего характера, которые даются по рассматриваемым и разрешаемым делам в отношении конкретных обстоятельств и лиц.

Казуальное толкование подразделяется на судебное и административное.

3. Грамматический способ толкования считается исходным, первичным в теории права. Правовая норма - это в первую очередь текст, словесный, грамматически и синтаксически организованный текст, имеющий определенную стилистическую принадлежность. Грамматический способ толкования основывается на анализе буквального текста, на знании языка, на использовании правил синтаксиса, морфологии, словоупотребления. Т.е. по сути, грамматический способ толкования - это средство для устранения языковых видов неопределенности (стилистической, синтаксической, грамматической, лексической, лексико-стилистической). Он заключается в использовании языковых средств, способов и приемов в целях уяснения и разъяснения истинного смысла, содержания правовой нормы.

4. Систематическое толкование основано на структурированности правовых текстов. Смысл статьи правового акта иногда может быть выявлен только после обращения к другим статьям, в которых заключаются, например, искомые определения юридических терминов.

5. Историческое толкование. Интерпретатор выясняет конкретно-исторические обстоятельства, имевшиеся на время принятия толкуемой нормы, экономическую, социальную обстановку, основания, поводы, вызвавшие к жизни нормативные акты, ставшие объектом толкования.

6. Логическое толкование. Его сущность состоит в применении законов и правил формальной логики.

7. Юридический способ толкования. Этот способ основывается на юридическом знании (т.е. на знании юридических понятий, терминов, юридических конструкций, правил юридической техники, закономерностей правового регулирования и др.). Такие сведения необходимы для выяснения подлинного смысла и содержания норм права, их правильной и последовательной реализации, последующего совершенствования правовых предписаний.

Неофициальное толкование — это разъяснение смысла правовых норм, которое не носит обязательного характера. Оно может даваться любым гражданином или исходить от общественной организации. Такое толкование необязательно для тех органов или должностных лиц, которые применяют нормы права.

# ИҶЛОСИЯИ 16-УМИ ШӮРОИ ОЛӢ ТАДБИРҲОИ МУКАММАЛИ АЗ БУҲРОНИ СИЁСӢ, ИҚТИСОДӢ, ФАРҲАНГӢ ВА МАЪНАВӢ БАРОВАРДАНИ ҶОМЕАРО БА МИЁН ГУЗОШТ

9-уми сентябри соли 2017 дар Тоҷикистон 26-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ ҷашн гирифта шуд. Навгониҳое, ки дар 26 соли истиқлолият ба вуҷуд омадаанд ниҳоят зиёданд. Ба монанди бартараф намудани монеаҳои инкишофи мутаносиб, ҳалли зиддиятҳо ва муқовимати оштинопазир, рушду нумӯи соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии кишвар. Беҳтарин ва муҳимтарин дастовард баҳри рушди истиқлолияти кишвар 16-уми ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанди бостонӣ баргузор гардидани Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии ҶТ (даъвати дувоздаҳум) мебошад. Ин иҷлосия ва асноди ҳуқуқии он дар ҳифзи давлатдории миллӣ ва инкишофи ниҳодҳои демократӣ дар Тоҷикистон нақши муайянкунанда бозид. Дар он шабу рӯз роҳбарияти нави Тоҷикистон пас аз омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи вазъият ба мақсади раҳоии кишвар аз буҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ кори мақсаднокү самароварро оғоз кард. Дар пеш вазифаҳои гуногунро гузошта буд, ки яке аз онҳо такмил додани қонунгузории миллӣ ба ҳисоб мерафт.

Иҷлосияи 16-ум дар таърихи халқи тоҷик ҳамчун гардиши куллӣ ба самти хотима бахшидан ба ҷанги бародаркуш, пойдории миллати тоҷик, шаклдиҳии давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ дар Тоҷикистон ворид шуд. Табиист, ки таҳкими конститутсионии волоияти қонун, усули таҷзияи ҳокимият, таъмини пурраи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, усули плюрализми идеалогӣ ва сиёсӣ ва як қатор муқаррароти дигар, ҷустуҷӯи роҳҳои босамару сифатноки татбиқи ҳаётии онҳо ва таҳлили амиқу ҳамаҷонибаи таҷрибаи ҳуқуқиву давлатдориро тақозо дошт. Дар ҳамон шабу рӯз муддати ду моҳ як қатор санадҳои муҳим барои пешрафт ва сулҳу суботи ҷомеа ба имзо расидаанд.

Ин фаъолияти самарабахш пас аз интихоби Эмомалӣ Раҳмон ба сифати Раиси Шӯрои Олии ҶТ шурӯъ гардид. Дар суханронии аввалини худ Эмомалӣ Раҳмон чунин гуфтанд: «Ман тарафдори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошам». Бо назардошти вазъи сиёсӣ ва бо мақсади таъмини суботи сиёсӣ Иҷлосия қарори дахлдор қабул намуда, аз шакли идоракунии президентӣ даст кашида, бо ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ сохти парламентиро дар ҷумҳурӣ ҷорӣ намуд. Тибқи он ваколатҳои Президенти ҶТ бар дӯши раиси Шӯрои Олӣ вогузор карда шуд, Раиси Шӯрои Олӣ сарвари давлат ҳисобида мешуд. Ҳамчунин дар Иҷлосия раисони кумита ва комиссияҳои Шӯрои Олӣ, раиси Шӯрои вазирон ва аъзои Ҳукумат аз нав интихоб карда шуданд.



Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти қонунгузории давраи нави Тоҷикистони соҳибистиқлол ибтидо гузошт. Тахти раёсати Раиси Шӯрои Олии ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз дар Иҷлосияи 16-ум 74 санадҳои ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки онҳо ба фаъол намудан ва таҳкими додани сохтори ҳокимияти давлатӣ асос гузоштанд. Қонунҳои ҶТ «Дар хусуси даровардани тағйирот ба Қонуни ҶТ «Дар бораи статуси депутатҳои халқ дар ҶТ» аз 18 ноябри соли 1992, №673; «Дар бораи гурезагон» аз 24 ноябри соли 1992, №708 ва ғайра. Ҳамаи қарору қонунҳое, ки дар иҷлосия қабул шуданд, ҳамчун иқдомоти пайгиронаи Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон имкон доданд, ки мамлакат ба сӯи пойдорӣ, таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва истиқлолияти миллӣ қадам гузошта, мардум ба бунёдкориву созандагӣ машғул шаванд.

Ҳанӯз дар яке аз аввалин муроҷиатномаҳои худ Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба вазъияти ҳамонрӯзаи кишвар иҷрои вазифаҳои зеринро дар мадди аввал гузошта буд, аз ҷумла дар тамоми гӯшаву канори Тоҷикистон барқарор намудани ҳокимият ва мақомоти идоракунӣ ва таъмини кори пурмасъулияти онҳо; барқарор намудани сохтори мақомоти амалкунандаи муҳофизати ҳуқуқ дар маҳалҳо ва барои онҳо дар иҷрои вазифаи худ фароҳам овардани шароити мусоид; таъсис додани артиши миллӣ; пурзӯр кардани дифои сарҳади давлатии ҶТ ва ворид шудани ҷумҳурӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ.

Дар умум, бо мақсади хотима додан ба ҷанги дохилӣ, пешгирии фоҷиаи миллӣ ва харобшавии асосҳои иқтисодию ҷамъиятӣ ва сиёсии давлат, таҳкими сулҳу салоҳ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории гурӯҳҳои гуногун, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ, таъмини фаъолияти мутъадил ва таҳкими мақомоти давлатӣ Шӯрои Олии ҶТ бо дарназардошти принсипҳои башардӯстӣ қарор кард, ки шахсони аз 27-уми март то 25-уми ноябри соли 1992 дар минтақаҳои мухолифати мусаллаҳона ҷиноят ё амалҳои ғайриқонунӣ содиркарда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ, интизомӣ ва маъмурӣ кашида нашаванд.



**Рухшона КАРИМОВА**
**унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат**

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ – РОҲНАМОИ ҶАВОНОН



Дар ҳар халқу миллат шахсиятҳои таърихие ҳаёт ба сар бурдаанд, ки ном, фаъолият ва зиндагиномаашон бо таърих ва сарнавишти ин миллат алоқамандии ногусастанӣ дошта, чун роҳнамои насли имрӯз ва ояндааш баромад менамоянд.

Таърих собит месозад, ки миллати куҳанасолору хирадпешаи тоҷик шахсиятҳову донишмадонеро парваридааст, ки на танҳо барои насли худ, балки барои насли инсоният хизмати бузурго анҷом додаанд. Аз ҷумла, Куруши Кабир чун шоҳи одилу адолатпеша бори нахуст дар Эъломияи худ ҳуқуқҳои аввалиндараҷаи инсонро муқаррар намуда, ғуломонро озод ва бединонро дин дод. Исмоили Сомонӣ давлати мутамаркази тоҷиконро таъсис дод ва Рӯдакӣ адабиёти форсиро поя гузошт. Сино ба илми тиб асос гузошт. Айнӣ забон ва адабиёти ба гӯшаи фаромӯшӣ рафтаи тоҷикро баъд аз ҳазор сол дигарбора зинда кард ва Бобоҷон Ғафуров бо эҷоди шоҳасари худ «Тоҷикон» ҷаҳонро бо таърих ва тамаддуни миллати тоҷик ошно намуд.

Бо аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ давлатҳои аъзои он истиқлолияти миллии худро ба даст оварданд, ки Тоҷикистон аз онҳо истисно нест. Мутаассифона, бо таъсири қуввaҳои хориҷиву дохилӣ Тоҷикистони тозаистиқлол ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ гардида, хатари аз харитаи сиёсии ҷаҳон нест гардидани он ба вуҷуд омад. Дар чунин давраи барои миллат ҳассос шахсияте лозим буд то Ватанро аз вартаи нестшавӣ эмин нигоҳ дошта, миллатро сарҷамъ намояд. Ниҳоятан, дар Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чун вакили ҷавон ва дорои таҷрибаи баланди корӣ ба майдони сиёсат ворид гардида, Раиси Шӯрои Олӣ интихоб шуд. Ин абармарди таърих миллатро аз марг ва давлатро аз парокандагӣ наҷот дода, кохи боҳашамати сулҳи тоҷиконро бунёд кард, низоми давлатдории муосирро асос гузошт ва тоҷиконро чун миллати дорои забон, фарҳанг ва таърихи қадима ба ҷаҳониён муаррифӣ намуд. Аз ин ҷост, ки халқ ба ӯ унвони арзандатарин – Асосгузори сулҳу ваҳдат ва Пешвои миллатро додааст.

Эмомалӣ Раҳмон замоне вориди сиёсат гардид, ки ҳамагӣ чил сол дошт. Ба ҷавонии худ нигоҳ накарда, ҷонашро зери хатар гузошт, шабҳо нахуфт, миллатро аз нестӣ ва мардумро аз парокандагӣ нигоҳ дошт. Чун ҷавони дорои иродаи қавӣ ва ватандӯст пайваста баҳри оромӣ, осоиштагӣ, якпорчагӣ ва рушди Ватани азизаш талош варзид ва ба ҷаҳониён бори дигар исбот намуд, ки тоҷикон воқеан миллати соҳибхираданд, ки метавонанд аз душвортарин давра бо иродаву идроки баланди худ раҳоӣ ёбанд. Аз ин ҷост, ки ӯ сиёсати ҷавонпарваронаро пешаи худ қарор дода, ҷавононро ояндаи давлат ва идомадиҳандаи кори имрӯзиён меҳисобад ва чунин таъкид менамояд: «Мо ба ҷавонони бонангу номуси худ ва ба эҳсоси гарми ватандӯстии онҳо боварии бузург дорем, бо онҳо ифтихор мекунем, зеро онҳо воқеан ояндаи неки Ватан ва идомадиҳандаи кору фаъолияти созандаи мо ҳастанд».

Дар замони муосир рӯ овардан ба масъалаи ҷавонон ва истифода намудан аз имкониятҳои зеҳниву ҷисмонии онҳо яке аз шартҳои ноил шудан ба инкишофи устувори давлат ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад Пешвои миллат дар суханронии худ ба муносибати 20-солагии Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати «Рӯ овардан ба ҷавонон»-ро ба миён гузошта, иброз намуданд, ки таваҷҷуҳ намудан ба ҷавонон ин маънии рӯ овардан ба ояндаи кишвар ва миллатро дорад. Маҳз таваҷҷуҳ ва дастгириҳои доимии Пешвои миллат аст, ки имрӯз ҷавонон дар ҳама самтҳои фаъолият муваффақанд ва баҳри баланд бардоштани мақому мартабаи сарзамини биҳиштии худ пайваста дар талошанд. Бо эълон намудани соли 2017 ҳамчун Соли ҷавонон, Пешвои миллат бори дигар хотирнишон намуданд, ки ба қувва ва неруи ҷавонони тоҷик эътимоди комил доранд, ояндаи гул-гулшукуфони Ватани маҳбуби худро дар симои онҳо мебинанд ва мехоҳанд ҷавонон ҳамеша дар талоши илму дониш ва сайқали ҳунару маҳорати худ бошанд, то тавонанд чун номбардору парчамбардори марзу буми аҷдодӣ баромад намоянд. Ин гувоҳӣ аз он медиҳад, ки Роҳбари давлат моро ба дӯстиву бародарӣ, ҷавонмардиву ватанпарварӣ, некиву накукорӣ, мардонагиву шуҷоатмандӣ, содиқ будан ба халқу миллати хеш, омӯзиши илму ҳунар, тақвият бахшидани малакаи касбӣ ва дар умум, ба роҳи рости зиндагӣ ҳидоят менамоянд.

Воқеан, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат ҳамеша дастгир ва роҳнамои ҷавонон буда, ба онҳо бо забони ноби тоҷикӣ «фарзандони азизам» гӯён муроҷиат менамояд ва ҷавонон ӯро падари маънавии хеш меҳонанд. Аз ҷумла, дар мулоқоти худ бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ таърихи 22 майи соли 2013 бо хитоб ба насли ояндасози миллат чунин иброз намуданд: «Фарзандони азиз! Агар аз ман пурсанд, ки дар бораи ояндаи Тоҷикистон чӣ андеша дорам, ҷавоби ман чунин хоҳад буд: «Ман ояндаи Тоҷикистонро ҳамчун як кишвари ободу пешрафта ва озоду демократӣ мебинам, ки мояи ифтихори ҳар як фарди ҷомеа бошад». Чунин суханони падаронаву самимона ва ба рӯҳу қалб таъсирбахши ӯ дар вуҷуди ҳар фарди ин миллат тавон ва неруи дигарро зам намуда, водор месозад аз ҳарвақта бештар Ватанро дӯст дорад, хоки муқаддасашро ҳифз кунад, баҳри таъмини қонуният талош варзад ва миллати озоду ободро ба наслҳои баъдӣ мерос гузорад.

Ҷойи шубҳа нест, ки маҳз чунин шахсиятҳо метавонанд баҳри якпорчагии марзу буми аҷдодӣ талош варзида, миллатро солим нигоҳ доранд. Бо ин мақсад ҳар ҷавони мамлакатро зарур аст ватандӯстдориву ватанпарварӣ, ҷавонмардиву мардонагӣ, некиву накӯкорӣ, шуҷоату далерӣ, ҷоннисорӣ, дар маҷмӯъ бузургтарин ва накӯтарин хислатҳои неки инсониро аз шахсияти нотакрори таърих – Эмомалӣ Раҳмон биомӯзанд ва зиндагиву фаъолияташро чун тимсоле барои худ истифода баранд.



**Некрӯз САФАРЗОДА**
**донишҷӯи соли 5 (МБҲ)**

# КОНСТИТУТСИЯ – ИФОДАГАРИ

**Ҳамасола дар кишвар 6 ноябр Рӯзи Конститутсия таҷлил мегардад ва имсол низ он бо як шаҳомату шукӯҳи хоса қайд карда шуд. Дар ин хусус донишҷӯён фикру андешаҳои худро иброз намудаанд, ки фишурдаи онро пешкаши хонандаи азиз месозем.**



**Луғмон ШЕРАЛИЕВ
донишҷӯи соли 2
(ИДҲ)**

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ роҳи эъмори давлати ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаро пеш гирифта, 6 ноябри соли 1994 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи худро қабул намуд. Дар заминаи моддаи 1-и он Тоҷикистон ба ҳайси давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона шинохта шудааст. Аз ин рӯ, мо насли ояндасози миллатро зарур аст, ки бо ҳисси баланди миллӣ ва хештаншиносӣ Конститутсия ва қонунҳои ҷориро риоя ва иҷро намуда, дар амалӣ гаштани асосҳои сохтори конститутсионӣ ва таъмини қонуният саҳми назарраси худро гузорем.



**Сиёвуш МАҲМУРОДОВ
донишҷӯи соли 5**

Вабаста ба рушди устувории пайдарпайи ҷомеа, мусоидат намудан ба рушди минбаъдаи равандҳои демократикунонии ҳаёти ҷомеа, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва кафолати риояи ҳифзи онҳо, таҳкиму такмили асосҳои конститутсионии ҳокимияти давлатӣ, фаъолияту ҳамкориҳои байниҳамдигарии онҳо, инчунин бо дарназардошти рушди забони давлатӣ ба Конститутсияи ҶТ се маротиба 26-уми сентябри соли 1999 (ба 24 модда), 22-юми июни соли 2003 (ба 54 модда) ва 22-юми майи соли 2016 (ба 40 модда)-и он тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. Тағйиротҳое, ки дар ин солҳо ба Конститутсия ворид гардиданд, меъёрҳои онро боз ҳам мукаммал намуда, дар ҷомеа марҳилаи нави инкишофро ба вуҷуд оварданд. Аз ин ҷост, ки коршиносони сатҳи байналмилалӣ Конститутсияи Тоҷикистонро ба панҷгонаи конститутсияҳои беҳтарини олам дохил намудаанд.

**Нигора БОРАҲИМИЁН
донишҷӯи соли 5**

Конститутсия пеш аз ҳама ба омили муҳимтарини кафолати устувории ҳаёти сиёсии кишвар табдил ёфт. Конститутсия ҳамчунин санади бунёдиву созандае гардид, ки имрӯз дар асоси он ҳар як шаҳрванди мамлакат ҳуқуқҳои қонунии худро мешиносад ва аз онҳо баҳравар мешавад. Конститутсия сарчашмаи боэътимоду асосии таъминкунандаи ҳаёти муътадилу осоиштаи ҷамъиятию давлатии ҷумҳурӣ мебошад. Давлат дар бобати таҳкими қонуният, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, пеш аз ҳама ҷинояткории муташаккил, терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, хулоса таъмини амнияти миллӣ пайваста тадбирҳои мушаххас меандешад. Аз ин рӯ, эҳтиром ва риояи қонуният, аз ҷумла қонунияти конститутсионӣ барои ҳама сарфи назар аз вазифаю мақоми иҷтимоӣ шарту зарур аст.



**Нуралишо
АБДУЛЛОЗОДА
донишҷӯи соли 2**

Конститутсия ирода ва манфиатҳои халқи Тоҷикистонро дар худ мустаҳкам намуда, дар заминаи моддаи 6 халқро баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эътироф намудааст. Халқи Тоҷикистон иродаи худро тавассути интихобот ва раъйпурсӣ амалӣ менамояд, ки ин яке аз нишонаҳои асосии давлати демократӣ ба ҳисоб меравад. Гуфтан мумкин аст, ки маҳз ин меъёри Конститутсия дар қалби мардум шӯълаи умедро нисбати сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумат барафрохта, онро ҳамаҷониба дастгирӣ менамоянд ва баҳри ободиву пешрафти Ватани маҳбуби хеш пайваста дар талошанд. Халқ бунёдгузор ва таҳкимбахшандаи дилхоҳ навъи фаъолият буда, пойдевори асосии ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад.



**Баҳодур АЛИМОВ
донишҷӯи соли 3
(ИДҲ)**

Дар заминаи моддаи 11 Конститутсия, ки Тоҷикистонро чун кишвари сулҳҷӯ муаррифӣ намудааст, мо тавонистем ба як қатор созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ва давлатҳои алоҳидаи ҷаҳон робитаҳои хуби дипломатиро ба роҳ монем. Дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ мо бо 127 кишвари ҷаҳон робитаҳои дипломатиро барқарор намуда, бо онҳо дар соҳаҳои гуногун ҳамкорӣ менамоем, ки ин дар заминаи Истиқлолияти давлатӣ ба даст омада, аз амалӣ гаштани меъёрҳои конститутсионӣ дар мамлакат гувоҳӣ медиҳад. Ҳамзамон, дар моддаи мазкур пешбинӣ мегардад, ки давлат бо ҳамватанони бурунмарзӣ ҳамкорӣ менамояд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Тоҷикистон воқеан ҳар фарди худро дӯст медорад ва новобаста аз он, ки дар кадом гӯшаи сайёра зиндагиву фаъолият менамоянд, пайваста аз кору фаъолияташон бохабар аст, бо онҳо ҳамкорӣ менамояд ва ифтихор аз он менамояд, ки онҳо миллатро дар олам муаррифӣ менамоянд.



**Суруш БОЕВ
донишҷӯи соли 5**

Дар Конститутсияи ҶТ нисбати ҷавонон имтиёзҳои бисёр хуб фароҳам оварда шудааст. Чунончи, шахсоне, ки ба синни 25 ё 30 расидаанд, метавонанд ба ҳайси Президент, вакили Маҷлиси намояндагон, аъзои Маҷлиси миллӣ, судяи судҳои ҷумҳурӣ интихоб ё таъйин шаванд. Ин гувоҳи дар сатҳи баланд ғамхорӣ гардидани ҷавонон аз ҷониби давлату ҳукумат ба шумор меравад. Ҷавонон дар тамоми давру замон ояндасози ҷомеаву давлати хеш буда, танҳо ҳамон вақт метавонанд барои давлату миллат саҳми созгорро гузоранд, ки савод, дониш ва маърифати баланди ҳуқуқӣ ва сиёсӣ дошта бошанд. Бинобар ҳамин, онҳоро зарур меояд, ки дорои маърифат ва дониши баланд гардида, аз илму техникаи замони муосир бархурдор бошанд ва малакаю маҳорати худро баҳри пешрафти Ватани маҳбуби худ гузоранд.

**Азиза БУРҲОНОВА
донишҷӯи соли 2
(МБХ)**

Конститутсия тавонист ифодагари манфиатҳои халқи тоҷик бошад, тоҷиконро дар арсаи олам муаррифӣ созад. Конститутсия барои расидан ба сулҳу салоҳ ва ваҳдати комили мардуми мо нақши муҳим бозид. Албатта, дар таҳия ва омодасозии Конститутсияи даврони истиқлол нақши Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон хеле бузург аст. 23 сол аст, ки мардуми мо дар зери осмони софу беғубори кишвари соҳибихтиёру демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ва ягона зиндагӣ доранд. Боиси ифтихор аст, ки Конститутсияи кишвар дастгиру роҳнамои кулли мардуми тоҷик гардид. Барои зиндагии орому осоиштаи халқи мо заминаи хубу мустаҳками сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ба вуҷуд овард. Аз ин рӯ, ҳар фарди ҷомеаро зарур аст, ки шукри Ватани ободу зебояш намуда, Конститутсия ва қонунҳоро риоя ва иҷро ва дар доираи меъёрҳои қонун зиндагӣ намуданро пешаи худ намояд.



**Шодиҷон
МУКАРРАМОВ
донишҷӯи соли 1**

Тамоми дастовардҳоеро, ки тули 23-соли амали Конститутсияи Тоҷикистон насиби халқу давлати мо гардидаанд, натиҷаи хирад ва заковати азими халқ маҳсуб ёфта, маҳз бо иродаи аксари мутлақи мардуми ин сарзамини куҳанбунёд имрӯз кишвари моро дар ҷаҳони муосир ҳамчун давлати соҳибихтиёру ҳуқуқбунёд ва демокративу иҷтимоӣ эътироф мекунанд ва мавқеи онро ҳангоми ҳаллу фасли масоили умдаи байналмилалӣ ба инобат мегиранд. Воқеан, зиндагӣ дар чунин ҷомеае, ки асосҳои бунёдии онро таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва адлу масъулияти баланди ҳокимиятдорӣ ташкил медиҳанд, орзуи халқи мо дар масири асрҳо буд ва бояд гуфт, ки мо ба ин орзуи деринаи хеш имрӯз расидаем.

# ОРЗУЮ ОМОЛИ МАРДУМ



**Сафарҳон ВОҲИДОВ**
**донишҷӯи соли 2**
**(ИДҲ)**

Конститутсияи Тоҷикистон, ки меъёрҳои он аз принсипи башардӯстӣ маншаъ мегиранд, ҳамчун ҳуҷҷати сарнавиштсози сиёсиву ҳуқуқӣ эътироф гардида, дар он арзишҳои муҳимми ҳаётӣ, изҳори ирода ва марому мақсади кулли сокинони кишвар ба таври возеҳ инъикос гардидаанд. Агар меъёрҳои Конститутсияро таҳлил намоем, қариб дар ҳамаи онҳо ғояҳои инсондӯстона таҷассуми худро ёфтаанд. Ҳатто дебочаи Конститутсия, ки қисмати муқаддимавии он ҳисоб мешавад, озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас шумурда, баробарҳуқуқӣ ва дӯстии миллату халқиятҳоро эътироф мекунад. Дар он нисбат ба ҳуқуқи инсон муносибати хосса пешбинӣ шуда, озодиҳои он арзиши олӣ эътироф шудаанд. Ҳамрадиф бо ин, ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсонро дахлнопазир эълон кардааст.



**Муҳаммадамин НАСРИДДИНОВ**
**донишҷӯи соли 4**

Конститутсияи ҶТ ба халқи тоҷик ормонҳои деринтизор, ҳаёти хушбахтона ва озодии комилро ҳадя намуд. Бевосита дар ҳаёти ҷомеаи тоҷик нақши бузургро фарзанди барӯманди ин миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бозида-

аст. Санаи қабули Конститутсия як санаи таърихӣ буда, сарнавишти имрӯзу фардои миллат ва давлатамонро дар худ таҷассум мекунад. Афзалияти ин санад дар он аст, ки боби алоҳидаи он бевосита оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст. Дар моддаи 14-и Конститутсия пешбинӣ мегардад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия ҳифз мешаванд ва бевосита амалӣ мегарданд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки Конститутсияи Тоҷикистон ифодагари олии ҳуқуқу озодиҳои инсон ба ҳисоб рафта, онро арзиши олӣ эътироф намудааст.



**Маҳина РАҲМОНОВА**
**донишҷӯи соли 2**
**(ФҲХ)**

Мо мардуми соҳибтамаддуни тоҷик бо таърихи чандинҳазорсолаи худ воқеан сазовори чунин Конститутсияи ифодакунандаи ҳама гуна нияту амалҳои поки миллат ва давлати воқеан соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона буда, дар доираи талаботи ин санади олии ҳуқуқӣ кор ва зиндагӣ карданро ифтихори бузург, шараф, номус ва қарзи фарзандии худ дар назди миллат ва Ватани соҳибистиқлоламон медонем. Рамзу нишони давлатӣ ва дигар муқаррароти Конститутсияи Тоҷикистони азиз барои ҳамаи мо тоҷику тоҷикистониён мояи ифтихор ва муқаддас буд, ҳаст ва мемонад.

**Салоҳиддин ҲОСАФАРОВ**
**донишҷӯи соли 2**
**(ТҲМК)**

Бахтнома ва ё Конститутсия ин оина ва раҳнамои ҳар миллат аст. Бахтнома моро дастуру ҳушдор менамояд, ки ҳам аз ҷиҳати сиёсӣ ва ҳам фарҳангӣ худшиносу худогоҳ бошему аз рӯи чорчӯбаи қонун амал намоем. Қоидаи қонун ва сиёсати ватандорӣ дар Конститутсия тарҳрезӣ гар-



дида, моро водор мекунад, ки аз рӯи он амал намоем ва дар оинаи худогоҳию худшиносӣ худро дар ёбем. Санаи 6-уми ноябри соли 1994 ба таври раъйпурсии умумихалқӣ қабул намудани Конститутсия ва ё Бахтнома моро водор менамояд, ки бигуем:

**Дили миллат зи**
**Конститутсия сарояд,**
**Ҳумои бахт бар мо**
**пар кушояд.**
**Ҳамин рамзи**
**баҳори бехазон аст,**
**Баҳори Тоҷикистон**
**ҷовидон аст.**

Оре, дили миллат, ҳастии миллат дар Конститутсия ба наво меояд, худро ифшо месозад, аз Ватан ватандорӣ гувоҳӣ медиҳад. Конститутсия ин бахти миллат аст, раҳнамои миллат ба сиёсат ва нур кашидан ба арсаи ҷаҳон аст.



**Ҷонона СУҲРОБЗОДА**
**донишҷӯи соли 1**

Доир ба Конститутсия шеъри шогирдонае эҷод намудаам, ки онро пешкаши хонанда месозам.

Ноябри 94,
**Омад соли бобарор,**
**Қонуни асосӣ шуд.**
**Дар мамлакат**
**устувор,**
**Сарқонун андар**
**ҳисоб.**
**Сад модда асту**
**даҳ боб,**
**Ба ҳар як саволи**
**худ,**
**Меёбӣ он ҷо ҷавоб.**
**Дар қонуни асосӣ,**
**Ҳарф-ҳарф офтоб аст.**
**Бе қонуни асосӣ,**
**Кори ҷаҳон хароб аст.**
**Дар боби якуми он,**
**Асосҳои давлат аст.**
**Дар фасли дуюми он,**
**Ҳифзи ҳуқуқи инсон.**
**Дар боби сеюм**
**бошад,**
**Маҷлиси Олӣ**
**дарҷ аст.**
**Дар боби чорум**
**бошад,**
**Президенти**
**кишвар аст.**
**Дар фасли**
**панҷуми он,**
**Ҳукумати ҷумҳурӣ.**
**Дар боби шашуми он,**
**Ҳокимияти маҳаллӣ.**
**Вилояти Бадахшон**
**Дар боби ҳафтуми он.**
**Боби ҳаштумаш**
**бошад,**
**Судҳои Тоҷикистон.**
**Дар фасли нуҳум**
**дарҷ аст,**
**Прокурори генерал.**
**Боби даҳум охирин,**
**Тағйиру иловаҳо.**

**Рухшедҷон ЭРКАЕВ**
**донишҷӯи соли 4,**
**(ТҲМК)**

Пайдоиши Конститутсия дар кишвари мо бо барпоёбӣ ва ташаккули давлати миллии Тоҷикистон алоқаманд аст. Баъди тақрибан се соли ба даст овардани Истиқло-



лияти давлатӣ санаи 6-уми ноябри соли 1994 Конститутсияи давлати соҳибихтиёри Тоҷикистон дар раъйпурсии умумихалқӣ бо тарафдории 87,59% раъйдиҳандагон қабул гардид. Мо аллакай шоҳиди се маротиба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба он гаштем. Тағйироту иловаҳо меъёрҳои Конститутсияро такмил дода, ба шароити рушди ҷомеа онро мувофиқ гардониданд.

**Айёмуддин ҲИКМАТУЛЛОЕВ**
**донишҷӯи соли 3 (ИДҲ)**

Ҳар як халқу миллат ҳамон конститутсияеро дорад, ки ба он сазовор аст. ҶТ ҳамчун давлати мустақил низоми ҳуқуқии худро доро буда, дар он Конститутсия мавқеи асосиро ишғол намуда, ба ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ таъсир мерасонад. Конститутсия на танҳо қонуни асосӣ, балки санади махсуси ҳуқуқиест, ки бо эътибори олии ҳуқуқӣ ва махсусияти худ аз дигар



санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фарқ мекунад. Аз ҷумла, он сарчашмаи ягонаи қонунгузорӣ буда, ин ҳолат дар моддаи 10-и он пешбинӣ шудааст.



**Маҳмудҷон РАСУЛОВ**
**донишҷӯи соли 1**
**(ҲҶМЗ)**

Конститутсия санади ҳуқуқиест, ки хусусияти миллӣ дорад ва аз тарафи давлат чун қонуни асосӣ қабул карда мешавад. Тамоми қонунгузории минбаъдаи давлат дар асоси Конститутсия сурат гирифта, ҳама гуна қонуни ба он дар ихтилоф қабулгардида беэътибор дониста мешавад. Конститутсия санади таърихиву муқаддасест, ки тамоми муносибатҳои муҳимтарини ҷомеаро ба танзим даровардa, асоси ҳуқуқии ҳар як давлатро муайян мекунад ва ҳуҷҷати сафарбаркунандаи тамоми мардум баҳри ободии кишвар мебошад.



**Гирдоварии**
**Ҷаҳонгир**
**САЪДИЗОДА**

# КОНСТИТУЦИОННЫЙ КОНТРОЛЬ И НАДЗОР: ОБЩНОСТЬ И ОТЛИЧИЕ



Иклимой НУРАЛИЕВА
студентка 2-го курса




Государственный контроль и надзор следуют из самой сути государственной власти и должны рассматриваться в рамках, прежде всего, их ценностного измерения. Именно в этом смысле государственный контроль и надзор вступают в качестве официальной формы реализации правовой политики, которая направлена на обеспечение соответствующих политико-правовых ценностей благодаря постановке государственно правовых целей, соответствующих интересам и воле общества, и соизмерению принимаемых государственно-правовых решений с политико-правовыми целевыми требованиями.

Потребность в осуществлении государственного контроля и надзора, и их предназначения в реализации правовой политики предопределенно, во-первых, потребностями действительности государственной власти в обеспечении реальности принимаемых решений, в получении информации о результатах реализации правовых норм или правоприменительных предписаний, устранения возможных или допущенных нарушений, а также для корректировки управленческого воздействия. Во-вторых, такую потребность определяет необходимость достижения установленных целей и решения задач, которые поставлены перед механизмом государственной власти.

Формирование современной политической и правовой системы Республики Таджикистан, начатое с принятием Конституции 1994 года, предполагает создание и управление устойчивых механизмов реализации демократических институтов государства. Деятельность этих механизмов в первую очередь должна быть направлена на обеспечение и защиту прав и свобод человека и гражданина, закрепленных в Конституции Республики Таджикистан. Одним из таких механизмов выступает конституционный контроль и надзор. Данный механизм выступает специфическим средством охраны и защиты Конституции, осуществляемый компетентными органами публичной власти по обеспечению верховенства и высшей юридической силы конституции в системе источников права, ее прямого, непосредственного действия в деятельности субъектов общественных отношений на всей территории государства.

Конституционный контроль и надзор будучи тесно взаимосвязанными, все же представляют различные направления функций государственных органов. Конституционный контроль осуществляется государственными органами, деятельность которых направлена на обеспечение соответствия Конституции государства законов и нормативных правовых актов. осуществляемый государственными органами, в рамках, возложенных на них полномочий. В свою очередь, конституционный надзор –это осуществляемая государственными органами деятельность, направленная на обеспечение соответствия конституции государства законов и иных нормативных правовых актов, и суть его состоит в том, что надзирающий орган осуществляет наблюдения за соответствием правовых актов Конституции, по сигналам или по своей инициативе находит антиконституционные акты и предлагает соответствующим органам их отменить. Сам же он отменить такие акты не может, если выполняет в чистом виде функции конституционного надзора.

Таким образом, конституционный контроль дает полномочному органу право отменить или признать недействующим акт, противоречащий Конституции. Конституционный надзор такого права не дает и выражается в том, что орган конституционного надзора предлагает тому, кто принял неконституционный акт, или органу, стоящему над ним, отменить этот акт. Иногда конституционный контроль совмещается с конституционным надзором в руках одного государственного органа.

В юридической литературе указывается следующие отличительные особенности конституционного надзора от конституционного контроля:

Во-первых, между надзорным органом и поднадзорным нет отношений подчиненности или подведомственности.

Во-вторых, надзорный орган не имеет права давать указания по усмотрению обнаруженных нарушений.

В-третьих, орган надзора не имеет права ни отменять незаконный акт, ни наказывать нарушителей.

В-четвертых, объектом надзора является только законность.

В-пятых, контроль отличается плановостью и системностью, конституционный надзор же осуществляется в случаях появления актов, которые надлежит проверить на соответствие Конституции.

В-шестых, в итоге контроля вопрос решается по существу: принимаются меры по устранению выявленных недостатков, решению проблем, наказанию виновных.

Исходя из вышеизложенного, можно констатировать, что в мировой практике осуществление функций конституционного контроля и надзора возлагается на различные государственные органы.

В науке конституционного права органы конституционного контроля и надзора подразделяются на два вида: общие и специализированные.

К общим органам конституционного контроля и надзора относятся глава государства, парламент, органы прокуратуры. В свою очередь специализированные органы конституционного контроля также подразделяются на два вида: судебные и несудебные. Судебными органами конституционного контроля являются суды общей юрисдикции и специализированные судебные органы- конституционные суды. Наряду с судебными органами конституционного контроля, существуют и несудебные органы, их называют квазисудебными.

В РТ вопросы конституционного контроля и надзора входят в функции Президента РТ, Маджлиси Оли (парламента), прокуратуры и специализированных контрольно-надзорных органов (к ним относятся Уполномоченный по правам человека и Национальный центр законодательства при Президенте РТ).

Таким образом подводя итог, можно отметить, что современное состояние государственного контроля и надзора в Республике Таджикистан и его правового регулирования отличается такими чертами, как разнообразие видов государственного контроля и надзора (исходя из множественности органов, осуществляющих государственный контроль и надзор при значительных различиях в их правовом статусе) и большой объем законодательных и иных нормативных правовых актов, регламентирующих организацию и процесс государственного контроля и надзора.

# МИЛИТСИЯ – КАФИЛИ АМНИЯТ ВА СУЛҲУ СУБОТИ ДАВЛАТ

Пешрафти соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа аз амнияту субот вобаста аст. Иҷрои ин вазифаи бениҳоят муҳим бар зиммаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, алалхусус мақомоти корҳои дохилӣ вогузор шудааст. Дар ҶТ низ мақомоти милитсия имрӯзҳо саҳми худро барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мегузорад. Ҳукумати мамлакат тӯли соҳибистиқлолии ҶТ ва хусусан, тайи солҳои охир ҷиҳати таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти милитсия ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон диққати махсус дода, барои ба талаботи замони муосир мутобиқ гардонидани фаъолияти он мунтазам чораҳоро амалӣ месозад. Ҳамин аст, ки дар баробари дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мақомоти милитсия имрӯз ба яке аз мақомоти бонуфузу эътибори хоса дошта табдил ёфтааст.

Фаъолияти милитсияи тоҷик мисоли равшани кӯшишу талошҳои ин моқомот баҳри таъмини амният, пойдории сулҳу субот, ошкор ва пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳо, мубориза бар муқобили падидаҳои номатлуби ҷомеа мебошад. Кормандони милитсия дар давраи соҳибистиқлолии мамлакатамон санҷишҳои сангини таърихиро паси сар намуда, дар таъмини амнияти давлату миллат саҳми арзандае гузоштаанд. Борҳо мақомоти милитсия исбот намудааст, ки арзишҳои миллӣ, аз қабили, истиқлолият, ваҳдат, оромӣ ва субот барои ин давлату ин миллат муҳим мебошад ва баҳри ҳифзи онҳо бисёре аз родмардони шуҷои миллат ҷони худро фидо намудаанд, то ки сулҳи деринтизори тоҷикон безавол бошад. Милитсия дар ҶТ мақоми давлатии ҳифзи ҳуқуқ ва таҳқиқу тафтишот ба шумор рафта, вазифаи асосии он ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тартиботи ҷамъиятӣ, манфиатҳои ҷамъияту давлат аз кирдорҳои ҷинояткорона ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳост.

Ҳамин аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: «Мардуми Тоҷикистон аз заҳмату хизмати шабонарӯзии мақомоти милитсия сипосгузор аст ва ҳукумати мамлакат низ ин ҷасорату фидокории мақомоти милитсияро дар роҳи дифои манфиатҳои Ватану миллат ҳамеша қадрдонӣ менамояд». Илова бар ин, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳаққи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла кормандони мақомоти милитсия ғамхориҳои бениҳоят зиёд зоҳир менамояд.

Барои боз ҳам мустаҳкам гардидани мақоми милитсия дар ҷомеа Қонуни ҶТ "Дар бораи милитсия" (аз 17 майи соли 2004) қабул шудааст, ки он бевосита вазифа, салоҳият, самтҳо ва номгӯи ҳуқуқҳои мақомоти мазкурро муқаррар менамояд. Мувофиқи моддаи 3-юми Қонуни мазкур самтҳои асосии фаъолияти милитсия аз ҳифз ва ҳимояи ҳаёту саломатӣ, хуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз кирдорҳои ғайриқонунӣ, пешгирӣ, рафъи ҷиноятҳо ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо, ҳимояи манфиатҳои ҷамъиятиву давлатӣ, таъмини тартибот ва бехатарии ҷамъиятӣ, ошкор намудан ва таҳқиқу тафтиши ҷиноятҳо, ҳимояи ҳама гуна шакли моликият аз кирдорҳои ғайриқонунӣ, таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ, инчунин татбиқ ва иҷрои ҷазои маъмурӣ иборат аст.



Мақомоти милитсия ҳуқуқ дорад, ки аз шаҳрвандон ва шахсони мансабдор риоя намудани тартиботи ҷамъиятӣ, қатъ кардани ҳуқувайронкунӣ ва дигар кирдорҳое, ки ба тадбиқи ваколатҳои милитсия монеъ мешаванд, талаб намояд ва дар сурати иҷро нагардидани ин талабот мувофиқи қонун аз чораҳои маҷбуркунӣ истифода намояд. Инчунин ҷалб намудани милитсия ба иҷрои вазифаҳое, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» ва дигар қонунҳо ба зиммааш вогузор накардааст, манъ аст. Ҳеҷ кас, ба истиснои мақомот ва шахсони мансабдоре, ки мувофиқи қонун мустақиман ваколатдор карда шудаанд, ба фаъолияти милитсия ҳуқуқи дахолат карданро надорад. Дар баробари ин, мо низ метавонем ба кормандони мақомоти милитсия дар иҷро кардани фаъолияти хизматии онҳо новобаста аз синну сол барои пешгирӣ намудани ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо саҳми худро гузорем.

Ҳамасола 10-уми ноябр дар ҶТ рӯзи милитсияи тоҷик таҷлил мегардад. Аз ин рӯ, банда тамоми кормандони мақомоти милитсияи тоҷикро ба ин иди пуршукуҳ ва саидашон муборакбод гуфта, дар роҳи амалӣ намудани вазифаҳои хизматиашон бурдборӣ орзумандам, чунки маҳз кӯшишу талоши кормандони мақомоти милитсия аст, ки ҶТ ба яке аз давлатҳои соҳибихтиёру пешрафта мубаддал гардидааст ва кормандони мақомоти мазкур аз самими дил ин вазифаи муҳимми худро бо сарбаландӣ ба иҷро мерасонанд, то ки соҳибистиқлолӣ ва сулҳу суботи Тоҷикистон поянда бошад.



**Сайриддин ОХИРОВ**
**донишҷӯи соли 2, ихтисоси фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ**

**ЗИНДА БОД МИЛИТСИЯИ ТОҶИК!**

**Дар талоши осмони беғубор,**
**Ҳифзи халқи некхоҳу неккор.**
**Ту ба по истодаӣ шому саҳар,**
**Ҳомии қонун чу як шаб зиндадор.**
**Ҷашни фирӯзат муборак қаҳрамон,**
**Дар диёри бехазони тоҷикон.**

# МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ – СИПАРИ ДАВЛАТ!

Тибқи талаботи моддаи 1 Қонуни ҶТ "Дар бораи милитсия" милитсия мақомоти давлатии ҳифзи ҳуқуқ, таҳқиқу тафтишот буда, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тартиботи ҷамъиятӣ, манфиатҳои ҷамъияту давлатро аз кирдорҳои ҷинояткорона ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо муҳофизат намуда, ҳуқуқ дорад чораҳои маҷбурии дар доираи Қонуни мазкур ва дигар қонунҳо пешбинигардидаро ба кор барад.

Дар баробари дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти корҳои дохилӣ мавқеи марказиро дар низоми ҳокимияти давлатӣ ишғол намуда, барои тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи сохти конститутсионӣ, таъмин намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, пешгирӣ аз ҳар хел ҷинояткориву ҳуқуқвайронкунӣ, инчунин барои тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи риояи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ саҳми басо бузург дорад. Дар ҳақиқат баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ милитсияи тоҷик дар сафи пеш барои ошкор намудани ҷиноятҳо, ки ба сохти конститутсионии давлат, поймол намудани озодиҳои инсон, халалдор намудани ҳаёти осоиштаи мардум зарар мерасонд, муборизаи беамон бурданд. Ҳеҷ як давлати орому осударо бе чунин мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, яъне мақомоти корҳои дохилӣ тасаввур кардан имконнопазир мебошад. Дар давлатҳои ҷаҳон мақомоти корҳои дохилӣ гуногун номгузорӣ шудааст: масалан, дар ҶТ "милитсия" дар ФР "Полиция" дар Ҷумҳурии Қазоқистону Узбекистон ва дигар давлатҳои ИДМ ҳамчун "Милитсия" ном бурда мешавад.

Бояд ёдовар шуд, ки ҳодисаҳои солҳои 90-уми асри гузашта мардумро пароканда ва пояҳои давлатро заиф гардонид. Маҳз шуҷоатмандӣ ва фаъолияти судманди кормандони ин ниҳод буд, ки мо тавонистем оҳиста-оҳиста чунин як давлати орому осуда, демокративу ҳуқуқбунёд ва озоду ягонаро бунёд намоем. Вале мутаассифона дар ҷараёни чунин муборизаҳое, ки оромию сулҳу суботро пойдор намуданд, садҳо нафар кормандони милитсия ҷони худро аз даст доданд. Давлату ҳукумат ва мо мардуми шарафманди тоҷик онҳоеро, ки ба хотири ҳифзи амният ва сулҳу суботи ҷомеа ҷони худро аз даст доданд, ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳем кард.

Баъди ба тасвиб расидани Қонуни ҶТ "Дар бораи милитсия" аз 17-уми майи соли 2004 самтҳои фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ боз ҳам васеътар муайян гардид. Мувофиқи қонуни мазкур мафҳуми милитсия, самтҳои асосии фаъолияти он, салоҳият, принсиҳои фаъолият, мавқеи милитсия дар системаи мақомоти давлатӣ, вазифаю ҳуқуқҳо, тартиби ба хизмати милитсия қабул намудан, масъулият, кафолати давлатии таъминоти ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, инчунин тартиби таъминоти молиявӣ, моддию техникӣ ва назорати фаъолияти милитсияро муайян намуд.

Сохтори Вазорати корҳои дохилӣ ниҳоят васеъ буда, аз раёсатҳои тафтишотӣ, кофтукови ҷиноӣ, бозрасии давлатии автомобилӣ, мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккил, мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, хадамоти шиносномадиҳиву оташнишонӣ, инчунин раёсатҳои минтақавӣ дар вилоятҳову шаҳри Душанбе ва нозироту шуъбаҳо дар ноҳияҳо ва маҳалҳо иборат мебошад.

Имрӯз мардум ба кормандони милитсия эътимоду боварии калон дошта, бо онҳо ҳамкориҳои судмандро ба роҳ мемонанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои Миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳои худ оид ба нақши кормандони милитсия дар решакан намудани ҷинояту ҷинояткорӣ чунин иброз намуданд: "Давлат маҳз тавассути мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, махсусан милитсия бар зидди чунин зуҳуроти нангин мубориза бурда, барои тамоми мардум ҳаёти осоишта, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳо ва тартиботи комили қонуниро кафолат медиҳад. Ман ба ақлу заковат, донишу маҳорат, поквиҷдонӣ, ватандӯстиву меҳанпарастии ҳар кадоми Шумо бовар дорам ва мутмаинам, ки минбаъд низ аз иҷрои вазифа ва супоришҳое, ки давлату халқи Тоҷикистон дар назди шумо гузоштаанд, сарбаландона мебароед."

Агар ба фаъолияти кормандони милитсия назар кунем, таҳлилҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки дар нуҳ моҳи соли 2017 дар дар ҷумҳурӣ 94,4% ҷиноятҳо аз ҷониби кормандони милитсия сари вақт ошкор шуда, нисбати шахсони ҷинояткор чораҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дида мешавад. Бояд тазаккур дод, ки маҳз натиҷаи далериву кордонии кормандони милитсия аст, ки зимни гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҷиноятҳои терроризму экстримизм, одамкушию одамрабоӣ, гардиши ғайриқонунии яроқу аслиҳа, маводи мухаддир, ҷиноятҳои хусусияти корупсионидошта ва дигар ҷиноятҳои махсусан вазнине, ки ба ҷамъият хавфнокиашон ниҳоят калон аст ошкор мешаванд.

Таҳлилҳои омории солҳои қаблӣ бошад, тавассути амалӣ намудани амалиётҳои густурда ҷиҳати ноил гардидан ба ин мақсади муҳим дар давоми даҳ соли охир 131 гурӯҳи муташаккили ҷиноӣ муайян, дастгир ва безарар шудааст. Дар ин давра зиёда аз 115 ҳазор ҷиноят ошкор карда шудааст, ки 40 ҳазори онро ҷиноятҳои вазнин ташкил медиҳад. Илова бар ин, аз 47 амали террористӣ ва тахрибкории содиршуда 17 амал бевосита аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ ошкор шудааст.



**Салим ҲАИТОВ**
**донишҷӯи соли 3 (ФҲҲ)**

Аз соли 2005 то имрӯз қариб се ҳазор ҷинояти ба хариду фурӯши одамон алоқаманд ошкор ва ҷинояткорон ба ҷавобгарӣ кашида шудаанд. Бо ошкор намудани қариб 5 ҳазор ҷиноят дар давоми панҷ соли охир вобаста ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир аз муомилоти ғайриқонунӣ қариб 50 тонна маводи мухаддир мусодира гардидааст, ки зиёда аз нисфи он натиҷаи фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ мебошад.

Боиси ифтихор ва сарфарозист, ки дар мамлакат чунин мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ фаъолият дораду мардуми мо бо дили пур аз боварӣ дар фазои орому осуда умр ба сар мебаранд.

# PRESIDENT'S DAY



Manuchehr MURODOV
4th year student of the International law (english group)

Presidents' Day of Republic of Tajikistan, which was elected and celebrate each year on November, 16 – is the day, which is dedicated to the head of state and executive power, the supreme representative of state as at the political life of state and international arena.

The institution of Presidency in Republic of Tajikistan began in the 90-s years of 20th century, after the declaring Republic of Tajikistan as the independent state. Legal-political basis of President's office put a declaration "On the state sovereignty", where firstly mentioned that state power is exercised on the basis of principle of separation of powers. Another source is the law "On the formation of the President's office in Tajik SSR and order of his election" from November 29, 1990.

According to the article 1 of the Constitution, Republic of Tajikistan is sovereign, democratic, constitutional, secular and unitary state. According to the form of state structure, Republic of Tajikistan is unitary state and according to form of government – presidential republic. That is why the head of our state is President.

Chapter four of the Constitution of Republic of Tajikistan establishes the provisions on the institution of presidency. And Article 64 of the Constitution shows, that President of Republic of Tajikistan is the head of state and execution power (Government). President is guarantor of the Constitution and laws, rights and freedoms of human and citizen, national independence, unity and territorial integrity, continuity and longevity of the state, coordinated functioning and interaction of state bodies, compliance with international treaties of Tajikistan.

Why this national holiday is celebrated exactly on November 16? To answer this question let us turn to the history of establishment of the Independent Republic of Tajikistan. November 6, 1994 – our state elected Emomali Rahmon as the President at the 16th fateful session of Supreme Council of Tajikistan – the Parliament of state in the past, which began on November 16, 1992 at the Kasri Arbob Palace in Khujand.

Indeed, at that time, when glorious and worthy son of the people, his highness Emomali Rahmon was elected as the head of state, our Motherland – had just become Independent Tajikistan experienced tragic days. Twenty five years has passed from that time, and exactly from that time modern developed Independent Republic of Tajikistan is familiar with one of the most common institutions of state power – institution of Presidency.

For the invaluable contribution in ensuring peace in Tajikistan and strengthening the security of the region, the Founder of peace and unity, Leader of nation, President of Republic of Tajikistan Emomali Rahmon has been awarded high titles and awards by states and various organizations of the world. Both inside and outside of the country his merits are universally recognized. For the valuable contribution to the development of the human community, our president was awarded the Golden Star of Albert Schweitzer and the honorary title of professor of the World Medical Academy in the humanities. He was the first of the world's politicians, awarded such a high award. In 2005, on the eve of the Day of National Unity, Emomali Rahmon was awarded one more high award – the gold medal "For the Strengthening of Peace and Harmony among Peoples" of the International Federation of Peace and Accord. The Founder of peace and unity, Leader of nation, President of Republic of Tajikistan Emomali Rahmon was awarded "The Star of Maecenas"- the highest award of the International Charity Fund as well. The order of "National Hero of Afghanistan – Ahmadshoh Masud", the prize of the International Fund of writers and journalists of the Turkish Republic, ruby star "Peacemaker", Gold Medal of the National Assembly of the Arab Republic of Egypt, The Golden Medal of UNESCO by Jaloliddin Balkhi.

It is just a several amount among the large number of our presidents' awards. That is why this holiday submitted to celebrate and recognize outstanding merit of The President of Republic of Tajikistan, the founder of peace and unity, Leader of Nation Emomali Rahmon.

Firstly the President's Day was celebrated last year. This holiday will be celebrated without a day off. In honor of the President's Day in a different parts of the state will be held the exhibitions dedicated to the president, will be shown the books of the Founder of peace and unity, Leader of nation, President of Republic of Tajikistan Emomali Rahmon.

# КОНСТИТУЦИЯ



Назифа БОЙМУХАММЕДОВА
студенка 1-го курса, специальности правоохранительная деятельность

**Незнание закона не освобождает от ответственности. А вот знание нередко освобождает.**

Каждый человек рождается в какой-то стране и с этого момента является гражданином той или иной страны. Так, в Конституции Республики Таджикистан записано: «Права и свободы человека и гражданина осуществляются непосредственно». Получается, все мы граждане своей страны. Но так ли это на самом деле? Для начала давайте разберемся, что же обозначает это слово. Поисковик в интернете трактует данное понятие следующим образом: «гражданин» - «лицо, принадлежащее к постоянному населению данного государства, пользующееся его защитой и наделенное совокупностью прав и обязанностей». Таким образом, все мы от рождения, хотим того или нет, выполняем некоторые обязательства по отношению к своему государству. Но, кроме этого, обладаем и неприкосновенными правами. Этот свод прав и обязанностей записан в главной книге любого современного государства – в Конституции. В жизни обществ и государств конституция играет особую роль.

Термин «конституция» (от лат. Сonstitutio – установление) является основным правовым актом государства – основным законом, законом над законами, фундаментом развития социальных и политических отношений, гарантом обеспечения прав и свобод человека и гражданина. Но что такое Конституция для каждого из нас? Это – путь в цивилизованный мир, путь к обеспечению порядка и мира во всем мире. Но каждый человек хочет, чтобы его страна заботилась о нем, не только на уровне законов, но и в реальной, повседневной жизни.

Но чтобы эти права не ущемлялись другими и более того осуществлялись, в первую очередь сам гражданин должен знать о своих правах, сам гражданин должен проявить должное рвение в изучении этих прав. Но откуда взять время? На сегодняшний день в этом современном мире, каждый второй загружен, так что нет времени просто посидеть минутку и отдохнуть. Не говоря тут о том, что посещать курсы по изучению юриспруденции или зайти в интернет почитать. Эти мысли приходят нам только в момент крайнего случая, когда все уже произошло или быстро надо найти решение. А если бы мы изначально знали эти нормы законов, этого случая могло бы и не быть. Но есть наши дорогие товарищи адвокаты, которые всегда бегут к нам, чтобы решить нашу проблему. Но с одной стороны это дорогостоящая услуга, а во вторых не всегда попадаются компетентные носители своей профессии. Так и как же быть? Ведь с такой проблемой каждый год сталкиваются более миллиона людей.

К решению этой проблемы имеется ряд способ это печатные издания, телепередачи, сверстники, родители, родственники, радиопередачи.

Начнем с того что опишем в этой статье самые главные и основные права человека и гражданина.

Граждани Республики Таджикистан имеют право на жизнь значит, в случае какой-то беды или неблагополучия, человек должен рассчитывать на помощь, на защиту со стороны государства и определенных его институтов, имеют право на уважение своей личности, своего достоинства «жизнь, честь, достоинство и другие естественные права человека неприкосновенны». Помимо этого, гражданин имеет право рассчитывать, что государство обеспечит ему свободу и неприкосновенность, в случае необходимости - тайну личной и семейной жизни, защиту своей чести и доброго имени, так же судебную защиту, неприкосновенность жилища «не допускается вторжение в жилище и лишение человека его жилища, за исключением случаев, предусмотренных законом».

Так же не маловажно, что помимо всего прочего, граждане имеют право на свободу совести, свободу вероисповедания, свободу мысли и слова, свободу труда, свободу массовой информации. Кроме того, так как мы живем в демократическом государстве, мы имеем право участвовать в управлении его делами. На практике это реализуется, прежде всего, в выборах на разных уровнях – начиная от местных и заканчивая президентскими. Право в управлении делами государства – направляет нас к другой стороне роли гражданина – к обязанностям граждан. На мой взгляд, каждый не только имеет право, но и обязан участвовать в жизни государства – только тогда жизнь страны в целом и каждого отдельно взятого человека будет улучшаться и развиваться.

Что же обязан совершать со своей стороны гражданин Республики Таджикистан: на первом месте стоит соблюдение Конституции и законов Таджикистана. Говоря более подробно, гражданин обязан: платить законно установленные налоги и сборы, защищать свое отечество, заботиться о сохранении природы и окружающей среды, беречь природные богатства. Кроме того, Конституция обязывает родителей заботиться о своих детях, их воспитании и образовании, так же в этом документе говорится о «а совершеннолетние и трудоспособные дети ответственны за уход и социальное обеспечение своих родителей».

Вот бы и все, все это основные права и обязанности гражданина, которые должны, выполнятся с обеих сторон и со стороны государства и со стороны граждан. Казалось бы - все просто. Так почему люди не обращают внимания на свои права, и обязанности не выполняются? Для решения этой проблемы нужно больше распространять данных, информации о правах в СМИ, нужно больше проводить различные мероприятия в сфере улучшения правосознания общества.

**Мақолаи мазкур ба як масъалаи давраи барои таърихи халқу кишварамон ниҳоят муҳим – ҳуқуқи инсон, эътирофи ҳуввияти озодихоҳӣ ва сулҳу осудагии мардуми кишвар аз ҷониби Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии ҶТ бахшида шудааст. Азбаски баргузории Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии ҶТ бо эътирофи ҳуқуқи инсон, ҳуввияти озодихоҳӣ, сулҳу ваҳдат ва осудагии мардуми кишвар вобастагӣ дошт, мо низ саъй намудем, ки дар ин бора чанде аз фикру мулоҳизаҳоро баён намоем, то ки барои мо ва наслҳои оянда шояд аҳамияте дошта бошад.**



*Зайниддин ИСКАНДАРОВ*
*профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ*

# ҲУҚУҚИ ИНСОН:
# ЭЪТИРОФИ ҲУВИЯТИ ОЗОДИХОҲӢ ВА СУЛҲУ ОСУДАГИИ МАРДУМИ КИШВАР АЗ ҶОНИБИ ИҶЛОСИЯИ 16-УМИ ШӮРОИ ОЛИИ ҶТ

Худи истилоҳи ҳуқуқи инсон хеле пеш истифода ва дар хидмати мардум гузошта шуда, вале дар ҳар давру замон муносибат ба он яксон набуда, охири солҳои 80-и асри гузашта ба пажӯҳишгарони илми муосири ҳуқуқшиносии тоҷик ва манотиқи кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ шароит фароҳам омад, ки ба ин масъала ба таври озодтар ва эҷодкорона рӯ оваранд. Бояд қайд намуд, ки дар замони Шӯравӣ реҷаи идоракунии давлатӣ имконият намедод, ки онро ҳамчун арзиши муайянкунандаи инкишофи ҷамъият муаррифӣ намоянд. Азбаски то нимаи миёнаи солҳои 80-и асри ХХ-ум гуфтору навиштан дар бораи ҳуқуқи инсон чун ғояҳои буржуазӣ ҳисоб шуда, маҳдуд шуда буд, охирҳои ҳамон солҳо чун орзуи дерину ширин чунон бо тамоми сифатҳояш (дилошӯбу шавқангез) зоҳир гашта, ҳатто бо шеърҳо васф карда шуда, аз ҳадду ҳудуди манфиатҳои қонунӣ берун баромад, ки минбаъд сӯиистифодаи озодии дараҷаи бузург ба оқибатҳои нангбор оварда расонид. Озодии бесарҳад моро ба ҷанги шаҳрвандӣ расонид, ки оқибат ҳазорҳо нафарон ҷон доданд, кӯдакон ятиму бесаробон шуданд, қариб буд, ки давлат пароканда шавад. Вале Тоҷикистони навин ҳамчун давлат ба қудрати сиёсӣ ба муқобили андешаҳои озодии бесарҳади афрод, ки эмисрони хориҷӣ талқин менамуданду «ҷанги ҳама ба муқобили ҳамаро» (bellum omnius contra omnes) ба миён овард, ташаккул мееёфт.

Бояд эътироф намуд, ки ҳуввияти озодихоҳӣ ба табиати мардуми мо хос буда, дар миёни халқҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мо дар қатори аввалинҳо оид ба амали намудани таҳаввулоти созанда қарор доштему зиёиёни пешқадам аз эътирофу дифои ҳуқуқи инсон аз ҷониби давлат ҷасурона ва самимона пуштибонӣ менамуданд. Вазъияти сиёсии бавуқӯомада дар Иттиҳоди Шӯравӣ ва тағйиротҳои демократӣ дар қонунгузорӣ солҳои 1988 – 1991 моро ҳамчун донишҷӯй-ҳуқуқшинос ва шаҳрванди як давлати рӯ ба истиқлолият нигаранда, аз як тараф сурур мебахшид, чунки мо умед доштем, ки зиндагии мардуми мо дар шароити демократия озодтару ободтар, ҳуқуқҳои мо бештар риояву ҳимоя хоҳанд шуд. Вале дере нагузашта эҳсос ва дарк намудем, ки зиёиён, ки ҳуқуқи инсон, озодӣ ва демократияро тарғиб менамуданд, зери таъсироти ифротгароёни исломӣ, маҳалгароёни оштинопазир, мансабталабу шӯҳратхоҳон афтоданд ва ё худро оҳиста аз роҳи таҳаввулоти созанда дур намуданд, ки ғамангезу ваҳимовар буд. Барои мо ҷавонон, ҷои таассуф буд, ки баъзе аз устодони мактабҳои олӣ низ ба фаъолияти гурӯҳҳои ифротӣ бо хоҳишу иродаи худ ва ё аз гумроҳӣ пайваста, боиси калавиши қисме аз зиёиён ва ҷавонон мегаштанд. Оғози зоҳир гардидани ҳуввияти озодихоҳии мардуми моро бо демократиябозӣ, мансабталошӣ, фиреб, маҳалгароӣ ва таассуби динӣ омезиш дода, раванди ҳодисаҳоро ба сӯи фоҷиаи миллӣ ҳидоят намуданд, ки ҷони ҳазорҳо нафар шаҳрвандони мо қурбони талқин ва сафсатагӯиҳои наттоқони ҳузновари озодӣ ва демократиябозӣ гашта, мардум беирода ба ҷанги хонумонсӯзи гражданӣ кашида шуданд, ҳуввияти озодихоҳии халқамон зарбае ҷонкоҳ дид, оромию субот дар кишвар, заминаҳои инкишофи иқтисодию иҷтимоӣ ва ҳастии давлати тоҷикон чун давлати соҳибистиқлол зери осеб ва хатари ҷиддӣ мононда шуда буд.

Ҷомеаи Тоҷикистон ба оромӣ, сулҳу ваҳдат, ки асоси бақои давлат ва истиқлолияти он аст, чун обу ҳаво ниёз дошт. Аз ҳамин лаҳзаҳо маҳз ҳамон рӯшноии тирагашта, вале намирандаи ҳуввияти озодихоҳии мардум нурафшо гардида, 16 ноябри соли 1992 намояндагони мардуми кишвар фаъол гашта, Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии ҶТ-ро дар шаҳри Хуҷанд баргузор намуданд (Душанбе ноамн шуда буд) ва санадҳои сиёсӣ-ҳуқуқиеро қабул намуданд, ки дар таърихи давлатдории навини тоҷикон, эътирофи ҳуқуқи инсон нақши бениҳоят муҳим бозидааст. Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии ҶТ беш аз 70 санади ҳуқуқӣ, ба мисли Қарори Шӯрои Олии ҶТ «Дар бораи муроҷиати Шӯрои Олии ҶТ ба ҳизбҳои сиёсӣ, чунбиш ва иттиҳодияҳо, ба ҳамаи шаҳрвандони ҷумҳурӣ», Қонуни ҶТ «Дар бораи эълон намудани 26 ноябри 1992 сол - Рӯзи сулҳ ва оштии миллии халқи ҶТ», Қарори Шӯрои Олии ҶТ «Дар бораи тасдиқ намудани Указа Президенти ҶТ оид ба ҷорӣ намудани вазъияти фавқулодда ва соати комендантӣ дар шаҳри Душанбе» (27. 11 1992), Қонуни ҶТ «Дар бораи озод намудани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 дар манотиқҳои даргир ҷиноят содир намуда буданд (25. 11. 1992), қонунҳои ҶТ «Дар бораи Парчами давлатии Тоҷикистон», «Дар хусуси тасдиқи Низомномаи Нишони давлатии ҶТ» ва дигарҳо қабул намуд, ки минбаъд барои таъмин намудани сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, мустаҳкам намудани асосҳои сохтори конститутсионии ҷумҳурӣ, волоияти қонун, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ заминаи боэътимод гузошт. Дар зери ин санадҳои таърихӣ Раиси Шӯрои Олии ҶТ Э.Ш. Раҳмонов имзо гузошта, масъулиятро ба зимма гирифта, тавонистанд дар муддати муайян неруҳои солими қишрҳои гуногуни ҷомеа ва аксарияти мардумро муттаҳид сохта, баҳри пиёда намудани ғояҳои сулҳ ва оштии миллӣ, бунёди давлати демократию ҳуқуқбунёд, таъмин намудани оромию субот, бозпас ба ватан баргардонидани фирориёни азиятдида, барқарор намудани тартиботи ҳуқуқӣ, таъмин намудани риояи ҳуқуқи инсон шаборӯз содиқона хизмат намуданд, ки он ҳеҷ гоҳ аз саҳифаҳои таърих ва хотироти мардуми кишвар зудуда нахоҳад шуд. Маҳз ҳамин Иҷлосия шароит фароҳам овард, ки халқи мо мунтазам дар тӯли солҳои баъдӣ ба дастовардҳои муайян дар соҳаҳои гуногун, аз он ҷумла дар инкишофи низоми ҳуқуқӣ ва амалияи он, давлатдорӣ, таъмини риояи ҳуқуқи инсон ноил гардид. Халқи Тоҷикистон бо роҳбарии хирадмандонаи Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҷорӣ намудани идеяи ҳуқуқи инсон корҳои зиёде, ба мисли қабул намудани Қонуни асосии давлат, ки ҷавобгӯи талаботҳои байналхалқӣ оид ба ҳуқуқи инсон аст, бунёд ва ҳамоҳанг намудани сохтори давлатӣ, таъмин намудани озодӣ ва суботи мардум, иҷозат додани фаъолияти ташкилотҳои байналхалқӣ, ки ба фаъолияти башардӯстона машғуланд, аъзогӣ дар чунин ташкилотҳо, ҳамроҳ шудан ба шартномаҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон, эътироф намудани онҳо, пешниҳод намудани ҳисоботи миллӣ оиди иҷроиши Паймон, эълони мараторий ба татбиқи ҷазои қатл, пиёда намудани ислоҳоти судӣ, қабул намудани стандарти давлатӣ оид ба омӯзиши ҳуқуқи инсон, ҷорӣ намудани фанни ҳуқуқи инсон дар мактабҳои миёна ва олӣ ва садҳо корҳои дигарро ба анҷом расонидааст.

Ин дастовардҳоро мо ба насли ҷавони кишвар ҳамеша бояд ёдрас шавем, дар зеҳнаш ҳисси ифтихорӣ миллӣ ва ватанпарастиро устувор созем, чунки ҷавонон неруи мутаҳаррик ва зудтағйирёбандаи ҷомеа ҳастанд, ҳақиқатро ба онҳо бо эҳтиёт ва боварибахш фаҳмонидан ва масъулияташонро дар назди Ватану миллат доимо зикр намудан зарур аст. Гузашта аз ин, мо ҳуқуқшиносон бояд чунон рафтору зиндагӣ намоем, ки намунаи риояи қонун ва адлу инсоф бошем, мушкилиҳои зиндагиро бо тарзу усулҳои қонунӣ ҳаллу фасл намоем. Амалҳои ноҷо ва қонуншиканиҳо, ба хусус аз тарафи ҳуқуқшиносон боиси маъюсӣ ва ноустувории мавқеи шаҳрвандии ашхоси ҳуқуқхоҳон поймолгашта мегардад. Ва ҳамчунин метавонад заминаи ба афкору амалҳои созмонҳои тундрав майл кардани ашхоси бетаҷриба ва соддаи аҳолӣ гардад.

Хушбахтона, имрӯз вазъи сиёсию иҷтимоӣ дар кишвари азизи мо устувор, умедбахш ва мустаҳкамтар мегардад. Танҳо дар шароити мусоид ва зиндагии арзанда тафаккури солим ва созанда ташаккул меёбад ва ҳар як афроди ҷомеаро фаро мегирад.

Қарорҳои сарнавиштсози Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии ҶТ ифодакунандаи ҳуввияти озодихоҳӣ ва осудагии мардуми кишвар буда, барои таҳкиму сулҳу ваҳдат ва Истиқлолияти давлатӣ ва дар заминаи осудагию оромӣ таъмин намудани риояи ҳуқуқи инсон нақши ҳалкунанда бозидааст. Мо ҳамаи шаҳрвандони кишвар, миллатҳои гуногуни дар Тоҷикистон сокинбуда, фарзандони ҳамин Ватан буда, вазифаи виҷдонӣ, инсонӣ ва таърихиамон аст, ки дӯстона ва бародарона зиндагонӣ намоем, Ватани хешро обод намоем, ормию суботро дар кишвари ягонаамон ба мисли гавҳараки чашм нигоҳ дошта, насли навро дар рӯҳияи эҳтироми инсон, тартиботи қонунӣ, баробарҳуқуқӣ, масъулияти баробар, ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, меҳнати ҳалолу покиза тарбия намоем.

# ИҶЛОСИЯИ XVI ШӮРОИ ОЛӢ – ЗАМИНАИ РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ ИСТИФОДАБАРИИ ОБ



**Амонулло МИРЗОЕВ**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ**

**Худо он миллатеро сарварӣ дод,**
**Ки тақдираш ба дасти хеш бинвишт.**
**Ба он миллат сару коре надорад,**
**Ки деҳқонаш барои дигарон кишт.**

Шоҳбайтҳои мазкури Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ воқеан дар худ асрори баланди озодандешӣ ва истиқлолпарастиро ҷой додаанд, ки ба ҳар халқу миллате, ки дар талоши соҳибдавлатӣ ва мустақилияти сиёсии хеш мебошанд, чун раҳнамои маънавӣ арзиши баландеро қоиланд.

Миллати куҳанбунёди тоҷик низ пас аз ҳазор соли бедавлатӣ 9 сентябри соли 1991 баъд аз пош хӯрдани собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ истиқлолияти кишвари худро эълон дошт ва ҳамчун миллати соҳибдавлат дар арсаи байналмилалӣ пазируфта шуд. Акнун бо даст ёфтан ба истиқлолият мебоист барои пойбарҷой мондани он ва мустаҳкам намудани пояҳои давлатдорӣ зери ливои ваҳдату ягонагӣ талош варзад, то давлати тозаистиқлоли худро ба як кишвари воҳид ва орӣ аз ҳар гуна мухолифат миёни мардумаш мубаддал гардонад ва номи онро ҳамчун яке аз кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон то ба авҷи сурайё расонад, зеро соҳиби давлати миллӣ будан орзуву ормони ҳазорсолае буд, ки гузаштагони мо бо амри тақдир ба он комёб нашуданд ва танҳо моро чунин саодати яздонӣ насиб гашт.

Вале, ба ин саодату хушбахтии мо душманони аҳримантабори аҷнабиву дохилӣ бо чашми рашку ҳасад ва дили пур аз буғзу кина таваҷҷуҳ намуда, хостори аз миён бардоштани он гаштанд. Ҳамин буд, ки бо найрангу дасисабозиҳои сиёсӣ, аз вазъияти ноустувор, ки пас аз пошхӯрии Иттиҳоди абарқудратии шӯравӣ дар ҳудуди кишвар ба вуқӯъ пайваста буд, истифода бурда, бо ваъдаҳои хому бардурӯғ миллати соҳибтамаддуни тоҷикро ба доми фиреби худ афканда, дучори фитнаву ихтилофот намуда, баҳри дар амал пиёда намудани нақшаҳои шуму ғаразноки дарсардоштаи худ дар нуқоти гуногуни мамлакат ташкилоту гурӯҳҳои ҷиноятӣ таъсис дода, қасди ҷони ҳазорон мардуми бегуноҳи кишвар намуда, ононро ба хоку хун кашиданд, то ҷое расиданд, ки миёни падару писар ва ёру бародар кинаву адоват эҷод намуда, онҳоро бар алайҳи якдигар барангехтанд ва давлатро ба порчаҳо тақсим карда, низоми давлатдориро суст гардонида, мавҷудияти давлату миллати тоҷикро зери суол бурданд.

Дар натиҷа дуди навмедӣ тамоми фазои Тоҷикистонро фаро гирифт. Дар чунин ҳол иддае дар зери тиру туфанги душман ҷон дар рамақ печида, дар ҳоли тарсу ваҳшат ва нотавониву гуруснагӣ монданд, зумраи дигар аз хона бадар ғарибу дур аз ватан гаштанд. Модари бечораи тоҷик ё дар гӯшае бар суроғи ҷигарбандони худ, ки берун аз марзи кишвар монда буданд, чашмintизор гашт ва ё дар гӯшаи дигар ба ёди пайвандонаш, ки аз ҷанги адуи бебок ҷони худро аз даст дода буданд, бо дили пур аз ғаму андӯҳ ва пора-пора, селобаи хунини ашк дар рухсори пурожанг аз шиддати яъсу навмедӣ, дарду ранҷ ва хориву зорӣ сарсону саргардон гашт.

Ҳеҷ фарди соҳибфикр ва боақлу идрок ба фаҳми он намерасид, ки чаро бар сари миллати тоҷик чунин имтиҳони сангину вазнине омадааст, аз чӣ хотир ҷаҳлашон бар ақлу инсофашон ғалаба намудааст, барои чӣ ба афроди шайтонсиришт бовар намуда, аз гиребони якдигар гирифтанд, санги маломат ба сӯи ҳамдигар заданд, бар сари худ теғи душманӣ



кашидаанд ва бар ҷони якдигар ранҷу ситамро раво диданд, аз баҳри чӣ дар пайи хароб кардани хонаи ободи якдигаранд ва чаро дар талоши ба харобазору вайрона табдил додани ин кишваранд ва ҳазорон суоли бечавоби дигар …

Оё миллати соҳибхиради тоҷик намедонист, ки: ҳар чӣ кунад ба худ кунад, гар ҳама неку бад кунад; кас накунад ба ӯ он чи ки худ ба худ кунад. Ё бӯи умеде аз бегонагону ноошноён дошт?

Дар чунин шароит, ки худӣ ёри бегона гаштаву душмани ҷони миллат шуда буд, ҳеҷ касе ёрои роҳбаладии мардуми роҳгумкарда ва аз пайраҳаи мақсуд берунбаромадаро надошт, зеро ин амал, албатта ҷавонмардӣ, сарсупурдагӣ, ҷонфидоӣ, шуҷоат ва зиракии баланди сиёсиро талаб менамуд. Мардуми сарсону саргаштаи тоҷик интизори абармарде буданд, ки тавонад алангаи ҷанги хонумонсӯзро дар қаламрави давлат хомӯш намояд ва миллати парешону роҳгумзадаро аз атрофу акнофи олам ба сарзамини умеди худ баргардонад.

Вале боз ҳам бояд ёдовар шуд, ки бегонае сина сипар карда, аз худ гузашта, дар ин ҷода ҳаргиз роҳ рафтанӣ набуд, албатта чунин шахсият бояд аз миёни мардони боору номуси ин хокдон ва ин миллат интихоб карда мешуд.

Ҳамин буд, ки ба интизориҳои миллати ҷафодидаи тоҷик Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии ҶТ (даъвати дувоздаҳум) аз 16 ноябр то 2 декабри соли 1992 дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд баргузор гардид, ки воқеан тақдири минбаъдаи давлату миллати тоҷикро муайян намуд.

Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии ҶТ дар ҳолате баргузор кардид, ки ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ аланга гирифта, сохтори давлатӣ фалаҷ гардида, низоми давлатдорӣ дар ҷомеа қариб аз байн рафта буд. Сабаби асосии дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардидани Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии ҶТ низ дар он буд, ки дар он вазъияти нооором пойтахти кишвар – шаҳри Душанбе амнияти иштироккунандагони Иҷлосияро таъмин карда наметавонист.

Дар Иҷлосия 23 масъала, аз ҷумла, муроҷиати Шӯрои Олии ҶТ ба кишварҳои узви ИДМ; дар бораи тартиби ба ҷои истиқомати муқимиашон баргаштани гурезаҳо; дар бораи Нишон ва Парчами давлатии Тоҷикистон; дар бораи интихоби Раиси Шӯрои Олии ҶТ; дар бораи афви умумӣ; дар бораи аз муҳосираи иқтисодӣ раҳо додани минтақаҳои ҷудогонаи ҷумҳурӣ; дар бораи ба эътидол овардани вазъияти ҷамъиятию сиёсии кишвар ва дигар масоили ҳалталаб мавриди баррасӣ қарор дода шуда, аз рӯи онҳо қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ қонун қабул кард, ки тибқи он кишвар аз шакли идоракунии президентӣ даст кашида, ваколатҳои Президенти ҶТ-ро ба дӯши Раиси Шӯрои Олии ҶТ вогузор намуд.

Санаи 19-уми ноябри соли 1992 дар Иҷлосия Акбаршо Искандаров аз вазифаи Раиси Шӯрои Олии ҶТ озод карда шуда, Эмомалӣ Раҳмон бо овоздиҳии пинҳонӣ ба вазифаи Раиси Шӯрои Олии ҶТ интихоб гардид ва ҳамзамон Иҷлосия Ҳукумати нави Тоҷикистонро ташкил дод.

Маҳз чунин интихоб Иҷлосияи мазкурро то имрӯз ҳамчун иҷлосияи тақдирсози миллати тоҷик машҳур гардонидааст. Зеро Эмомалӣ Раҳмон дар шароити хеле ҳам ҳассоси сиёсиву иқтисодӣ бо азму иродаи қавӣ ва рӯҳияи шикастнопазир ба майдони набардҳои сиёсӣ ворид гардид. Шахсияте, ки бунёди давлатдории миллӣ пас аз ҳазор соли бедавлатии миллати тоҷик бо номи ӯ сахт вобастагӣ дорад. Эмомалӣ Раҳмон дар чунин рӯзҳои вазнини ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии мамлакат аз ҷони худ гузашт то ҷони миллионҳо нафарро аз чанги душманони золим раҳо намояд ва хобро ба худ ҳаром намуд то халқи азизашро ҳар чӣ зудтар ба рӯзгори орому осоишта наздик намояд.

Дар чунин вазъияти





печидаву мураккаб Эмомалӣ Раҳмон масъулияти таърихиро дар назди миллату давлат ба зимма гирифт ва аз рӯзҳои аввали сари қудрати сиёсӣ омаданаш роҳи барқарор намудани сулҳу ваҳдат ва эъмори давлати ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва демократиро интихоб намуда, инкишофи минбаъдаи Тоҷикистонро танҳо бо ҳамин роҳ тасаввур мекард. Маҳз чунин азму ирода буд, ки ба мардуми шарифи Тоҷикистон арз дошт: «Ман оғози кори худро аз сулҳ сар хоҳам кард… Ман тарафдори давлати демократии ҳуқуқбунёд мебошам. Мо бояд ҳама ёру бародар бошем, то ки вазъро ором намоем. Мо давлатамонро обод мекунем ва соҳибӣ мекунем…».

Дар ин давра ба зиммаи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати нави Тоҷикистон масъалаҳои хомӯш кардани алангаи ҷанги шаҳрвандӣ, баргардонидани гурезаҳо ба маҳалли зисташон ва таъмини амнияти онҳо, азнавсозию таҳкими низоми давлатдорӣ, эҷод намудани фазои боэътимоду ҳамзистӣ дар ҷомеа, таъмини рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоӣ ва билохира дарёфти мавқеи шоиста дар арсаи байналмилалӣ вогузор шуда буд.

Бо туфайли ҷаҳду талошҳои пайвастааш ва дастгирии халқи шарифаш дар муддати начандон зиёде ба Эмомалӣ Раҳмон – Пешвои муаззами миллат муяссар гардид, ки кишвари азизамонро аз бӯҳрони сиёсии солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва доми найранги таҳмилгарони аҷнабӣ берун бароварда, дар шинохти роҳи раҳоӣ аз зулму ситами таҳмилгарону хоҷагони хориҷӣ муваффақ гардонад ва тавонад ниҳоли кинаву адовате, ки рақибони миллати тоҷик дар замини муқаддаси кишвари мо ва замири мардуми соддаандеши он шинонда буданд, аз беху бунаш барканад ва дарахти сулҳу дӯстӣ, ваҳдату якпорчагӣ, якдиливу якзабониро дар ин сарзамин ва дар замири ҳар як тоҷику тоҷикистонии дилогоҳ ва соҳибдил шинонад ва онро парвариш диҳад то ба ҳар фарди ватандӯсти Тоҷикистон коми дил ба бор оварад ва бо ин васила дар масири интихобнамудааш ба пайраҳаи мурод расад.

Шукри беҳад он Худои покро, ки миллати тоҷик ва давлати Тоҷикистон дубора эҳё гардид. Эмомалӣ Раҳмон он умеду чашмдоште, ки аввалан аҳли нишастагони Иҷлосияи тақдирсози Шӯрои Олии ҶТ ва баъдан халқи азиятдидаи тоҷик аз ӯ доштанд, ҳамагиро бароварда намуд.

Аз уҳдаи вазифаҳое, ки Иҷлосияи мазкур дар ин пайраҳаи ноҳамвори давлатсозӣ бар дӯши ӯ ҳамчун Сарвари давлати навини тоҷикон гузошта буд, сарбаландона баромад. Дар баробари ба эътидол овардани вазъияти бааммаломада ва баргардонидани гурезаҳо, беҳтар гардонидани шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии кишвар вазифаи дигараш, ки хеле муҳим буд ин пайдо намудани мавқеи арзанда дар сиёсати хориҷӣ буд.

Дар ин ҷода низ Эмомалӣ Раҳмон гомҳои устувори мақсадноке бардоштааст. Аз ҷумла, агар аз як сӯ бо сиёсати сулҳофаринӣ ва ҳушдор додани ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мӯътадил гардонидани авзои амниятӣ дар минтақа ва ҷаҳон, пешгирии зуҳуроти номатлуб, аз қабили гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, терроризму экстремизм, маҳкум намудани нисбатдиҳии амалҳои террористӣ ба дини мубини Ислом ва доғдор намудани пайравони ин оини инсонсоз мавқеи сулҳҷӯёна ва инсондӯстонаи Тоҷикистонро нишон дода бошад, аз сӯи дигар таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалиро ба масъалаҳои норасоии оби тоза ва дигар мушкилоти марбут ба он ҷалб намуд.

Мутобиқи маълумоти СММ дар ҷаҳон 263 дарёи байналмилалӣ мавҷуд мебошад, ки сарҳади ду ва зиёда давлатро убур менамоянд. Дар ҳудуди ҳавзаи чунин дарёҳо тақрибан 40 фоизи аҳолии ҷаҳон умр ба сар мебаранд, қариб нисфи сатҳи заминро ишғол менамоянд ва тақрибан 60 фоизи захираҳои оби ширинро фаро мегиранд. Ба ҳудуди ҳавзаи дарёҳои байналмилалӣ қисман қаламрави 145 давлат рост меояд ва 21 давлати ҷаҳон бошад, пурра дар ҳудуди онҳо ҷой гирифтаанд. Аммо ин нишондиҳандаҳо барои тамоми аҳолии сайёраро бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин намудан кифоя намебошанд.

Гузашта аз ин, дар замони муосир соҳаи истифодабарии об дар миқёси байналмилалӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарин ва ҳалталаб дар назди ҷомеаи башарӣ боқӣ мемонад, зеро 1,1 млрд. аҳолии дунё ба оби босифат ва 2,4 млрд. одамон ба низоми обу корезӣ дастрасӣ надоранд ва 50 фисади аҳолии кишварҳои рӯ ба инкишоф барои дастрас намудани оби нӯшокӣ маҷбуранд аз манбаъҳои ифлос истифода намоянд, ки чунин вазъият масоили истифодаи самараноки захираҳои обиро боз ҳам аҳамиятноктар мегардонад ва инсониятро ба ҳар чи зудтар расидагӣ кардан ба масоили мазкур водор менамояд. Ин ҳам дар ҳолест, ки ҳамагӣ 0,5 фисади захираҳои обиро оби тоза барои истеъмол ташкил медиҳад ва дар баробари ин аҳолии ҷаҳон низ рӯ ба афзоиш аст.

Мусаллам аст, ки ҶТ аз ин сарвати бебаҳои табиат бой аст ва аз ҷумлаи кишварҳои саргаҳи оби Осиёи Марказӣ ба шумор рафта, дорои захираҳои зиёди обӣ мебошад, аз ҷумла 51,2 км муккааб, яъне 44 % ҷараёни солонаи Баҳри Арал, ки аз захираи обии Амударё ва Сирдарё сарчашма мегирад, маҳз дар қаламрави кишвари мо ба вуҷуд меоянд. Аз ин ҳавзаи Амударё 50,5 км муккааб ва ҳавзаи Сирдарё 0,7 км муккааб аз ҳисоби захираҳои обии дарёҳои Панҷ, Вахш, Кофарниҳон ва Зарафшон сарчашма мегиранд. Аммо ба мазиди ин неъмати илоҳӣ дар қаламрави кишвар нигоҳ накарда, андешаи ҷаҳонӣ Пешвои муаззами миллати мо Эмомалӣ Раҳмонро ба ҷаҳду талош баҳри бартараф намудани мушкилоти аҳолии сайёра, ки аз норасоии оби тозаи ошомиданӣ азият мекашанд, водор намуд.

Ҳамин буд, ки бо ташаббуси бевоситаи Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби Маҷмааи умумии СММ Қатъномаҳо дар бораи Соли байналмилалии оби тоза эълон намудани соли 2003, Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» эълон намудани солҳои 2005-2015, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» эълон намудани солҳои 2018-2028 қабул карда шуданд. Чунин ташаббусҳо намунаи олии иштироки кишвари мо дар муносибатҳои байналмилалии универсалӣ мебошанд, ки давлатҳои аъзои СММ-ро уҳдадор намудааст, ки аз муҳокима, ибрози андеша ва эълони уҳдадорӣ ба иҷрои чораҳои дахлдори амалӣ гузаранд. Иқдоми кишвари мо дар ин самт бешубҳа мақсади нави стратегии ҷомеаи байналмилалиро ба шарафи ҳаёт ва инсоният муайян намуд ва нуфузи Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ дучанд боло бурд.

Дар баробари ҳамаи ин музаффарияту комёбиҳо барои саодати ҳамешагии мардуми Тоҷикистон бори дигар бо мисраъҳои гуҳарбори Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ ба ҳар фарди андешаманди миллати тоҷик мегӯем:

**Бурун аз сина каш такбири худро,**
**Ба хоки хеш зан иксири худро.**
**Худиро гиру муҳкам гиру хуш зӣ,**
**Мадеҳ дар дасти кас тақдири худро.**



Маҳмудов И.Т.
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ

лат ҷон дар каф бо як далериву ҷасорати бемисл масъулияти баланди роҳбариро ба душ гирифта, ба наҷоти миллату давлати тоҷикон камари ҳиммат баст. Дар натиҷаи азму талош, кушишу пайкорҳои бемисл ва хизмату заҳматҳои арзандаи шабонарӯзии ин шахсияти барҷастаи таърихӣ дар як муддати кутоҳи таърихӣ алангаи ҷанги шаҳрвандӣ хомӯш карда шуда, хатари пароканадашавии миллати тоҷик ва давлати тоҷикон сарбаландона рафъ карда шуд. Миллати тоҷик дар симои Эмомалӣ Раҳмон - шахси хирадманду дурандеш, роҳбари оқилу тавоно, қаҳрамони асил ва Пешвои ҳақиқии хешро пайдо намуд. Дар воқеъ таърихи навини давлатдории тоҷиконро бе заҳмату талош, хизматҳои арзандаву шоистаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти ҶТ, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тассаввур кардан имконнопазир ид ва садои тоҷик аз минбарҳои баланди созмону ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ таниндоз гашт. Ӯ борҳо аз минбари баланди СММ баромад карда, дар баробари проблемаҳои Тоҷикистон таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба қазияи Афғонистон, масъалаҳои мубориза бо терроризму экстремизм, ҷочоқи маводи мухаддир, рушди нобаробари давлатҳои ҷаҳон, масъалаҳои таъминоти оби тоза ва ғайраҳо ҷалб мекунад. Ҷойи фахр аст, ки аксарияти ташаббусҳои Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҳалли масъалаҳои глобалии сайёра, хосатан оид ба оби тоза ва дигар мушкилоти экологӣ аз ҷониби СММ бо қаноатмандӣ қабул шудаанд. Давлати Тоҷикистон муаллифи чор ташаббуси бузург дар соҳаи об, аз ҷумла «Соли байналмилалии оби тоза 2003», «Даҳсолаи амалиёти байналмилалии «Об барои ҳаёт» солҳои 2005-2015», тоҷикони ҷаҳон садсолаҳо маврди омӯзиш, пазириш ва таваҷҷуҳи ҳамешагии давлатҳои олам ва аҳли башар қарор хоҳад гирифт. Аз баракати истиқлолияти давлатӣ ва бо шарофати хизматҳои содиқона, ҷонфидоиву фаъолияти сарбаландона ва иқдому ташаббусҳои неки созанда ва ҳидоятҳои ҷавонмардонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мардуми шарифу сарбаланд, меҳнатдӯсту тамаддунофар, фарҳангсолору матинироддаи тоҷик, дар роҳи расидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ қадам ба қадам гомҳои устувор гузошта истодаанд.

Касби Истиқлолияти давлатӣ аз давлати ҷавон тақозо менамуд, ки дар самти ба по мондани низоми

# АҲАМИЯТИ ИҶЛОСИЯИ ТАҚДИРСОЗИ XVI ШӮРОИ ОЛӢ ДАР

Бо амри таърих баъд аз ҳазор соли бедавлатӣ миллати аз таърих ранҷбурда ва ҷафодидаи тоҷик 9-уми сентябри соли 1991 арзишмандтарин ва волотарин неъмат – Истиқлолияти давлатиро ба даст овард. Ҳодисаву воқеаҳо ва тағйироту таҳаввулотҳои босуръати солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ мардуми тоҷикро дар роҳи ҳифзу нигаҳдошти арзишҳои ин неъмати бебаҳо ба душвориву мушкилиҳои сангин мувоҷеҳ кард. Пош хӯрдани давлати абарқудрати Шӯравӣ ба кандашавии робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва дигар муносибатҳои хоҷагидории ҶТ бо давлатҳои пасошӯравӣ боис гардид. Ин омил тамоми самтҳои хоҷагии халқи мамлакатро ба буҳронҳои шадиди сиёсиву иқтисодӣ дучор намуд. Гузашта аз ин якбора боло рафтани рӯҳияи озодфикрию гуногунандешии сиёсӣ, таъсиси гурӯҳу ҷунбишҳои гуногун, надоштани таҷрибаи кофии сиёсии идории кишвари соҳибихтиёр аз ҷониби роҳбарони давр ба авҷи майдоншиниҳо, хатари пароканадашавии миллат, тамомияти арзӣ ва ҷудоиандозии минтақаҳои кишвар оварда расонид. Аз ҳама нангинаш он буд, ки бо айби гурӯҳу ҳизбҳо, афроди алоҳида ва дахолати бевоситаи аҷнабиён Тоҷикистон ба коми оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд. Дар чунин шароити ҳассоси таърихӣ давлати навтаъсиси тоҷикон ва миллати фарҳангсолори тоҷик дар чорсӯйи тақдир дар ҳолати яъсу навмедӣ қарор гирифта, роҳу равиши минбаъда ва дурнамои пешрафташ зери суол қарор гирифта буд. Вазъияти баамаломада зарурати оҷилан андешидани тадбирҳои зарурро ҷиҳати хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ, таъмини оромию субот, сарҷамъии миллат ва ба суйи ҳаёти муътадил раҳнамун кардани мардуми тоҷикро тақозо менамуд.

Дар ҳамин марҳилаи сарнавиштсоз баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии ҶТ моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри бостонии Хуҷанд заминаҳои хело мусоиди ҳуқуқиву сиёсиро барои ба вуқӯъ пайвастани дигаргуниҳои азим дар ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистон ба миён овард. Ин иҷлосия дар қалби ҳар як тоҷику Тоҷикистонӣ шӯълаи умедро ба сӯйи фардои неки давлатдории миллӣ, таъмини рӯзгори босаодату пурнишоти мардуми кишвар фурӯзон намуд. Мардуми сарбаланду меҳанпараст ва фарҳангсолори тоҷик бо шукргузорӣ аз даврони соҳибихтиёрӣ имсол 25-умин солгарди баргузории ин Иҷлосияи тақдирсозро дар рӯҳияи хизмати содиқона ба Ватану миллат ва сазамини аҷдодии хеш бо шукуҳу ҷалоли хосса таҷлил менамоянд. Аҳамияти Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии ҶТ дар рушду инкишофи давлатдории миллии тоҷикон назир надорад. Дар робита ба аҳамияти таърихӣ ва сарнавиштсози Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии ҶТ дар рушди ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа як силсила корҳои арзишманд ва асарҳои гаронбаҳои илмии олимону донишмандони маъруфи тоҷик ба табъ расидаанд.

Ба андешаи профессор Насриддинзода Э.С. сиёсати ҳуқуқии ҶТ дар соҳаи фарҳанги ҳуқуқӣ ба қабул ва амалӣ намудани қарорҳои Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии ҶТ пайванди ногусастанӣ дорад. Ба назари ӯ Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии ҶТ ҳамчун нуқтаи гардиш дар ҳаёти сиёсӣ дар пайдоиш ва ташаккули арзишҳои фарҳанги ҳуқуқӣ, аз қабили давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ, иҷтимоӣ, соҳибихтиёр, ҷумҳурии президентӣ, дахлнопазирии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, гуногуншаклии моликият, озодии фаъолияти иқтисодӣ, соҳибкории хусусӣ, гуногунии сиёсиву мафкуравӣ, низоми сиёсии бисёрҳизбӣ, парламентаризм, мустақилияти ҳокимияти судӣ, худидораи маҳаллӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар замони Шӯравӣ ҷой надоштанд, нақши ҳалкунанда дорад. Дар Иҷлосияи таърихӣ беш аз 70 қонуну қарорҳои дахлдор (аз ҷумла қонуну дар бораи афви умум, гурезагон, имтиёзҳо барои маъюбони ҷанги шаҳрвандӣ ва оилаҳое, ки саробони худро аз даст додаанд) қабул шуданд, ки минбаъд барои мустаҳкам намудани асосҳои сохтори конститутсионии кишвар, таъмини волоияти қонун ва таҳкими қонуният, гирифтани пеши роҳи ҷанги шаҳрвандӣ, таҳкими муносибатҳои хориҷӣ, фаъолияти мунтазами мақомоти давлат, аз он ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, заминаи боэътимод гузоштанд.

Бузургтарин дастоварди ин иҷлосияи тақдирсоз он буд, ки фарзанди бонангу номус, далеру ҷасур, покзамиру нексиришт ва ғурури баланди миллидошта Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун Сарвари давлат тавлид ва ӯро ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ ҳидоят намуд. Ин фарзанди фарзонаи миллат. Бояд ҷавонмардона эътироф намуд, ки ба зима гирифтани масъулият ба кори давлатдориву давлатсозӣ дар ҷойи хушку холӣ, бе заминаҳои муайяни устувори молияиву моддӣ, иқтисодиёти фалаҷгашта саҳлу осон набуд. Танҳо нафаре метавонист ба ин корҳо дастболо шавад, ки бо дарки ғуруру ҳуввияти баланди миллӣ тамоми ҳастиву вуҷуди хешро ба миллату сарзамини хеш фидо кунад. Дар заминаи қабули қарорҳои таърихию тақдирсоз, роҳандозӣ намудани ташаббусҳои созандаву сиёсати ҳадафмандона ва андешидани силсилаи тадбирҳои мақсаднокӣ фарзанди содиқу вафодори миллат - Сарвари маҳбуби тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқии кишвар дигаргуниҳои куллӣ ба вуқӯъ пайваста заминаҳои боэътимоду устувори бунёди аркони давлатдории миллӣ гузошта шуд. ҶТ роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёд, соҳибихтиёр, демократӣ, дунявӣ ва ягонаро пеш гирифта, дар як муҳлати кутоҳи таърихӣ рамзҳои соҳибихтиёрӣ Конститутсия, Нишон, Парчам, Суруди миллӣ, асъори миллӣ ва тамоми рукнҳои давлатдории миллӣ гашт.

Бо шарофати дастуру супоришҳо ва ҳидоятҳои бевоситаи Пешвои миллат корҳои созандагиву бунёдкорӣ дар кишвар вусъат тоза ва бесобиқа пайдо намуданд. Дар натиҷаи амалисозии сиёсати сулҳҷӯёна ва бомароми хориҷии Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо назардошти манфиатҳои миллӣ ҶТ ҳамчун қисмати ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳон имрӯз аз ҷониби 151 давлатҳои дунё ба расмият шинохта шуда, бо беш аз 126 давлатҳои дунё ҳамкориҳои неки дипломатиро ба роҳ монда, ба аъзогии 51 созмонҳои бонуфузтарини байналмилалӣ, минтақавӣ ва ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ пазируфта шудааст. Беш аз 350 санади ҳуқуқи байналмилалии бисёртарафа ва беш 1200 санади ҳуқуқи байналмилалии дутарафаро ҶТ ба имзо расонидааст, ки онҳо асоси ҳуқуқии муносибату ҳамкории ҶТ-ро дар сатҳ ва форматҳои гуногун таъмин менамоянд. Мо аз он ифтихормандем, ки бо азму талошҳои пайгиронаи Сарвари маҳбуби Ватанамон Тоҷикистонро ҷаҳон шинохт, миллати тоҷик дар дунё муаррифӣ гашт, овози тоҷик ба гӯши аҳли башар рас«Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об, соли 2013», «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028» мебошад, ки имрӯз дар сатҳи ҷаҳонӣ пазируфта ва амалӣ шуда истодааст. Гузашта аз ин тӯли солҳои соҳибихтиёрии давлатӣ Тоҷикистон ба як макони асосии баргузории ҷорабиниҳои муҳими сиёсӣ ва ҳаммоишҳои сатҳи баланди байналмилалӣ табдил ёфтааст. Хизматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти ҶТ, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти эҳё ва эҳтироми суннату арзишҳои миллӣ, зинда гардонидани номи шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ, мутафаккирони оламшумули тоҷику форс, чеҳраҳои шинохтаи динӣ ва аҳли илму адаб беназиранд. Иқдомҳои амалинамудаи Пешвои миллат дар ин ҷода беихтиёр ба шинохт ва эътирофу эҳтироми дастовардҳои таърихии миллати тоҷик, гиромидошти мероси бою пурғановати ниёгонамон, густариши ҳуввияти миллӣ ва боло рафтани ғуруру нангу номуси меҳанпарастӣ мусоидат намуданд. Таъмини сулҳ, ваҳдати сартосарӣ, ризоияти миллӣ, оромию субот дар ҷомеа, хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ, баргардонидани тамоми гурезагони иҷборӣ ба Ватан, аз вартаи нестӣ ва пароканадагӣ наҷот додани давлату миллати тоҷик, аз бузургтарин ва беназиртарин хизматҳои тақдирсозеанд, ки Пешвои миллат барои давлату миллати тоҷик анҷом додаанд. Бузургтарин дастоварди Эмомалӣ Раҳмон, бешубҳа, барқарор кардани сулҳи комил ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон аст. Маҳз бо шарофати хизматҳои барҷаставу арзандаи таърихии ин абармарди бузурги саҳнаи сиёсат дар самти таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ, хомӯш кардани оташи ҷанги шаҳрвандӣ ва рафъи хатари пароканадашавии миллату заволёбии давлат бо дастгириву ташаббусҳои бевоситаи халқи Тоҷикистон якдилона бо қалби саршор аз меҳру муҳаббат ба ӯ мақоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат лоиқ дониста шуда, аз тариқи қонун танзими ҳуқуқӣ пайдо кард. Итминон дорем, ки кохи муҳташами сулҳи тоҷикон, ки бевосита бо дастони ин чеҳраи сиёсии эътирофшудаи сатҳи байналмилалӣ бунёд шудааст, ҳазорсолаҳо бегазанд хоҳад монд. Бовар дорем, ки таҷрибаи бузурги сулҳоварӣ ва давлату миллатсозии Пешвои нави ҳуқуқӣ, таҳия ва қабули қонунҳои ҷавобгӯй ба стандартҳои байналмилалӣ, муайян намудани шакли сохти давлатию идоракунӣ, фароҳам овардани шароити арзанда барои зисту зиндагонии аҳолии кишвар ва ҳамзамон таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун арзиши олӣ тадбирҳои ҷиддиеро роҳандозӣ ва корҳои бузургеро амалӣ намоянд. Табиист, ки иҷрои ҳар як амал ва пиёда намудани ислоҳот дар самти низоми давлатдорӣ аз эҳёи заминаҳои ҳуқуқии он оғоз меёбад. Яке аз музафариятҳои муҳимми Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии ҶТ дар бахши қонунгузорӣ гузоштани замина барои таҳия ва қабули Конститутсияи нави мамлакат буд. Бинобар ҳамин қабули Конститутсияи ҶТ дар солҳои аввали соҳибихтиёрии давлатӣ яке аз дастовардҳои бузург ва нодири ҶТ маҳсуб меёбад. Мардуми шарифи Тоҷикистон 6 уми ноябри соли 1994 аз тариқи райъпурсии умумихалқӣ бо тарафдории аксарият Конститутсияи ҶТро қабул намуданд. Қабули Конститутсия дар воқеъ дар таърихи пешрафти ҳар як миллату давлат нақши созандаву калидиро иҷро менамояд. Қабули Қонуни асосии кишвар боис гардид, ки дурнамои инкишофу пешрафти Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ, соҳибихтиёр, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона муайян карда шавад. Қобили қайд аст, ки Конститутсияи ҶТ бо дарназардошти ба назари эътибор гирифтани беҳтарин арзишҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои мутаммаддини дунё, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии низоми ҳуқуқии кишварҳои пешрафта, таҷрибаи давлатдорӣ ва суннату одатҳои таърихии миллии тоҷикон таҳия ва қабул карда шудааст. Қабули Конститутсия заминаҳои боэътимоди ҳуқуқиву ташкилиро дар самти қабули қонунҳои нави ҷавобгӯй ба талаботи замон рӯйи кор овард. Бо назардошти мустаҷиман амал кардани меъёрҳои Қонститутсияи ҶТ дар қаламрави кишвар ва қувваи олии ҳуқуқӣ доштани он нисбат ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ зарурати ба Конститутсия мутобиқ намудани қонунҳои амалкунанда ва ё аз нав қабул кардани онҳо ба миён омаданд. Дар бобҳои алоҳидаи Конститутсия масъалаҳои марбут ба асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҳамчунин ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд мустаҳкам гардида,

# ТАҲКИМИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ ВА РУШДИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ



Абдуллоев Н.А.
дотсенти кафедра

кафолатҳои амалишавии онҳо низ муқаррар гардиданд. Дар умум муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқии кишвар дар Конститутсия инъикос ёфтаанд. Бо дарназардошти ба вуқӯъ пайвастани дигаргунӣ ва пешравиҳои дар ҷомеа солҳои 1999, 2003 ва 2016 ба Конститутсияи ҶТ тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки онҳо барои ҳифзи манфиатҳои миллат, давлати тоҷикон ва таъмину амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд шароитҳои арзандаро ба миён оварданд.

Зимнан бояд иброз намуд, ки Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии ҶТ дар рушду инкишофи ҳокимияти судӣ нақши муассир дорад. Бори нахуст дар моддаи 9-уми Конститутсияи ҶТ ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ эътироф карда шуд. Дар боби 8-уми он бошад (моддаҳои 84-92) вазифа, ваколат, принсипҳои фаъолият, талаботҳо оид ба таъйин ва интихоб шудани судяҳо, низоми судӣ мушаххас гардонида шуданд. Дар маҷмӯъ баъди касби истиқлолияти давлатӣ бо қабули Конститутсия дар ҶТ заминаҳои боэътимоди ҳуқуқиву ташкилӣ дар самти тақвият ва густариши минбаъдаи ҳокимияти судӣ, сохтори судӣ ва адолати судӣ руйи кор омаданд. Аз ҷумла, дар натиҷаи татбиқи мақсаднок ва бомароми ислоҳотҳои ҳуқуқӣ дар кишвар шароити муносиб ва мувофиқи фаъолияти судҳо дар самти ба амал баровардани адолати судӣ фароҳам оварда шуданд.

Мувофиқи Конститутсияи ҶТ ҳокимияти судӣ яке аз рукнҳои мустақили ҳокимияти давлатӣ эътироф шудааст. Ҳокимияти судӣ мустақил буда аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ мегардад, ҳуқуқ, озодиҳои инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро ҳифз менамояд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ гувоҳ аст, ки яке аз роҳҳои асосӣ ва пешқадамтарини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ин ҳифзи судист. Ҳокимияти судӣ яке аз кафолатҳои асосии таъмини арзиши олӣ будани ҳуқуқу озодиҳои инсон баромад менамояд. Дар асоси Конститутсияи ҶТ соли 1995 силсилаи қонунҳо доир ба мақомоти судӣ қабул карда шуданд. Бояд қайд кард, ки фаъолияти ҳокимияти судӣ дар самти амалӣ намудани адолати судӣ он солҳо яксону ҳамвор набуд. Зеро, бо назардошти қарор доштани ҶТ дар вазъияти баъд аз низоъҳои дохилӣ, то андозае фалаҷ гаштани фаъолияти сохторҳои давлатӣ, қарор доштани шаҳрвандон дар ҳолати яъсу ноумедӣ зарур буд, ки қонуну қарорҳои қабулшуда барои таъмини сулҳу субот, ҳамдигарфаҳмии комил ва фазои орому субот дар кишвар мусоидат намуда, дар дили ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон умеду бовариро ба сӯйи ояндаи дурахшони ин давлату сарзамин бедор менамуд. Дар робита ба ин масъала яке аз саҳифаҳои муҳими таърихи навини давлати ҷавони Тоҷикистонро ин ба имзо расонидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ соли 1997 ташкил медиҳад.

Созишномаи мазкур заминаҳои муайяни ҳуқуқӣ ва ташкилиро дар самти амалисозии ислоҳотҳои низоми давлатдорӣ рӯйи кор овард. Бо мақсади таъмини механизми назорат ва татбиқи Созишномаи умумӣ Комиссияи оштии миллӣ таъсис дода шуд. Комиссияи оштии миллӣ лоиҳаи тағйиру иловаҳоро ба Конститутсия таҳия ва пешниҳод намуд, ки яке аз масъалаҳои маркази онро такмили мустақилиятии низоми судӣ ташкил медод. Дар заминаи амалишавии ислоҳоти конститутсионӣ 26 сентябри соли 1999 ба Конститутсия тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки тавассути он дар роҳи устувор гардонидани пояҳои давлати демокративу ҳуқуқбунед қадами устувор гузошта шуд. Дар заминаи ин тағйиротҳо бо фармони Президенти ҶТ аз 14 декабри соли 1999 таҳти № 48 Шӯрои адлияи ҶТ таъсис дода шуда ҳалли масъалаҳои таъминоти ташкилии фаъолияти судҳо аз Вазорати адлия ба салоҳияти ин ниҳоди навтаъсис вогузор гардид. Таъсиси Шӯрои адлияро он замон метавон як қадами навбатӣ дар ҷодаи таъмини амалии усули таҷзияи ҳокимият ва таъмини мустақилияти ҳокимияти судӣ арзёбӣ намуд. Дар заминаи ҳамин тағйироту иловаҳо соли 2001 Қонуни нави конститутсионии ҶТ «Дар бораи судҳои ҶТ» қабул карда шуд. Ҳамзамон дар заминаи тағйиру иловаҳои Конститутсия муҳлати ваколати судяҳо ба 10 сол дароз гардида, синни ниҳоии номзадҳои ба вазифаи судягӣ пешниҳодшаванда 65 сол муқаррар гардид. Тағйиротҳои қабулгардида аз як тараф ҷиҳати ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани қонунгузории миллии кишвар мусоидат намуда, аз дигар ҷиҳат ба рушду таҳкими минбаъдаи низоми судӣ ва ҳокимияти судӣ дар кишвар шароити арзандаро фароҳам овард.

Хотирнишон бояд сохт, ки масъалаи инкишофу пешрафти низоми судӣ, таъмини мустақилияту шаффофияти фаъолияти судҳо дар Тоҷикистон ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи роҳбарияти давлат қарор дорад. Зеро таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи дунё, омӯзиш ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии низомҳои пешрафтаи ҳуқуқӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки муҳимтарин масъала ва баҳсҳои ҳуқуқӣ, ки ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд иртибот доранд, аз ҷониби суд ҳал карда мешаванд. Аз ин рӯ, яке аз мавзӯъҳои маркази Паёмҳои ҳамасолаи Президенти ҶТ, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба Маҷлиси Олии ҶТ ин масъалаи сол аз сол тақвият додани фаъолияти ҳокимияти судӣ ва дар ин замина таҳия ва қабул намудани барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон ташкил медиҳад. Дар заминаи Паёмҳои Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ ба хотири таҳким бахшидан ба фаъолияти минбаъдаи ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани нақш ва мавқеи он дар ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, таъмини ҳамаҷонибаи қонунияту адолат бо фармонҳои Президенти ҶТ аз 23 июни соли 2007, таҳти № 271 «Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2007-2010» ва аз 3 январи соли 2011, таҳти № 976 «Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2011-2013» қабул карда шуданд. Бояд қайд кард, ки асосан чорабиниҳои дар доираи барномаҳои зикргардида таҳия шуда, амалӣ карда шуданд. Амалисозии барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар кишвар шаҳодати ғамхориҳои рӯзафзуни Президенти кишвар ба фаъолияти мақомоти судӣ буда, барои тадриҷан боло бурдани нуфузу эътибори онҳо дар ҷомеа, ҳамчун ниҳоди ҷомеаи демократӣ мусоидат менамояд. Дар заминаи амалисозии ислоҳоти судӣ кодексҳои мурофиавии граждании, мурофиавии ҷиноятӣ, мурофиаи иқтисодӣ ва мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ қабул карда шуданд. Дар сохтори Суди Олӣ, судҳои вилоят, суди ВМКБ, шаҳри Душанбе бошад коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ ва маъмурӣ таъсис дода шуданд. Ҳамзамон ба мақсади беҳтар намудани фаъолият дар самти интихоб ва ҷобаҷогузорри номзадҳо ба вазифаи судягӣ ниҳоди «судя-коромӯз» таъсис дода шуд. Ҳамзамон дар заминаи ҳамин барномаҳо қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Суди конститутсионии ҶТ", "Дар бораи судҳои ҶТ", Қонуни ҶТ "Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ", Кодекси одоби судяҳои ҶТ ва як зумра қонунҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои дахлдори ҶТ қабул карда шуданд.

Дар ниҳояти кор мақсади ниҳоии ислоҳотҳои судӣ-ҳуқуқӣ ба он нигаронида шудаанд, ки дар Тоҷикистон як ҳокимияти судии воқеан пурқувват, мустақил, бонуфуз, беғараз ва касбӣ ташаккул ёбад ва ҳар як судя ба сифати таҷассумгари ғояву андешаи арзишҳои демократӣ, ба мисли дарки ҳуқуқ, озодӣ ва шаъну эътибори инсон ҳамчун арзиши олӣ тарбия ёбад.

Хурсандибахш аст, ки ба масъалаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон аҳамияти хосса зоҳир карда мешавад. Масъалаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон низ мавзӯи асосии аксарияти конференсияву ҳаммоишҳои илмиро ташкил медиҳад. Ҳамзамон ба ин масъала низ дар доираҳои илмӣ таваҷҷуҳи зиёд равона карда шуда, аз ҷониби олимону муҳаққиқони ватанӣ дар иртибот ба ислоҳот ва такмили минбаъдаи ҳокимият ва низоми судии кишвар андешаҳои созгор иброз шудаанд.

Бо мақсади таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ бо Фармони Президенти ҶТ аз 5-уми январи соли 2015, № 327 Барномаи нави ислоҳоти судӣ-ҳукуқӣ дар Чумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017 тасдиқ гардид. Мақсади асосии идомаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ин таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, соддагардонии ҷараёни мурофиаи судӣ, баланд бардоштани нақши суд дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, ҳимояи манфиати давлат, ташкилотҳо, таъмини қонунияту адолат ва дар заминаи он такмили сохтор ва фаъолияти мақомоти судии кишвар мебошад.

Тавре ки иттилоъ дорем, рӯзи 22-юми майи соли 2016 дар ҶТ ба мақсади ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ раъйпурсии умумихалқӣ баргузор гардид. Дар натиҷа бо гирифтани 94,5 фоизи овози раъйдиҳандагон лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ дастгирӣ ёфт. Дар заминаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ баъзе аз меъёрҳои нави ҳуқуқие мустаҳкам шуданд, ки зарурати аз нав бознигарӣ кардани падидаҳои марбут ба низом, сохтор ва ҳокимияти судии кишварро асос гузоштанд. Аз ҷумла, мувофиқи тағйиротҳои воридшуда аз моддаи 69-и Конститутсияи ҶТ банди 12 хориҷ карда шуда, ҳамзамон як қатор навгониҳо ба боби 8-ум, ки "суд" ном дорад, ворид карда шуд. Дар асоси тағйиротҳое, ки ба моддаи 86-и Конститутсия ворид карда шуд, минбаъд судяҳои суди ҳарбӣ, судяҳои суди ВМКБ, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, судяҳои Суди иқтисодии ВМКБ, вилоят ва шаҳри Душанбе бо тартиби муқарраркардаи қонуни конститутсионӣ ба вазифа таъйин ва озод карда мешаванд. Гузашта аз рӯзи 9 июни соли 2016 дар заминаи тағйиротҳои ба Конститутсия ворид кардашуда аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ фармонҳо «Дар бораи барҳам додани Шӯрои адлияи ҶТ», Дар бораи сохтори дастгоҳ, нақшаи идоракунӣ ва шумораи воҳидҳои кории Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии ҶТ ба имзо расид. Фармонҳои мазкур ҷиҳати дар амал татбиқ намудани муқарраротҳои наве, ки дар натиҷаи раъйпурсии умумихалкӣ рӯзи 22 майи соли 2016 ба Конститутсияи ҶТ вобаста ба ислоҳоти сохтории судии кишвар ворид карда шудаанд, равона гардидаанд. Тибқи фармонҳои мазкур масъалаҳое, ки ба салоҳияти Шӯрои адлия дахл доштанд, минбаъд дар доираи ислоҳоти сохторӣ мутаносибан ба зиммаи Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ вогузор мегарданд. Дар ҳамин замина ба Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи судҳои ҶТ" тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, он ба мазмуну муқаррароти Конститутсияи ҶТ, санадҳои байналмилалии пазируфтаи Тоҷикистон, фармонҳои Президенти ҶТ «Дар бораи барҳам додани Шӯрои адлияи ҶТ», Дар бораи сохтори дастгоҳ, нақшаи идоракунӣ ва шумораи воҳидҳои кории Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии ҶТ мувофиқ гардонида шуд. Мувофиқи тағйиротҳои воридшуда тамоми масъалаҳои вобаста ба ташкили фаъолияти мақомоти судӣ, таъмини моддию техникии ин сохтор, таъминоти кадрӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони судҳо, назорати судӣ аз болои фаъолияти судҳо, ҷорӣ намудани таҷрибаи якхела ва татбиқи дурусти қонунҳо аз ҷониби Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ амалӣ карда мешаванд.

**АДАБИЁТ:**

1. Авзалов А.Х. Базе мулоҳизаҳо оид ба барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар ҶТ барои солҳои 2015-2017 // Рушди ҳуқуқи судӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар ҶТ (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, ш. Душанбе, 22 октябри соли 2015) / зери таҳрири Маҳмудов И.Т., Сафаров А.И. - Душанбе: Империал - Групп, 2015.
2. Гафуров Х.М. Перспективы развития судов общей юрисдикции в условиях судебно-правовой реформы в Таджикистане /Ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳали он (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 40-солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ). Зери назари мудири кафедраи ҳукуки судӣ ва назорати прокурорӣ, н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. Душанбе: «Сино». 2014.
3. Ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳали он (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 40-солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ). Зери назари мудири кафедраи ҳукуки судӣ ва назорати прокурорӣ, н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. Душанбе: «Сино». 2014. 292 саҳ
4. Маҳмудов И.Т. Ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон – тақозои замон // Такмили қонунгузории ҶТ оид ба ҳуқуқи инсон (маводҳои конфронси илмӣ-назариявӣ бахшида ба муносибати 30-юмин солгарди қабули Конвенсияи СММ оид ба зидди шиканҷа дигар муносибатҳои ғайриинсонӣ) / зери таҳрири Сафаров Б.А ва Диноршоев А.М. - Душанбе, 2015.
5. Насриддинзода Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ. Душанбе: «Эрграф», 2016. 316 с.
6. Нақши Президенти ҶТ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ваҳдати миллӣ // маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ ( 15-16-уми июни соли 2017) зери таҳрири н.и.ҳ. Раҳмон Д.С. Душанбе. 2017. 203 саҳ.

# ҶАЛАСАИ ПАДАРУ МОДАРОН






Аз 14-уми октябри соли 2017 сар карда то 18-уми ноябр ҳар ҳафта рӯзи шанбе дар факултет силсилаҷаласаҳои падару модарони донишҷӯёни курсҳои 1-5 баргузор гардид.

Ҷаласаҳо бо сухани ифтитоҳии декани факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Раҳмон Д.С. ҳусни оғоз ёфта, номбурда таъкид менамуданд, ки дар шароити кунунии рушди давлатдорӣ бо назардошти омилҳои гуногун зарурияти омода намудани ҳуқуқшиносони насли муосир, ки ҳаматарафа аз донишҳои ҳуқуқӣ бархурдор буда, дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ, пос доштани арзишу суннатҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлат, гиромидошти тамомияти арзӣ ва якпорчагии Тоҷикистон тарбия ёфтаанд, ба миён омадааст. Ҳуқуқшиносони насли муосир бояд нафароне бошанд, ки ҷиҳати таъмини адолат, таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва таъмини амният дар кишвар ҷидду ҷаҳд дошта бошанд. Бинобар ҳамин баргузории ҷаласаи падару модарон ин масъулиятро дучанд гардонида, ба раванди таҳсили донишҷӯён низ таъсири мусбат мерасонад.

Қайд гардид, ки имрӯз тамоми имкониятҳо барои таҳсил дар мамлакат, аз ҷумла дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ фароҳам оварда шудааст ва донишҷӯён метавонанд аз ин шароиту имкониятҳо пурра истифода намоянд.

Ҳангоми ҷаласаҳо давомот, хониш, рафтор ва дигар паҳлуҳои фаъолияти донишҷӯён дар факултет дар шакли рӯнамоӣ (презентатсия) аз ҷониби муовинони декан пешкаши волидайн кунонида шуд. Аз ҷумла қайд карда шуд, ки садорати факултети ҳуқуқшиносӣ шароит фароҳам овардааст, то падару модарони донишҷӯёне, ки дар шаҳру ноҳияҳои дурдасти кишвар истиқомат менамоянд, бо тариқи телефонӣ,



суроғаи электронии факултет ва ҷадвали электронии вазъи хониши донишҷӯён аз аҳволи фарзандони худ бохабар бошанд.

Дар баромади хеш муовинони декан (Мизоев П., Кабутов Э., Саидов И., Шарифзода И., Шарифзода С.) диққати волидайнро ба мазмуни Қонунҳои ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар ҶТ», «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ» ва ғ. ҷалб намуда, иҷрои бечунучарои қонунҳои кишварро дар ин самт талаб намуданд. Аз ҷумла мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» падару модар вазифадоранд, ки бо муассисаҳои таълимӣ ҳамкории зич дошта бошанд. Бинобар ин аз волидайни донишҷӯён даъват ба амал оварда шуд, ки ин ҳамкориро боз ҳам ҷоннок намоянд. Падару модарон низ ин иқдоми садорати факултетро ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, дар сатҳи баланди ташкилӣ доир намудани ҷамъомадҳоро нишон аз масъулият ва иҷрои қонунҳои кишвар аз ҷониби садорати факултет унвон карданд.



**Масъул:**
**Қурбоналӣ ҚУРБОНЗОДА**
**мудири кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ**

# ДАСТАИ ФАКУЛТЕТ – ҒОЛИБИ МУСОБИҚАИ ФУТБОЛ

Хурсандибахш аст, ки донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ на танҳо дар бахши таълим ва тарбия ба дастовардҳои назаррас ноил мегарданд, балки дар варзишҳои гуногун низ аз маҳорати хуб бархӯрдоранд. Чунончи, чанде пеш дастаи донишҷӯёни факултет дар мусобиқаи кушод оид ба футболи хурд байни донишҷӯёни факултаҳо дар соли таҳсили 2017-2018 ҳамаи рақибони худро шикаст дода, соҳиби мақоми аввал гардид.

Мақсад аз гузаронидани мусобиқаи мазкур пеш аз ҳама ин мустаҳкам намудани алоқаи дӯстӣ байни варзишгарони донишгоҳ, тартибу ташвиқи бозии футбол дар байни онҳо ва ба баланд бардоштани маҳорати касбии варзишгарон ва завқманд намудани онҳо буд. Мусобиқаи мазкур байни дастаҳои якачини факултаҳои донишгоҳ аз 18 октябр оғоз гардид. Ин мусобиқа дар майдончаи варзишии шаҳраки донишҷӯён ҳамарӯза аз соати 14 то 16 баргузор гардида, бо муваффақият анҷом ёфт. Мусобиқа таҳти роҳбарии раёсати донишгоҳ, мудири кафедраи тарбияи ҷисмонӣ, клуби варзишӣ ва доварони мусобиқа гузаронида шуд. Ҳамаи иштирокчиёни дастаҳо бо сару либоси варзишӣ таъмин гардида буданд. Доварон дар рафти мусобиқа пеш аз ҳама ба одоб ва рафтору ахлоқи ҳамидаи донишҷӯён аҳамият медоданд.



Сардовари мусобиқа – Раҳмонов Нуриддин Сафархонович; довари асосӣ – довари дараҷаи ҷумҳуриявӣ Куралов Фарҳод Ҳамзаалиевич; довари кунҷӣ – довари дараҷаи ҷумҳуриявӣ Ҳабибов Шоҳ Сафарович.

Тавре доварон иброз доштанд, дар ин мусобиқа донишҷӯёни факултаи ҳуқуқшиносӣ маҳорати хуби варзишӣ нишон доданд. Онҳо аз аввал нисбат ба дигар факултаҳо пешсафу фаъолтар буданд ва маҳз ҳамин кӯшишу заҳматҳо онҳоро дар ин мусобиқа қаҳрамон гардонид. Натиҷаи мусобиқа чунин аст:

**Ҷойи 1: факултети ҳуқуқшиносӣ.**

**Ҷойи 2: факултети фалсафа.**

**Ҷойи 3: факултети молиявию иқтисодӣ.**

Ба ғолибон ҷоми ифтихорномаҳо супорида шуд.

Садорати факултет дастаи варзишии ҳуқуқшиносонро ба ин муваффақиятҳошон табрик намуда, ба эшон ғалабаҳои нав ба нав ва дастовардҳои аз ин бештарро орзу менамояд.



**Масъул:**
**Саймуддин БОБОЕВ**

# ҲИСОБОТ ОИД БА КОРҲОИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТӢ ДАР СОЛИ 2017

Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар баробари фаъолияти таълимӣ, ҳамзамон яке аз марказҳои бонуфузи илмӣ-тадқиқотӣ ба ҳисоб меравад, ки ҳамасола оид ба ин бахши фаъолияташ ба раёсати ДМТ ҳисобот пешниҳод месозад. Чунончи, санаи 18-уми ноябри соли 2017 ҳисоботи солонаи факултет оид ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар соли 2017 ироа гардид. Аз ҷумла соли 2017 яке аз солҳои бобарор ва пурсамари корҳои илмӣ-тадқиқотӣ барои факултети ҳуқуқшиносӣ унвон дода шуд. Дар ин сол устодони факултет оид ба масъалаҳои гуногуни назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, соҳаҳои ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, ҳуқуқи андоз, ҳуқуқи молия, ҳуқуқи ҷиноятӣ, мурофиаи гражданӣ, ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, ҳуқуқи байналхалқии оммавӣ, ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ, ҳуқуқи замин, ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқи экологӣ, ҳуқуқи нақлиёт, ҳуқуқи кишоварзӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи гумрук, ҳуқуқи манзил, ҳуқуқи нақлиёт ва ғ. ба дастовардҳои назаррас ноил гардиданд.

Шумораи умумии омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносӣ дар соли ҳисоботӣ 137 нафар (20 нафар зан)-ро ташкил дода, барои иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ 122 нафари онҳо ҷалб карда шудаанд. Дар қатори онҳо 17 нафар доктори илми ҳуқуқ, профессор мебошанд, ки аз ин шумора 2 нафар Академики АИ ҶТ, 2 нафар узви вобастаи АИ ҶТ, 48 нафар дотсент (43 номзади илми ҳуқуқ, 3 нафар номзади илмҳои филологӣ ва 2 нафар номзади илмҳои педагогӣ, аз ин шумора 10 нафарашон зан), 12 нафар муаллими калон (1 нафар зан ва 1 нафар номзади илми ҳуқуқ) ва 57 нафар ассистент (7 нафар зан ва 2 нафар номзади илми ҳуқуқ) мебошанд.

Дар соли равон дотсентон Имомов А.И., Қурбонов Қ.Б., Идиев Ф.Ф., Мирбобоева Р.В., муаллими калон Қодиров Ҷ. ва ассистент Саломов И.И. бо ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми ҶТ, ифтихорномаи ДМТ, нишони сарисинагии Аълочии маориф ва илм, ҳамчунин мукофотҳои пулӣ қадрдонӣ шуданд.

Дар соли 2017 дар партави чорабиниҳои муҳими сиёсии кишвар дар факултет 2 конференсияи байналмилалӣ, 6 конференсияи ҷумҳуриявӣ, 5 мизи мудаввари ҷумҳуриявӣ, 1 мизи мудаввари умумидонишгоҳӣ ва 6 семинарҳои илмӣ-назариявӣ баргузор гардидааст.

**Имсол дар Форуми сеюми миллӣ оид ба волоияти қонун дар ҶТ 46 нафар омӯзгорон дар умум иштирок намуда, андешаҳои худро перомуни мавзӯъҳои мубрами баррасишаванда баён намуданд. Бо ташаббуси факултет дар якҷоягӣ бо Вазорати адлия, факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи слаянии Русияву Тоҷикистон ва Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Форуми сеюми миллӣ оид ба волоияти қонун нахустин маротиба Форуми ҳуқуқшиносони ҷавон бахшида ба «Соли ҷавонон» ташкил карда шуд. Дар он зиёда аз 200 нафар донишҷӯёни факултет иштирок намуда, ҳудуди 25 нафар омӯзгорони ҷавон ва донишҷӯён бо маърӯза баромад намуданд. Бобохонов Ҳ.З. ассистенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣ ва Иззатуллоева С. донишҷӯи соли 4-и ихтисоси муносибатҳои байналмилалӣ (ҳуқуқ) ҳамчун баромадкунандаи беҳтарин бо тӯҳфаҳои пулӣ ва сертификат сарфароз гардонида шуданд.**

Дар факултети ҳуқуқшиносӣ 35 нафар аспирант (соли 2016 – 43, соли 2015 – 46, соли 2014 - 44, 2013 – 47, 2012 - 42) таҳсил менамоянд, ки аз ин шумора 17 нафар (соли 2016 – 14, соли 2015 – 12, 2014-13, 2013-16, 2012-15) дар шуъбаи рӯзона ва 25 нафари боқимондаро аспирантони шуъбаи ғоибона (соли 2016 – 29, соли 2015 – 34, 2014-32, 2013-31, 2012-27) ташкил медиҳанд. Дар факултет 47 нафар унвонҷӯ тадқиқотҳои илмӣ анҷом дода истодаанд. Ҳамзамон дар факултет 2 докторант, 1 докторанти PhD таҳсил менамоянд. Яке аз дастовардҳои муҳим дар ин самт таъсиси шӯрои диссертатсионии миллӣ 6D.КОА-002 барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D030100 - Ҳуқуқшиносӣ, 6D030200 - Ҳуқуқи байналмилалӣ ва 6D030300 - Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар факултет мебошад.



**Ҳамин тариқ, дар соли сипаригардида 2 рисолаи номзадӣ аз ҷониби омӯзгорони факултет ҳимоя гардиданд. Умуман дар факултети ҳуқуқшиносӣ 71 нафар омӯзгорони унвони илмӣ дошта фаъолият мекунанд, ки ин 51,8%-ро ташкил медиҳад. Агар мо ба панҷ соли охири фаъолияти факултети ҳуқуқшиносӣ (2017, 2016, 2015, 2014, 2013) назар афканем шумораи умумии омӯзгороне, ки дифоъ кардаанд 49 нафарро ташкил медиҳанд. Аз ин миқдор 9 нафар рисолаи докторӣ ва 40 нафар рисолаи номзадӣ дифоъ кардаанд.**

Дар соли ҳисоботӣ омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносӣ дар 205 барномаҳои телевизион ва радио вобаста ба масъалаҳои гуногун баромад ва суҳбатҳо намуданд.

Дар соли 2017 – 634 маводҳои чопӣ (соли 2016 – 617, соли 2015 – 663, соли 2014 – 650, соли 2013 – 494) ба нашр расонида шудааст. Аз ин шумора: Монография - 29 (соли 2016 – 28 – аз ин 3-тоаш дар хориҷа), (соли 2015 - 24- аз ин 2-тоаш дар хориҷа), (соли 2014 – 38 (5-тоаш дар хориҷа), соли 2013-38,); Китоби дарсӣ – 11 (соли 2016 – 3, соли 2015 – 8, соли 2014 – 12, соли 2013 – 14); Васоити таълимӣ – 42 (соли 2016 – 46, соли 2015 – 42, соли 2014-60, соли 2013 - 57); Дастури таълимию методӣ -15 (соли 2016 – 22, соли 2015 – 41, соли 2014-31, соли 2013 – 68,); Фишурда -26 (соли 2015 – 37, соли 2015 – 7, соли 2014-14, соли 2013 – 35); Мақолаҳои илмию оммавӣ 511 (соли 2016 – 481, соли 2015 – 541, соли 2014-508, соли 2013 - 307).

**Дар факултети ҳуқуқшиносӣ тӯли солҳои 2013, 2014, 2015, 2016 ва 2017 зиёда аз 3058 маводҳои илмӣ ба табъ расиданд, ки онро 157 монография, 48 китоби дарсӣ, 247 воситаи таълимӣ, 177 дастури методӣ, 119 фишурда ва 2348 мақолаҳои илмию оммавӣ ташкил медиҳад.**

**Соли 2017 дар факултети ҳуқуқшиносӣ 3 маҷаллаи илмӣ - иттиллоотии «Ҳаёти ҳуқуқӣ» (Правовая жизнь) тахти № 1, № 2, № 3 ва 3 нашри маҷаллаи илмӣ-амалии «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» (Государствоведение и права человека) тахти № 1,2 ва 3 (68-69) аз чоп баромаданд. Дар шумораҳои зикргардида мақолаи илмӣ, тафсир, тақриз, ёдоштҳои омӯзгорони факултет ва олимони барҷастаи Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Қирғизистон, Афғонистон, Эрон, Олмон, Украина, Белоруссия ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба табъ расидаанд. Дар баробари ин 17 шумораи газетаи «Минбари ҳуқуқшинос» дар соли 2017 аз чоп баромаданд, ки дар он мақолаҳои омӯзгорон, кормандони соҳаҳои гуногун, аспирантон ва донишҷӯёни факултет чоп карда шуданд.**

Бояд қайд намуд, ки яке аз талаботҳои нав дар соҳаи илм имрӯз дохил намудани мақола ва дигар маводҳои чопшудаи олимон ба руйхати индекси руссиягии иқтибосҳои илмӣ (РИНЦ) ба шумор меравад, ки дар ин самт омӯзгорони факултет фаъолияти худро ҷоннок намудаанд. Масалан, омӯзгорон Диноршоев А.М. (119 мақола, 1004 иқтибос, 11 хирш); Бобоева Н.И. (16 мақола, 116 иқтибос, 7 хирш); Салохидинова С.М. (46 мақола, 139 иқтибос, 6 хирш); Сафарзода Б.А. (35 мақола, 562 иқтибос, 4 хирш); Сафарзода А.И. (53 мақола, 161 иқтибос, 4 хирш); Насриддинзода Э.С.(33 мақола, 138 иқтибос, 4 хирш); Имомов А.И. (34 мақола, 319 иқтибос, 3 хирш); Холикзода А.Ғ.(25 мақола, 296 иқтибос, 3 хирш); Марифхонов Р.Н.(26 мақола, 36 иқтибос, 3 хирш) рейтинги баландро соҳибанд. Дигар омӯзгорони факултет низ дар ин самт кори худро бояд ҷоннок намоянд.

Дар соли ҳисоботӣ донишҷӯёни факултет ҷиҳати иштирок дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварданд: Аз ҷумла миёни онҳо донишҷӯи курси 5-уми шуъбаи рӯзона Сафаралиев Далер зери роҳбарии бевоситаи Абдуллоев П.С. ҷои аввалро дар Ҷоми Академияи илмҳои ҶТ ба даст овард. Дар идомаи ҳафтаи забонҳои хориҷӣ санаи 19-уми октябри соли 2017 дар ҳошияи маҳфили мубоҳисавии «Ворисони Куруш» озмуни «Ҷоми Куруш»-2017 бо шукӯҳу шаҳомати хоса ташкил ва бо забони англисӣ баргузор шуд. Дар анҷоми мусобиқа дастаи «De jure» донишҷӯёни соли 4-уми ихтисоси ҳуқуқи байналхалқӣ Ҷурахонов Баҳодур, Қиёмиддинов Фарҳод ва донишҷӯи соли 4-уми ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ Аҳмадов Қандил ғолиби «Ҷоми Куруш» 2017 гардиданд.

**Дар озмуни «Хонандаи беҳтарини китобҳои Пешвои миллат» ки санаи 7-уми ноябр соли 2017 дар миёни донишҷӯёни ДМТ баргузор гардид Самандари Қаландар донишҷӯи курси сеюми факултети ҳуқуқшиносӣ сазовори ҷои якум, Муҳиддинов Анис донишҷӯи курси сеюми факултети ҳуқуқшиносӣ сазовори ҷои дуюм ва Буйдоқов Бурҳоналӣ донишҷӯи курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ сазовори ҷои сеюм гардиданд.**

Дар маҷмӯъ дастовардҳои факултет дар самти корҳои илмӣ-тадқиқотӣ хуб арзёбӣ гардида, қаноатбахш ҳисобида шуд.

**Масъул:**
**Парвиз АБДУЛЛОЗОДА**
**муовини декан оид ба илм ва равобити байналмилалӣ**

**ТАЪЗИЯ**

Идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» ва садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ба профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ Эмомалӣ Насриддинзода нисбат ба вафоти

**МОДАРАШ**

изҳори тасаллият менамоянд.



# ПАРЧАМ – РАМЗИ ОЗОДӢ ВА ИСТИҚЛОЛИЯТ



**Фарзона АСОЕВА
донишҷӯи соли 2 (ФҲҲ)**

Боиси хушнудист, ки ҳамасола санаи 24-уми ноябр мардуми шарифи Тоҷикистон бо як меҳри хосса ва тантанавор Рӯзи Парчамро дар шароити сулҳу субботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ истиқбол ва ҷашн мегиранд. Вобаста ба нақши парчам Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд, ки парчам барои миллат ахтар ва барои лашкар қудрат асту ҷилваи парчам шабеҳи болафшонии парандаи бахту иқбол аст. Парчам ҳамчун рамзи давлатӣ ва истиқлолияти сиёсӣ эътироф гардида, таҷассумгари орзуву армони ҳазорсолаи миллати соҳибтамаддуни тоҷик аст. Қобили зикр аст, ки парчам аз замонҳои қадим ҳамчун рамзи ваҳдату ягонагӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, рамзи мубориза барои озодӣ шинохта мешавад. Миллати тоҷик дорои таърихи куҳан ва суннатҳои хеле ғании давлатдорӣ буда, аз давраҳои бостонӣ соҳиби рамзу рукнҳои хосса мебошад. Мисоли ин тасвиру хусусиятҳои ҷудогонаи Дирафши Ковиён, ки ҳоло дар Ливои Президенти Тоҷикистон ҳамчун рамзи пойдорӣ ва бардавомии давлати миллии мо инъикос ёфтааст, хотирнишон кардан кофист. Парчам ҳамчун нишонаи муҳим ва арзишманди ҳар як халқу миллат, роҳи таърихии тайкардаи он ва ифодакунандаи истиқлолияти давлат ба ҳисоб меравад.

Аксарияти муҳаққиқон бар он назар мебошанд, ки дар давоми беш аз чорҳазорсолаи таърихи дирафшҳо, ки аввалини онҳо дар Бобул, Мисру Чин пайдо шудаанд, қавмҳои орийӣ бори нахуст дирафши давлатиро ба вуҷуд оварданд. Яъне, бо ифтихор метавон гуфт, ки аҷдодони мо аз ҷумлаи асосгузорони дирафшҳои шоҳиву давлатӣ дар олам мебошанд, ки офаридаҳояшон то ба имрӯз қариб дар ҳамон шакл боқӣ мондаанд. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки барои ҳифзи парчами аҷдодии худ ҳамеша талош варзем ва онро чун рамзи сарбаландии миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ парафшон нигоҳ дорем.



**Оятулло ҶОЙЛОБОВ
донишҷӯи соли 2**

Ҷашн гирифтани Рӯзи Парчам аз он шаҳодат медиҳад, ки мо халқи тоҷик бо масъулияти баланд ба таърихи ниёгони худ арҷ мегузорем. Мардуми тоҷик аз замонҳои қадим соҳиби парчам буд, ки инро метавон бо ду мисраи шеърӣ исбот кард.

**Фурӯ кишт з-ӯ сурху зарду бунафш,
Каме хондаш «ковиёни дирафш».**

Бояд қайд кард, ки ин байт дирафши Ковиён, парчами Коваи оҳангар (қаҳрамони «Шоҳнома»)-ро дар назар дорад, ки пешбанди чармини худро дар сари найзае баст ва ба муқобили Заҳҳоки морон бархост ва мардумро бар зидди зулму беадолатӣ ба шӯриш даъват намуд, ки ниҳоятан бар Заҳҳоки ситамгар зафарёб гашт. Шоҳ Фаридун ин дирафшро муқаддас ҳисобида, онро бо зару ҷавоҳирот ороста буд.

Моҳияти асосии парчам муттаҳид намудани мардум буда, ҳидоят ба якдилию қаҳрамонӣ баҳри озодӣ ва соҳибистиқлолӣ менамояд. Моҳи ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии ҶТ, ки дар онояндаи миллати тоҷик пешбинӣ мегардид, нахустин рамзи давлати соҳибистиқлоламон – Парчам қабул карда шуд.



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо нишони эҳтирому садоқат ба парчами миллӣ бо фармони худ дар таърихи 20-уми ноябри соли 2009 санаи 24-уми ноябрро ҳамчун Рӯзи парчами давлатии ҶТ эълон карданд.

Ба хотири мақому манзалати парчам ҳамчун рукни давлатдорӣ 30-юми августи соли 2011 дар пойтахти мамлакат Парчами давлатӣ барафрохта шуд, ки баландиаш 165 метр мебошад. Ин баландтарин парчам дар ҷаҳон ба ҳисоб рафта, гувоҳи сарбаландиву саодатмандии миллати тоҷикро нишон медиҳад.



**Маҳмадҷон МУРОДОВ
донишҷӯи соли 2 (ФҲҲ)**

Имрӯз Парчами миллӣ ҳамчун рамзи давлатдории тоҷикон ба ҳисоб рафта, дар тамоми идораву муассисаҳои давлатӣ, кӯчаю хиёбонҳои шаҳру ноҳияҳо парафшон мебошад. Эҳтиром гузоштан нисбат ба парчами миллӣ қарзи ҳар як шаҳрванд аст, зеро парчам як рамзи хоссаи истиқлолият, ватандорӣ, соҳибдавлатӣ ва рамзи ҳастии миллат маҳсуб меёбад. Дар ҷаҳони муосир доштани парчами миллӣ аз истиқлолият ва ваҳдати миллӣ гувоҳӣ дода, тавассути он давлатҳои алоҳида худро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ мекунанд.

Парчами миллӣ рамзи гиромидошти яке аз муқаддасоти миллати соҳибмаърифат, нишонаи муборизаву ҷоннисории халқи тоҷик барои озодиву истиқлол, илҳомбахши кору фаъолияти фидокоронаи фарзандони содиқи миллат ва ҳидоятгару роҳнамои мардум ба сӯйи сарсабзиву шукуфоӣ ва зиндагии пурсаодат мебошад. Парчами миллӣ ҳамчун нишони азму иродаи устувори мардум барои ободии кишвари зебоманзарамон бо тобиши се ранг, ранги сурх – озодиву истиқлол, ранги сафед – сулҳу оромӣ, ранги сабз – озодиву хуррамӣ ва дар байни он рамзи тоҷи заррини соҳибдавлатӣ бо ҳафт ситораи дурахшон бори дигар аз мавҷудияти тамаддуну фарҳанги бостонии тоҷикон, пайкари созандагӣ ва ормонҳои ватанхоҳиву қаҳрамониҳои родмардони сарзаминамон башорат медиҳад.



**Гирдоварии
Ҳуснуддин САИДЗОДА
ассистенти кафедраи
ҳуқуқи гражданӣ**